# Худо ҷӯёи Тоҷикон аст



Накҳати Ҷон

«Ҳамаи қавмҳои насли одамизодро Ӯ аз як хун ба вуҷуд овардааст... То ки онҳо Худоро ҷустуҷӯ кунанд ва, шояд Ӯро ёбем гӯён, кӯр-кӯрона даст-даст карда нагарданд, гарчанде ки Ӯ аз ҳеҷ яке аз мо дур нест: Зеро ки мо дар Ӯ зиндагӣ ва ҳаракат мекунем ва вуҷуд дорем, чунон ки баъзе аз шоирони шумо низ гуфтанд: ‹мо фарзандони Ӯ ҳастем.›»

*Инҷил, Аъмол 17:26–28*

МУДАРИЧА

Муқаддима ........ 7

Қисми 1. ДАР ДАВРАИ ҲАХОМАНИШИҲО .... 9

Боби 1. Куруши Кабир ........ 10
Боби 2. Пайғамбар дар миёни Подшоҳонӣ Ҳахоманишиҳо ........ 21
Боби 3. Имондорон аз фиристодагони Худо дар миёнӣ тоҷикон. Зани подшоҳи Ҳахоманишӣ — Малика Эстер ........ 35
Боби 4. Пешгӯӣ барои Тоҷикон ........ 52

Қисми 2. ДАР ДАВРАИ ИСОИ МАСЕҲ ........ 57

Боби 5. Дар интизории наҷотдиҳанда аз тарафи Худо ........ 58
Боби 6. Пешгӯии Исои Масеҳ ........ 77
Боби 7. Портиён — Сарчашмаи Калисои Шарқ ........ 87
Боби 8. Паҳншавии Масеҳиён дар ҷойҳои Тоҷикнишин ........ 102
Боби 9. Давраи Сосониён — Соли 224 то 651 милодӣ ........ 107
Боби 10. Адабиёти Масеҳӣ дар давраи Сосониён ........ 114
Боби 11. Дар давраи Ислом ........ 124
Иловаҳо ........ 156
Адабиёт ........ 167

# МУҚАДДИМА

Хислати Худо васеъ ва ҳама амалу хости Худо фаҳмнопазир аст, вале як хислати Худо ба ман шавқовар аст — ин дар талабу ҷӯё будани Худованд ба одамизод. Барои чӣ Худо моро, ки гуноҳкорем, ҷӯён аст? Мо сазовори аҳамияти Худо нестем вале файзу муҳаббати Худост. Ҳошим Гадо мегуяд: «Ӯ бо мост, лек мо бо ӯ на!»

Худо доимо бо мост, вале дар тули асрҳо Тоҷикон дар талаби Худо набуданд. Ҷӯстуҷӯи рӯҳонӣ бояд ду тарафа бошад, аз тарафи Худо ва ҳам аз тарафи одамизод.

Мо дуогӯи онем, ки ин китоб хоҳиши дарёфти Офаридгоримонро дар вуҷуди мо бедор кунад.

Дар ин китоб мо ба таърихӣ ҷӯё будани Худо ба халқи Тоҷик аз замони Ҳахоманишиҳо то асрҳои миёна сухбат мекунем. Албатта умед ба он аст, ки ин саршавии омӯзишу таҳқиқи самимӣ мешавад. Мақсади ин навиштаҳо ин аст, ки имондорони тоҷик ба мероси мадании худ аҳамият диҳанд ва донанд, ки имони онҳо дар

асри 21 сар нашуда балки дар асрҳои гузаштаи дур сар шудааст.

Таърих ва навиштаҳои масеҳият ва ҳам ин китоб ба он далолат мекунад, ки Исои Масеҳ наҷотдиҳандаи дунё аст ва фақат Ӯ метавонад одамизодро бо Худо пайваст кунад, чунки Ӯ барои гуноҳони мо қурбонӣ шуд. **«Ман барои он таваллуд ёфтаам ва барои он ба ҷаҳон омадаам, ки бар ростӣ шаҳодат диҳам; ва ҳар кӣ аз ростист, овози Маро мешунавад.»** (Шаҳодати Исои Масеҳ дар назди Пилотус, Юҳанно 18:37).

Асари мазкур «Худо ҷӯёи тоҷикон аст» барои ҷалоли Худо навишта шудааст, ***«Нишинандаи тахт ва Барраро баракат ва шавкат ва ҷалол ва салтанат бод то абад!»*** (Ваҳй 5:13) Омин!



# Қисми 1

## ДАР ДАВРАИ ҲАХОМАНИШИҲО

# Боби 1

## КУРУШИ КАБИР

***Худо ба Одам хитоб карда, гуфт:***
***«Куҷоӣ ту?»***
Таврот, Ҳастӣ 3:9

Аз ибтидои миллати тоҷикон Худо ҷӯёи ин қавм мебошад, Ӯ халқи моро барвақт интихоб карда то имрӯз ҷустуҷӯ карда истодааст. Мақсади Худованд дар ин робита дар каломи Ирмиёи Набӣ баръало зоҳир аст: ***«ба шумоояндаи нек ва умедворӣ бибахшам»*** (Китоби Муқаддас, Ирмиё 29:11).

Аз таърихи халқӣ тоҷик маълум аст, ки тоҷикон аз гуруҳи форсизабонон буда дар осиёи миёна ҷудо аз туркҳою арабҳо ба вуҷуд омада бо номҳои Протиён, Эломиён, Модиён, Ориён, Бохтариҳо, Суғдиён, Марғиён, Хоразмиҳо маълум ҳастанд (Шукуров, 1969, саҳ. 376). Имрӯзҳо тоҷикон аксаран дар кишвари Тоҷикистон,



Ӯзбекистон ва Афғонистону Эрон зиндагӣ мекунанд (Ғафуров, 1989, саҳ. 38).

Мақсади китоби «Худо ҷӯёи Тоҷикон аст» — ин баён кардани таърихи зоҳир шудани Худо ба миллати форсизабон дар қадим ва муносибатти онҳоро бо Худо мебошад. Худованд барои амалӣ кардани нақшаи худ подшоҳони аҷдоди тоиконро истифода бурда дар миёни Тоҷикон паёмбаронро фиристод то, ки онҳо иродаи Худоро иҷро кунанд.

Инчунин мақсади дигар ин хулоса барорӣ аз рафтори амалии одамон ба аъмоли Худо мебошад.

## ИНТИХОБИ ПОДШОҲОНИ ҲАХОМАНИШИҲО

Худо мегӯяд: «Уқоберо аз шарқ,
Иҷрокунандаи қарори Худро аз кишвари дурдаст хондаам;
он чи гуфтаам, яқинан ба амал хоҳам овард;
он чи пешбинӣ намудаам, яқинан иҷро хоҳам кард.»

*Ишаъёи набӣ 46:11*

Пеш аз таъсис ёфтани давлати Ҳахоманишиҳоро пайғамбар Ишаъё дар бораи марг ва ҳаёти заминии Исои Масеҳ ва ҳам дар бораи шоҳи аввали Ҳахоманишӣ, Куруши Кабир пешгӯӣ карда буд (Ишаъёи Набӣ 53).

Аввал бояд инро донем, ки Ишаъёи набӣ дар солҳои 740 то 680 пеш аз милод зиндагӣ кардааст (Вилкинсон, 1983. саҳ. 191) ва мувофиқи таърихномаҳо Ишаъёи набӣ «дар айёми Узиё, Ютом, Оҳаз ва Ҳизқиё, подшоҳони Яҳудо» зиндагӣ мекард (Ишаъё 1:1). Куруши Кабир бошад солҳои 559–530 пеш аз милод ҳукмронӣ кардааст ва Ишаъё 120 сол пеш аз омадани Куруш пешгӯии худро кардааст. Ин далел, бори дигар ба мо ҳамадонии Худовандро собит менамояд.

### Пешгӯии Ишаъёи Набӣ

**«Ӯ *(Худо)* дар бораи Куруш мегӯяд: ‹Вай чӯпони Ман аст, ва ҳар он чиро хостаам, ба иҷро хоҳад расонид›. Ва дар бораи Ерусалим мегӯяд: ‹Бино хоҳад шуд!› ва дар бораи маъбад: ‹Бунёди ту ниҳода хоҳад шуд!›» Ишаъё 44:28.**

**«Худованд ба масеҳи Худ, ба Куруш, чунин мегӯяд: ‹Ман дасти рости туро гирифтаам, то халқҳоро пеши ту мағлуб намоям, ва Ман камарҳои подшоҳонро хоҳам кушод, то ки дарҳо пеши ту кушода шавад, ва дарвозаҳо баста нашавад» Ишаъё 45:1.**

Бори аввал номи «Куруш» аз ҷониби Худо зикр шудааст ва дар матни зикршуда ду маротиба *«туро ба номат хондам ва мӯҳтарам доштам»* (Ишаъё 45:3, 4) гуфта Худованд номи ин подшоҳро мегирад.



Дар ҷои дигар Худованд Куруши Кабирро «чӯпони Ман» мегӯяд. Ва Худованд медонист, ки Куруш аз кӯдакӣ дар дасти чӯпонон калон хоҳад шуд (Абдураҳмон, 2006, саҳ. 12, 411). Дар Китоби Муқаддас чӯпон маънои роҳбари рӯҳониро дорад. Куруши Кабир ба халқи Яҳудӣ ёрӣ карда хизмати Худовандро ма ҷо овард.

Сеюм, дар китоби Ишаъё Набӣ, Куруши Кабир бо тахаллуси «масеҳ» зикр шудааст, ки «масеҳ» маънои таъиншударо дорад. Дар забони тоҷикӣ калимаи «масҳ — молидан бо даст» мебошад (Шукуров, 1969, саҳ. 653). Дар замони қадим қабл аз таъин кардани подшоҳ сари ӯро бо равған масҳ мекарданд, пас ӯро ба подшоҳӣ таъин мекарданд (Китоби Муқаддас, 1 Подшоҳон 10:1, 16:13).



**Дарвозаи Иштар — Бобил**

Номи «масеҳ» махсус барои Исои Масеҳ аст, чунки Ӯ подшоҳи аҳди Довуд буда барои ҳукмронӣ таъин шудааст (1 Вақоеънома 17:3–15; *Луқо* 1:30–35; 2:10–12)[1].

[1] Дар 1 Вақоеънома 17:3–15 ин ваъда дар бораи оянда ас, вале дар *Луқо* 1:30–35; 2:10–12 ба амал омадани ин ваъдаро мебинем.

Дар пешгӯии Ишаъёи Набӣ бошад Худованд Куруши Кабирро барои дастгири кардани халқи Яҳудӣ таъин кардааст. Куруш ин намунаи бараълои наҷоткор аст, Куруши Кабир ҳатто душманони ашадии худро аз марг наҷот медод. Масалан: "шоҳи *Лидия* Крезро барои хиёнати дуборааш ҳукм карданд, ки оташ бизананд, вале Куруш на фақат оташ назад, балки озод кард" (Умарзода, 2006, саҳ. 232). Таърихшиносон исбот мекунанд, ки ӯ ба подшоҳони дигар ҳам наҷот додааст ва ин тимсоли Исои Масеҳ аст, ки наҷотдиҳандаи дунё аст то, ки онҳо аз гуноҳашон озод шаванд.

Дар ин пешгӯӣ инчунин хотирнишон шудааст, ки дар муддати ҳукмронии худ Куруш чандин амалҳои азимро бо ҷо овардааст; — барқарор намудани Ерусалими[2] харобгашта (Ишаъё 44:28) мағлуб намудани халқҳое, ки зидди Яҳудиён буданд (Ишаъё 45:1), бе Ерусалим баргардонидани Яҳудиён ва таъмири он (Эзро 1:1–11).

Дар соли 539 пеш аз милод Куруши Кабир давлвти Бобилро шикаст медиҳад ба Бобил ҳамла карда ин шаҳрро забт мекунад (Абдураҳмон, 2006, саҳ. 235).

Дар натиҷаи ин халқи Яҳуд ва ҳамчунин дигар халқиятҳое, ки дар асирии Бобил буданд озод шуда ба ватани худ баргаштанд.

Бароти Абдураҳмон чунин менависад: «Овози баланду кашишдори Эзрои коҳин, ки лабрези андӯҳ буд, дар сақфи толор танин афканд… Худованд барои наҷоти қавми мо рӯҳи Куруш — подшоҳи Порсро барангехт ва ӯ бо лашкари сершумораш қалъаи Бобулро фатҳ кард» (Абдураҳмон, 2006, саҳ. 255).

Хулоса ин пешгӯӣ чунин мақсад дорад, ***«Ман Худованд ҳастам, ва дигаре нест; ғайр аз Ман Худое нест»*** (Ишаъё 45:5). Ин суханон ҳафт маротиба зикр шудааст, ки ин таъкид барои халқи Яҳуд буд то онҳо ба Худо баргашта Ӯро парастиш кунанд. Ҳамчунин бо ин амалаш Худованд дар ҷустуҷӯи дигар халқҳо буданашро ва онҳоро барои парасташи Худ даъват карданаш аён мекнад. Худо давлати Ҳахоманиширо интихоб кард то, ки онҳо Ӯро шиносанд.

Мо бояд дарк кунем, ки ин пешгӯӣ чизи оддӣ набуд. Дар Китоби Муқаддас дар бораи халқи Яҳуд ва мақсади рӯҳонии Худо накл карда мешавад. Вале дар ин ҷо дар бораи як подшоҳи ғайри Яҳуд сухан меравад ва пурсида мешавад барои чӣ? Барои он, ки Худованд ҳам барои дигар миллатҳо ва аз он ҷумла барои миллати форс муҳим ва барои мухлати тулонӣ — тоҷикон низ, аҳамияти калон дорад.

[2] Шаҳри Ерусалим аз қадим пойтахти давлатӣ Яхудиён мебошад.

## ФАРМОНИ КУРУШИ КАБИР – ТАЪМИРИ МАЪБАД

Яҳудиён бе иҷозати подшоҳ ба Ерусалим баргашта ба таъмири маъбад сар карда наметавонистанд ва аз ин сабаб Худо бо рӯҳи Куруш кор кард.

***«Ва дар соли якуми Куруш, подшоҳи Фарс, барои он ки каломи Худованд аз забони Ирмиё ичро шавад, Худованд рӯҳи Куруш, подшоҳи Форсро барангехт, ва ӯ дар тамоми мамлакати худ ҷор андохт ва ба таври хаттӣ низ эълон намуда, гуфт:***

***Куруш, подшоҳи Форс, чунин мегӯяд: ҳама мамлакатҳои заминро Худованд, Худои осмон, ба ман додааст, ва Ӯ ба ман амр фармудааст, ки дар Ерусалим, ки дар Яҳудия аст, хонае барои Ӯ бино намоям. Кист аз шумо, аз тамоми қавми Ӯ, ки Худояш бо вай бошад, бархоста ба Ерусалим, ки дар Яҳудия аст, биравад ва хонаи Худованд Худои Исроилро, — ҳамон Худоро, ки дар Ерусалим аст, — бино намояд» (Китоби Муқаддас, Эзро 1:1–4).***

Ин ваъдаи Худованд ба воситаи Ирмиёи Набӣ гуфта шуда буд, ва ҳоло онро Эзро аз нав баён мекунад.

***«Инак, Ман ба он марҳам ва даво хоҳам бахшид, ва онҳоро шифо хоҳам дод, ва фаровонии осоиштагӣ ва ростиро ба онҳо зоҳир хоҳам сохт. Ва асирони Яҳудо ва асирони Исроилро хоҳам баргардонид, ва онҳоро мисли пештара бино хоҳам кард»*** (Ирмиё 33:6–7).

Ин фармони Куруш, дар нақшаи Худо буд ва баъд аз мағлуб шудани Бобил ин фармон эълон шуд (соли 539 ё 538). Барои тасдиқи ин мисол порчеро аз китоби «Таърихи Қадими Халқи Тоҷик» овардан мукин аст: «Асирони Бобулро озодӣ бахшид ва ба онҳо иҷозат дод, ки ба ватанашон баргарданд. Дар Бобул махсусан яҳудиёни асир зиёд буданд. Куруш ба онҳо рухсат дод, ки ба Исроил раванд ва *(мисли)* ин пешин зиндагонӣ ба сар баранд.

Куруш озодии пайравӣ аз дину оинро эълон кард, яъне ҳар кас мутобиқи дини худ ибодат мекард ва душманӣ бо пайровони динҳо дигар манъ карда шуд» (Яъқубов, 2000, саҳ. 132).

Агар мо бо диққат дида метавонем дар фармонаш, Куруш мегӯяд, ***«ҳама мамлакатҳои заминро Худованд, Худои осмон, ба ман додааст, ва Ӯ ба ман амр фармудааст»***. Ӯ эътироф мекунад, ки Худои яккаву ягона мамлакатҳои заминро ба вай дода ва ба ӯ амр фармудааст.

Албатта Куруш медонист, ки Худо ба воситаи Ишаъёи Набӣ ӯро интихоб кардааст ва инро эътироф мекунад.

Дар бораи ин фармон Бароти Абдураҳмон дар романи таърихии худ бисёр муфассал менависад:

«Ман Куруш, шоҳаншоҳи Порсу Мод ва чаҳор самти олам ба қавми бани Исроил дуруд мерасонам, ки ҳамаи асирони ба Бобул овардаи Навохудоносор бо амрӣ ман саросар озод карда шуданд. Ва ман бо инояти худоён ба хазинадорам Миртадод фармудам, ки тамоми сутунҳои мисин, дегҳо, хокандозҳо, кордҳо косаҳо, қошуқҳо, пиёлаҳо, миҷмару дулҷалҳоро, ки аз мис, нуқра ё тилло будан, ба ибодатхонаи Иерусалим бозгардонад!» (Абдураҳмон, 2006, саҳ. 256)

Аз ин воқеаи таърихи маълум мешавад, ки подшоҳи охири Бобил Набонид,[3] зидди худоён ва маъбадҳои дигар буда ӯ фақат тарафдори худои Бобил буд (Абдураҳмон, 2006, саҳ. 206). Дар вакти нашри фармони Куруш, ки халқ интизори роҳбарӣ дигар, ки динашонро озод кунад, буданд ин фармон ба фотеҳи нави Бобил ёри мерасонад, ки дар натиҷа халқ тарафдораш мешавад. Баъди ин яҳудиён ба фармон такя

[3] Нобинид (556–539 пеш аз милод) ба давлати Бобил бо писараш Балшасар якҷоя ҳукмронӣ ҳукмронӣ мекарданд. Дониёл дар боби 5 шаби қатли вайро накл мекунад. Аз рӯи таърих вакте Нобинид машғули ҷанг зидди форсҳо буд Балшасар дар қаср монд (Вилкинсон, 1983 саҳ. 222).



мекарданд вале онҳо метарсиданд ва ин маъбад қариб 20 сол пас аз ин фармон таъмир шуд.

*«Аз рӯзи якуми моҳи ҳафтум ба баровардани қурбониҳои сӯхтанӣ барои Худованд шурӯъ карданд, ва лекин бунёди маъбади Худованд ҳанӯз ниҳода нашуда буд.*

*Ва нуқра ба сангтарошону наҷҷорон, ва хӯроку машруботу равған ба сидӯниён ва сӯриён доданд, то аз Лубнон,* ***мувофиқи иҷозате ки Куруш, подшоҳи Форс, ба онҳо додааст****, дарахтони арзро бо роҳи баҳр ба Ёфӯ биёранд» Эзро 3:6–7.*

*«Вале Зарубобил ва Ешуа ва дигар сардорони хонаводаҳои Исроил ба онҳо гуфтанд: ‹Шумо бо мо хонаи Худои моро бино нахоҳед кард, балки танҳо мо барои Худованд Худои Исроил,* ***чунон ки подшоҳ Куруш, подшоҳи Форс, ба мо амр фармудааст, бино хоҳем кард****› ва мардуми он кишвар дастҳои қавми Яҳудоро суст мекарданд ва онҳоро аз бино кардан метарсониданд» Эзро 4:3–4.*

Баъд аз нашри фармони Куруш яҳудиён ба Ерусалим дар се давра баргаштанд:

I. Зарубобил дар соли 538 (Эзро боби 1–4)

II. Эзро соли 457 (Эзро 7)

III. Наҳемё соли 444 пеш аз милод (Наҳемё боби 1–2).

Аз ин таърихномаҳо маълум мешавад, ки фармони Куруш аҳмият ва таъсири калон дошт,

ва яҳудиён қариб 100 сол баъди эълон шудани фармон ба он такя мекарданд.

***«Бигзор тамоми аҳли замин аз Худо тарсон бошанд; ҳамаи сокинони дунё аз Ӯ ҳаросон шаванд, зеро ки Ӯ гуфт, ва иҷро шуд; Ӯ амр кард, ва қоим гардид. Худованд машварати халқҳоро ботил мекунад, ба андешаҳои қавмҳо монеъ мешавад. Машварати Худованд қоим аст то абад, андешаҳои дили Ӯ то абадуддаҳр» Забур 32:8–11.***



# Боби 2

## ПАЙҒАМБАРӢ ДАР МИЁНИ ПОДШОҲОНИ ҲАХОМАНИШИҲО

***«Ва Ман дар миёни онҳо аломате ба амал хоҳам овард, ва онҳоеро, ки аз байнашон растагор шуда бошанд, сӯи халқҳо… ки овозаи Маро нашнидаанд ва ҷалоли Маро надидаанд, хоҳам фиристод, ва онҳо ҷалоли Маро дар миёни халқҳо хабар хоҳанд дод.»***
Ишаъёи набӣ 66:19

Барои аён намудани иродаи худ Худованд дар байни сулолаи Ҳахоманишиҳо пайғамбаронро фиристодааст. Ба монанди Дониёли Набӣ, Эзрои Коҳин ва Наҳемёи Набӣ дар байни ин сулолаи подшоҳон зиндагӣ ва фаолият кардаанд. Онҳо ҳамсуҳбат ва ҳамнишини дарбор буда ба гирифтани чунин фармон соҳиб шуданд. Ҳоло

таъсири пайғамбаронро ба фармонҳои подшоҳони Ҳахоманишиҳо нигоҳ мекунем, ки чӣ хел Худо дили ин подшоҳонро бо воситаи паёғам-барон моил кардааст.

| **Пайғамбар ва шахси**<br>**Китоби Муқаддас** | **Солҳои хизматӣ** | **Подшоҳи Ҳахома-нишӣ** | **Матни Китоби Муқаддас** |
|---|---|---|---|
| Дониёл<br><br>Зарубобил | 605–536 милодӣ<br><br>538 ба Ерусалим | То соли сеюми Куруши Кабир<br>Куруши Кабир ва<br>Дорои Як | Дониёл 10:1<br><br>Эзро бобҳои 1–4 |
| Эстер | 479–464 милодӣ | Хишоёр-шоҳ | Китоби Эстер |
| Эзро | Соли 457 ба Ерусалим рафт, | Ардашери Як | Эзро 4:7–24 ва 7:1 |
| Наҳемё | 445–429 милодӣ | Ардашери Як | Наҳемё 2:1 ва 13:6 |

*Сарчашма: Talk thru the Bible by Wilkinson and Boa.*

Набукаднесар подшоҳи Бобулистон Ерусалимро дар соли 605-и пеш аз милод забт карда халқи Яҳудро ба асирӣ бурд ва дар миёни онҳо Дониёли набӣ ва дигар ҷавонони солимақл буданд (Умарзода, 2006, саҳ. 75). Дар вақти зиндагии



ӯ дар замони подшоҳони Бобил ва форсизабонон ба Дониёли набӣ аз Худованд ваҳй омад. Дар он вақт Дониёл яке аз вазиронӣ калонӣ подшоҳ буд.

Дониёли набӣ соли 605 аз Ерусалим ба асирӣ рафт ва то соли 536 — соли сеюми ҳукумронии Куруш, (Дониёл 10:1) дар дарбори вай хизмат кард. Таъсири Дониёл аввал ба Дорёвеш насли Модай маълум шуд. Кишвари Мидия (Мод) дар шимолу ғарбии Эрони имруза дар асрҳои VII–VI пеш аз милод воқеъ буд (Ғафуров, 1998, саҳ. 67, Умарзода, 2006, саҳ. 74).



**Амири Модай**

Форсҳо ва Модҳо дар як шоҳигарӣ буданд, пеш аз Куруш подшоҳӣ ин сарзамин аз сулолаи Модҳо буд ва баъд аз Куруш подшоҳи ба дасти Форсҳо мегузарад. Модари Куруш Мандана, духтари шоҳи Модҳо Астиаг буд (Умарзода, 2006, саҳ. 239–240).

Дар бораи таърихи Ҳахоманишиҳо Бобоҷон Ғафуров чунини менависад:

«Бунёди давлати Ҳахоманишиҳоро подшоҳии тоифаҳои форс Куруши II гузошт, ки пеш-

тар чун вассал ба салтанати Мидӣ тобеъ буд. Ӯ дар натиҷаи муборизаҳои сахт ва дуру дароз на фақат аз тобеият халос шуд, балки дар соли 550 пеш аз милод давлати Мидиро тамоман торумор намуда, ба зери итоати худ даровард. Вай дар баробари унвони подшоҳии Форс унвони подшоҳии Мидиро ҳам соҳиб шуд» (Ғафуров, 1998, саҳ. 90).

Ин ҷои тааҷуб нест, ки Куруш бар мамлакати нави Бобил як роҳбари Модро мемонад. Дар Курушнома омадааст:

«Куруш ақида дошт, ки подшоҳ барои халқи худ бояд мақоми чӯпонро дошта бошад. Чӣ тавре ки чӯпон барои беҳбудии галаю рама кушиш менамояд, шоҳ низ барои халқи худ, беҳбудӣ он ҳифзи он ғамхорӣ намояд» (Умарзода, 2006, саҳ. 239–240; Яъқубов, 2000, саҳ. 133).

Ҳоло мебинем, ки чӣ хел Худо дар як қисми давлати Ҳахоманишӣ мӯъҷизот кард ва Дорёвеш насли Модай Худоро ҳамду сано мекунад.

## ДОРЁВЕШ КӢ БУД?

***«Дар соли аввали Дорёвеш ибни Аҳашверӯш аз насли Модай, ки бар мамлакати калдониён подшоҳ шуда буд.»*** (Дониёл 9:1).[4]

[4] Ин оят дар соли 539 пеш аз милод дар вақти сарнагуншавии Бобил гуфта шуда буд. Куруши Кабир Бобулро сарнагун кард



Дорёвеш фақат ба мамлакати калдониён ҳукмрон буд ва мамлакати калдониён макони Бобилистон ва Ошур буд, вале Куруши Кабир ба мамлакатҳои Бобилистон, Ошур, Мод, Арманистон, Каппадокия ва Элому Порс ҳукмронӣ мекард (Зиёев, 2005, саҳ. 103–105).

Пойтахти Куруши Кабир дар шаҳри Посаргард буд ва маркази дуюми давлати вай шаҳри Экбатан буд. (Яъқубов, 2000, саҳ. 128–137.)[5] Дар ин бора дар китоби Дониёли Набӣ омадааст: «***Ва ин Дониёл дар салтанати Дорёвеш ва дар салтанати Куруши форсӣ комёб гардид.» (Дониёл 6:28).***

Ақидае ҳаст, ки гуё ҳамин Дорёвеш Гаубру мебошад, (Вилкинсон, 1983, саҳ. 222, Витком6, 1963, саҳ. 83)[6] .

Бароти Абдураҳмон менависад: «Гаубру бо Куруш аҳду паймон мебандад ва дертар ҳамроҳи сипоҳиёнаш дар фатҳи Бобул ширкат меварзад. Баъди забт намудани Бобул Валтасар-

(Ғафуров, саҳ. 92). Подшоҳ Дорёвеш ки инҷо зикр мешевад Дорои Як набуд чун, ки Дорои Як соли 522–484 пеш аз милод подшоҳи кардааст. Дорои Як дар аёми 21 солагиаш подшоҳ шуд (Таърихи қадими Халқи Тоҷик, саҳ. 135) Он вақт Дорёвеш (талафузи Ибрӣ) номи оддӣ буд.

[5] Дар давлати Дорои Як пайтахти империя дар шаҳри Шуш ҷой дошт. Посаргард (پارسه — Тахти Ҷамшед) назди Широз ва Экбатан назди Ҳамадон воқеъ мебошад.

[6] Умарзода дар асараш «Таърихи Тамаддуни Ориён», саҳ. 250 номи ӯро «Гобрӣ» мегуяд.

ро[7] мекушад ва муддате ҳамчун волии шаҳр сиёсати давлатдории Куруши кабирро пеш мебарад. Баъди якчанд ҳафта аз ҷониби модари Валтасар — маликабону Нитокрис кушта мешавад. Лашкаркаши набардозмудаю далер ва соҳибтадбир, ба боварии Куруш сазовор шуда, бештар ба сафи ҷанговарони бобулӣ сарварӣ мекард» (Абдураҳмон, 2006, саҳ. 408). Агар ҳамин Дорёвеш Гауброуро бошад шояд ба хотири оддӣ будани номи Дорёвеш ва дар замони фаолияти Дониёл номи Дорёвеш зикр мешавад ва бо соли якуми салтанати Дорёвеш омадааст ( Дониёл 9:1 ва 11:1). Таърихнависон менависанд, ки Гаубру кушта шуд баъди чанд вақт ва албатта дар соли якюми салтанатии вай ва ин бемақсад нест, ки дар китоби Дониёл ӯ такрор нашудааст барои ин ки, ки дар соли сеюми Куруш подшоҳии Форс таъсис ёфтааст (Дониёл 10:1)[8].

Саршавии давлати Ҳахоманиши дар вақти ғолиб омадани онҳо дар давлати Бобулистон буд ва дар шаби афтидани Бобил Дониёли набӣ дар он вақт дар қасри подшоҳ буда пешгӯӣ кард (Дониёл боби 5), ки давлати Бобил тақсим шуда ба Модай ва форс дода мешавад (Дониёл 5:22–31).

[7] Дар Китоби Муқаддас ин ном «Балшасар» зикр шудааст.
[8] Ҷосефус гумон мекунад, ки дар соли дуюми Куруш мурда шуд, Ҷосефус, саҳ. 858.



Дониёли набӣ дар саршавии давлати Ҳахоманишӣ, дар мамлакат 120 ҳоқимон буданд, ки ба онҳо се нозир назоратчӣ буданд ва яке аз ин нозирон Дониёл буд (Дониёл 6:1–2). Мамлакати Бобил дар вақти дар зери фармони Ҳахоманишӣ будан қариб сеяки қудрат дар итоати Дониёли набӣ вуҷуд дошт ва аз ин сабаб ӯ бо подшоҳ Дорёвеш, ҳоқими асосии Бобил дар зери дасти Куруши Кабир, маслиҳатгари доимӣ буд.

Аз китоби Дониёл боби 6-ум чунин меояд, ки ӯ бо подшоҳ ҳамсуҳбати бисёр наздик ва маҳбуб буд ва аз сабаби дар вақти ӯро аз чоҳи шерон халос карданаш чунин фармон интишор кард:

***«Ва подшоҳ амр фармуд… подшоҳ Дорёвеш ба ҳамаи қавмҳо, умматҳо ва забонҳое ки дар тамоми мамлакат сокин буданд, навишт: ‹Саломатии шумо афзун бод! Аз ҷониби ман фармон дода мешавад, ки дар тамоми салтанати мамлакати ман*** *(Бобил — Н.Ч.)* ***ва ҳузури Худои Дониёл ларзон ва тарсон бошанд; зеро ки Ӯ Худои Ҳай ва қайюми Ҷовидвуҷуд аст, ва малакути Ӯ безавол аст, ва салтанати Ӯ беинтиҳост. Ӯ халос мекунад ва наҷот медиҳад, ва бар осмон ва замин аломот ва мӯъҷизот ба амал меоварад, Ва Ӯ Дониёлро аз панҷаи шерон раҳоӣ додааст› Ва ин Дониёл дар салтанати Дорёвеш ва дар салтанати Куруши форсӣ комёб гардид» (Дониёл 6:24–28)*****.**

Аз ин фармон ба чанд чизҳо мо ошно мешавем; якум дар вақти ҳукмронии Ҳахоманишӣ дар бораи худи Дониёл ва Худои Ҳай, яъне Худои зинда ва ягона, паёмбарии Ӯ дар қасри подшоҳӣ ба хотири донистан ва шинохтанӣ Худои зинда ва он одамонеро, ки ба Худо имон оваранд. Таърихшинос Иброҳим Умарзода исбот мекунад ки Ориён (тоҷикон) ба ақидаи монотеизм (ба Худои яккаву ягона) эътиқод доштанд ва ҷуёи Худо буданд (Умарзода, 2006, саҳ. 118–119, 306–308, 312–314). Мумкин аз нуфузу таъсири паймбарони Китоби Муқаддас ин ақидаро қабул мекарданд. Ва дуввум ин фармон нишон медиҳад, ки Худо ҳукмрон ва наҷотдиҳанда мебошад ва ин аз муъҷизоти ба Дониёл рӯйдода зоҳир мешавад (Дониёл 6:26–27) ва Дорёвеш бо имон ин фармонро баъд аз дидани муъҷизот менависад.



**Дорои Як — Осорхонаи Миллии Бостонии Эрон**

Сеюм, Худо дар миёни мардуми форсизабон кор карда истода буд то, ки ба воситаи муъҷизот Ӯро дарк кунанд ва аз таърихи ин воқеа маълум мешавад, ки Худо ҷӯёи тоҷикон аст ва Дониёли набиро дар миёни онҳо фиристод то ба воситаи ин муъҷизот ҳамаи халқҳо Ӯро шиносанд ва бо тоҷикон ҳам, ки яке аз ин халқҳо мебошанд ин раванд сар мешавад.

«Ҳикмате нест, ва хираде нест,
ва машварате нест бар хилофи Худованд.»

*Масалҳо 21:30*

## НАҚШАИ ХУДО ДАР ЗАМОНИ ДОРОИ ЯК ИҶРО ШУД

Дар китоби Эзро шахсе бо номи Зарубобил қайд мешавад ва ин шахс волии Яҳудо буд (Ҳаҷҷаи Набӣ 1:1) ва ҳам гӯруҳи аввалро ба Ерусалим оварда роҳбарӣ мекард (Эзро 2:1–2). Ин шахс дар он вақт роҳбари муҳим буд чун, ки ӯ аз насли подшоҳони яҳудиён буд (1 Вақоеънома 3:19). Зарубобил дӯсти Дорои Як ва яке аз посбонони шахсии подшоҳ буд (Ҷосефус, саҳ.294). Ҳамаи воқеаҳои Дорои Як дар Китоби Муқаддас бо Зарубобил вобаста аст (Эзро 3:1–8; 4:2; 5:2) ва ин марди Худо мумкин дар ин раванд нуфуз пайдо мекард.

Дар замони салтанати Дорои Як (521–486 пеш аз милод) дар сиёсати ин давлат баҳсу мунозира дар бораи иҷозати расмӣ доштан ё надоштани яҳудиён бораи баргаштан ба ватан ва барқарор кардани Маъбади Ерусалим пайдо мешавад. Яке аз ташаббускорони ин моҷаро Татнай

ном волии Байнаннаҳрайн бо маълумоти худ ба шоҳ дар бораи набудани иҷозати баргаштани яҳудиён барои барқарор кардани маъбад доимо монеъа мешуд. Баъди тафтишу пайдо кардани ҳуҷҷатҳои даркорӣ шоҳ Дорои Як фармони худро интишор мекунад, ки дар китоби Эзро боби 6 навишта шудааст:

***«Он гоҳ подшоҳ Дорёвеш[9] фармон дод, ва дар китобхонаи Бобил, ки ганҷҳоро дар он ҷо мегузоштанд, ҷустуҷӯ карданд. Вале дар Аҳмато, дар қасре ки дар кишвари Модай буд, тӯморе ёфт шуд, ва андаруни он чунин навишта шудааст: ‹Барои хотира. Дар соли якуми подшоҳ Куруш, подшоҳ Куруш дар барои хонаи Худо дар Ерусалим фармон дод, ки ин хона — ҷое ки қурбониҳо забҳ карда мешавад, — бино ёбад, ва бунёдаш мустаҳкам бошад; баландии он шаст зироъ, фарохии он шаст зироъ шавад, бо се қатор сангҳои бузург ва як қатор чӯби нав; ва харҷаш аз хонаи подшоҳ дода шавад. Ва низ зарфҳои тилло ва нуқраи хонаи Худо, ки Набукаднесар онҳоро аз маъбади Ерусалим гирифта, ба Бобил оварда буд, баргардонида, ба маъбади Ерусалим, дар ҷои худашон, бурда шаванд, то ки онҳо дар хонаи Худо гузошта шаванд.› Ва алҳол, эй Татнай, волии Мовароуннаҳр[10], Штар-Бузнай ва рафиқони шумо, ки дар Мовароуннаҳр мебошанд, аз он ҷо дур шавед! Ба кори ин хонаи Худо мудохила накунед: бигзор волии яҳудиён ва пирони яҳудӣ ин хонаи Худоро дар ҷои он бино кунанд. Ва аз ҷониби Ман фармон дода мешавад, ки шумо бо ин пирони яҳудӣ дар бобати бино кардани ин хонаи Худо закоти Мовароуннаҳр, фавран ба ин додамон барои хароҷот дода шавад, то ки корашон лат нахӯрад; ва тамоми чизи даркориашон: гӯсолаҳо ва қӯчқорҳо ва барраҳо аз баҳри курбониҳои сӯхтанӣ барои Ху-***



**Оромгоҳи Дорои Як дар Нақши Рустам**

[9] «Дорёвеш» дар забони Ибрӣ, «Дорои Як» дар забони тоҷикӣ ва баъзе вакт «Дороюши Бузург» ё «Доробшоҳ» меноманд. Дар забони форсии Қадим «Дуриявус» мегуфтанд, «Таърихи Тамаддуни Ориён» саҳ. 235.

[10] Тарҷумаи ин макон бояд — «Байнаннаҳрайн» бошад. Дар Китоби Муқаддас, дарёи Даҷла ва Фурот тарафи Бобилро дар назар дорад (Иброҳим Умарзода, саҳ. 223). Тарҷумаи форсӣ, «ғарби руди фурот» мегӯяд. Ҳам Китоби Муқаддас «Арам-наҳрайн» баъзи вақт он замин номи кадимтар тарҷума мешавад (Ҳастӣ 24:10). «Мовароуннаҳр» маънои асосӣ ин аст, ки шаҳрҳои мобайни ду наҳр (дарё) ва дар адабиёти Тоҷикӣ дарёи Аму (Ҷайҳун) ва замини шимолии онро дар назар дорад (Фарҳанги Забони Тоҷиӣ, ҷилди 1, саҳ. 697).

***дои осмон, гандум, намак, шароб ва равған, аз рӯи гуфтаи коҳиноне ки дар Ерусалим ҳастанд, рӯз ба рӯз ба онҳо бекаму кост дода шавад, то ки онҳо ҳадияҳои хушбӯй барои Худои осмон қурбонӣ намоянд ва барои ҳаёти подшоҳ ва писаронаш дуо гӯянд. Ва аз ҷониби ман фармон дода мешавад, ки ҳар одаме ки ин амрро тағир диҳад, аз хонаи вай ғӯлачӯбе гирифта, вай бар он бардошта овехта хоҳад шуд, ва хонаи вай ба ин сабаб вайрон карда хоҳад шуд. Ва Худое ки исмаш дар он ҷо сокин аст, ҳар подшоҳ ва қавмро, ки дасти худро барои тағир додани ин амр бар зарари ин хонаи Худо, ки дар Ерусалим аст, дароз мекунад, вожгун хоҳад сохт. Ман, Дорёвеш, ин фармонро додаам, то ки фавран ба ҷо оварда шавад» (Эзро 6:1–12).***

«Дар натиҷаи аз архив дарёфт кардани қарори Куруши Кабир бори дуюм аз тарафи Доро соли 520 пеш аз милод» (Умарзода, 2006, саҳ. 350). Дар натиҷа ӯ ба мисли Куруш маблағ ва масолеҳи сохтамонӣ барои маъбад ҷудо карда ба Худои осмон қурбонӣ мекунад. Дорои Як оини Зардуштиро қабул карда ҳурмат мекард, гумон меравад, ки ӯ Аҳурамаздо ва Худои яҳудиёнро як мешуморид ва аз ин сабаб шоҳ барои қурбонӣ барои худ ва фарзандонаш фармон мебаровард. Ба Худои осмон имон доштани Дорои якро аз қурбонӣ кардан ба худоёни дигар боз намедошт



ва дар матни рӯи сангии Дорои Як дар Переспоҳ чунин навишта шудааст, ки ӯ худоёни дигарро ҳурмат карда қурбонӣ мекард.

Аз воқеаҳои дар давраи Дорои Як ва матни фармони ӯ чунин бармеояд, ки аз соли якум то соли чоруми ҳукмронии ӯ дар қаламрави мамлакат шӯришҳо ҷой доштанд (Ғафуров,1998, саҳ. 96). Яке аз шӯриши маҳшури замони ӯ дар таърих дар яке аз расмҳои кӯҳи Бесутун аскёбӣ шудааст (Яъқубов, 2000, саҳ. 135–136).

Дар ин нигораҳо муборизаҳо ва шуриши ҳафт кишвар бо ғолибияти онҳо нишон дода шудааст. Аз ин ҷиҳат мумкин шоҳ ба хотири пайдо нашудани шӯриши нав бо яҳудиён оштигӣ карда бо онҳо созиш карда фармон медиҳад, ки чизҳои даркориашонро ***«рӯз ба рӯз ба онҳо бекаму кост дода шавад».***

«Курушва Дориюш сиёсатмадорони дурандеш буданд, онҳо аз лиҳози сиёсат ба зердавлатони худ муносибати одилона доштанд, то дар империя низоъу ноорамиҳо рӯй надиҳад» (Яъқубов, 2000, саҳ. 149).

Фармони Дорои Як нисбати фаромони Куруш ҳамин иловагиро дорад, ки агар касе ба ин фармон итоат намекунад ба марг маҳкум карда мешуд ва ин илова ба мақсади сар назадани шӯриши нав бар зидди яҳудиён ва халқи Исроил навишта шуда буд.

«Дили одам роҳи ӯро нақша мекашад, вале Худованд қадамҳои ӯро равона менамояд»

*Китоби Муқаддас, Масалҳо 16:9*

# Боби 3

## ИМОНДОРОН АЗ ФИРИСТОДАГОНИ ХУДО ДАР МИЁНИ ТОҶИКОН. ЗАНИ ПОДШОҲИ ҲАХОМАНИШӢ — МАЛИКА ЭСТЕР

***«Эстер дар назари ҳар касе ки варо медид, илтифот пайдо мекард»***

Эстер 2:15



**Хишоёршоҳ ва Дорои Як**

Дар вақти салтанати подшоҳони Ҳахоманишӣ ба мақсади онҳоро ба Худ наздик кардан Худо дар миёни онҳо паёмбарону коҳинонро мефиристод. Дар байни сокинони ин давлат мардуми ба Худо имон дошта кор ва зиндагӣ мекарданд. Чунин

шуд ки ҳатто яке аз подшоҳи Ҳахоманишӣ зани ба Худои зинда имондорро мегирад.

Хишоёршоҳ (Аҳашверӯш, 486–464 пеш аз милод)[11] подшоҳи панҷуми Ҳахоманишӣ буда дар Китоби Эстер ва Эзро дар бораи ӯ маълумот вуҷуд дорад.

Иброҳим Умарзода дар бораи подшоҳ Хишоёршоҳ чунин мегӯяд: «Дар ин вақт Ксеркс *(Хишоёршоҳ)* нав ба синни 34 солагӣ қадам гузошта буд ва ӯ аз зеботарин ҷавонони замонаш ба шумор мерафт, вале сустирода буда ҷиддӣ набуд. Аз матонате *(устуворӣ),* ки хоси давлатдории Куруш ва Доро буд, нишонае ҳам дар ӯ дида намешуд» (Умарзода, 2006, саҳ. 285).

Аз таърихшинос Ҳеродот маълум аст, ки соли 483 пеш аз милод Хишоёршоҳ зиёфати ҷангӣ ташкил кард ва воқеаи боби 1-юми Эстер он вақт ба амал меояд. Ҳеродот дар соли 479 мегӯяд, ки юнониён бар Хишоёршоҳ ғолиб омаданд ва барои тасаллӣ вай Эстерро ба зани гирифт (Вилкинсон, 1983, саҳ. 131).

Эстер кӣ буд?[12] Эстер яҳудӣ ва дӯшизаи зебое буд, ӯ пеши подшоҳ рафт ва ***«подшоҳ Эстерро***

---

[11] Дар забони Ибрӣ ин ном чун «Аҳашверӯш» ва дар забони форсӣ чун «Хишоёршоҳ» ва дар забони юнонӣ чун «Ксеркс» ёд мешавад. Дар забони форси кадим номи вайро чун «Кшаяршоҳ» менависанд.

[12] Маънии номи Эстер ситора аст; ва дар забони Ибрӣ гиёҳи "Ҳадаса" (Эстер 2:7), маънои ин номро дорад. Ин ном барои ди-



***бештар аз ҳамаи занон дӯст дошт, ва ба ҳузури ӯ вай бештар аз ҳамаи дӯшизагон меҳр ва илтифот пайдо кард; ва ӯ тоҷи хисравонаро ба сари вай гузошта, варо ба ҷои Воштӣ малика гардонд. Ва подшоҳ базми бузурге, — базме ба хотири Эстер, — барои ҳамаи мирон ва маъмурони худ барпо кард, ва ба вилоятҳо сабукӣ бахшид, ва бо ҳиммати хисравона инъомҳо дод» (Эстер 2:17–18).***



Аз давраи Дорои Як — Осорхонаи Милли Бостонии Эрон

Дар вақте, ки Эстер маликаи дарбор буд шоҳ ба яке аз мирони худ, ки Ҳомон ном дошт мансаби баландро инъом мекунад. Вале аз сабаби нотавонбинии худ Ҳомон аз подшоҳ иҷозати нобуд кардани яҳудиёро гирифта нақшаи ин амалро тайёр мекунад (Эстер 3:6). Амаки Эстер Мордахай ба малика қосидонро фиристода таъкид мекард: ***«Мордахай***

---

ни зардуштӣ муҳим аст ва ин гиёҳ дар вақти парастиши дини зардуштӣ истофода мекарданд. (<u>In search of Zarathustra</u>, pg 196). Асли дини Эстер Яҳудӣ буд. Мазори Эстери малика то имрӯз дар шаҳри Ҳамадон (Экбатан) вуҷуд дорад.

***гуфт, ки ба Эстер чунин ҷавоб гардонанд: Дар дили худ гумон накун, ки дар хонаи подшоҳ аз миёни ҳамаи яҳудиён раҳо хоҳӣ шуд, балки, агар дар ҳамин вақт хомӯш бимонӣ, вусъат ва халосӣ аз ҷои дигар падид хоҳад омад, вале ту ва хонадони падарат талаф хоҳед шуд, ва кист бидонед, ки оё барои ҷунин вақт ба салтанат нарасидаӣ?***» (Эстер 4:13–14). Эстер бо дуо ва эътиқод ба Худо халқи худашро озод мекунад. Албатта баъди ин воқеъаҳо онҳо пеши Худо дуо ва рӯза гирифта илтиҷо карданд ва дар натиҷа Эстер маликаи дарбор ва амакаш Мордахай шахси 2-ӯми давлати Ҳахоманишӣ шуданд (Эстер 10:3).

Худо чӣ хел дар дили Хишоёршоҳ кор кард? Дар китоби Эстер омадааст, ки шабе хоби подшоҳ паридааст ва ӯ китобдонашро амр мекунад, ки Китоби ёддоштҳои айёмро оварда дар ҳузури ӯ бихонад ва аз ин китоб номи Мордахай, ки як сӯиқасди зидди подшоҳро ошкор карда ӯро наҷот додааст ба ёди подшоҳ расида аз ӯ пурсу пос мекунад (Эстер 6:1–3).

Албатта ба мо маълум, ки яҳудиён наҷот ёфтанд вале мақсади Худо дигар буд, Ӯ мехост ки аз ин амал халқҳои дигар Худоро шинохта имон оваранд — ***«Ва дар ҳар вилоят ва шаҳр, дар ҳар ҷое ки амри подшоҳ ва қонуни ӯ расид, барои яҳудиён хурсандӣ ва шодмонӣ, базм ва ид буд, ва бисёре аз қавмҳои ин сарзамин яҳудӣ шуданд, зеро ки тарси яҳудиён онҳоро фаро гирифта буд»*** (Эстер 8:17). То ин воқеъаҳо дар ин сарзамин аксарияти аҳолӣ бутпараст буданд ва яҳудиён Худои зиндаро парастиш мекарданду зидди бутпарастӣ буданд ва ба ин восита Худо қудрату меҳрубонии Худро ошкор кард, Ӯ мехоҳад, ки ҳамаи одамон имон оваранд.

«Дар шаъни Худованд суруд гӯед,
исми Ӯро муборак хонед,
наҷоти Ӯро рӯз ба рӯз башорат диҳед.
Ҷалоли Ӯро дар миёни халқҳо баён намоед,
ва корҳои аҷоиби Ӯро дар миёни ҳамаи қавмҳо.
Ба Худованд дар шавкати қудсият саҷда кунед;
пеши Ӯ биларзед, эй тамоми аҳли замин!»

*Забури Довуд 95:2,3,9*

## ЭЗРОИ КОҲИН МУАЛЛИМИ ПОДШОҲИ ҲАХОМАНИШӢ

Ҳатман хонандаи тоҷик аз таърихи дар Китоби Муқаддас, ки Эзро номида мешавад ва дар китоб бо замони Ҳахоманишиниҳо ошно мешавад дар ҳайрат мемонад, ки чӣ хел подшоҳи Куруши Кабир ва Дорои Як ба яҳудиён меҳрубон буданд ва давлати Ҳахоманишӣ иродаи Худоро иҷро мекардаанд.

Китоби Эзро дар бораи Куруш (боби 1 ва 3), Дорои Як (Эзро 4:5–7 ва боби 5)[13], Хишоёршоҳ (Эзро 4:6) ва Ардашери Як[14] (боби 4 ва 7) нақл мекунанд. Дар ин китоб фармонҳои Куруши Кабир (1:1–4), Дорои Як (6:1–12) ва ду фармони Ардашери Як (4:17–24 ва 7:11–26) китобат шудаанд. Китоби Эзро илҳоми Илоҳист ва Худо онро нишон медиҳад, ки фармонҳои давлати Ҳахоманишӣ хостӣ Ӯ мебошанд ва аз ин фармонҳо чунин бармеояд, ки Худованд бо василаи паёмбаронаш дар дилҳои подшоҳон кор мекард.

Бо фармони навбатии худ Куруши Кабир амри Дорои Як-ро дар бораи бо маблағ таъмин намудани сохтмони хонаи Худо тасдиқ мекунад ва озодии дини яҳудиён, таъмири маъбадӣ Ерусалим аз нав иҷозат медиҳад.

Эзро дар соли 457 ба Ерусалим меравад (Эзро 7:1–9) ва ин соли ҳафтуми подшоҳии Ардашери Як буд.[15] Дар солҳои аввал Ардашери Як

---

[13] Фармони Дорои Як тақрибан дар соли 520 пеш аз милод нашр шуда буд.

[14] Дар забони Ибрӣ ин ном чун «Артаҳшасто» ва дар забони тоҷикӣ ин ном чун «Ардашери Як» ва Дар забони юнонӣ ин ном чун «Артаксеркс» ёд мешавад. Ардашери Як соли 464 то 423 пеш аз милод подшоҳи кардааст ва ба сулолаи Ҳахомашини таалуқ дорад. Номи вайро бо номи «Ардашери Аввал» шоҳи Сосониён буд (211 то 242 милодӣ) ғалат накунед.

[15] Бобҳои 1–6 Эзро таърихи 82 соларо, яъне солҳои 539 то 457 ҷамбаст мекунад. Албатта дар вақте, ки Эзро ба Ерусалим



зидди таъмири шаҳри Ерусалим буд, **«*Пас, фармоне бидиҳед, ки ин одамон корро бас кунанд, ва ин шаҳр бино наёбад, то даме ки аз ҷониби ман фармоне дода шавад*»** (Эзро 4:21). Эзрои коҳин бо шоҳ бисёр наздик буда аз дасти Ардашери Як мактуб ва фармонро мегирад ва ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки дар он мактуб маълумоти бисёр муҳим будааст.

Фармони Ардашери Як подшоҳи шашӯми Ҳахоманишӣ ба Эзро[16]:

*«Шоҳаншоҳ Ардаҳшасто* (Ардашери Як) ***ба Эзрои коҳин ва китобдони комили шариати Худои осмон****. Ва алҳол, аз ҷониби ман фармон дода шуд, ки дар мамлакати ман ҳар кас аз миёни қавми Исроил ва коҳинону левизодагони онҳо, ки розӣ бошад ҳамроҳи ту ба Ерусалим беравад, — бигзор равад. Аз баски ту аз ҷониби подшоҳ ва ҳафт мушовири ӯ фиристода шудаӣ, то Яҳудия ва Ерусалимро*

---

омад пир буд вале ӯ фақат ин таърихро ҷамъ карда ва дар миёни он подшоҳон набуд, ӯ дар салтанати Артаҳшасто буд (**Ардашери Як, 464–423 пеш аз милод).** Ҳамсуҳбат будани Эзро ва Куруши Кабир, ба қавли Бароти Абдураҳмон (Абдураҳмон, 2006, саҳ. 253–258). Агар чунин бошад пас дар вақти бозгашт ба Ерусалим Эзро 112 сола буд. Шояд Бароти Абдураҳмон ин ақидаро барои таъсири драмавӣ инро менависад. Инчунин маълум аст ки бобои Эзро аз дасти Набукаднесар кушта шуда буд (4 Подшоҳон 25:18–21 ва Эзро 7:1). Мувофиқи ин маълумот соли 586 Набукаднесар Ерусалимро забт кард.

[16] Ин матн дар забони арамӣ аст, на ибрӣ ва ин далели ҳақ будани ин маълумот аст.

*бар тибқи шариати Худои ту,* ***ки дар дасти туст, тафаққуд намо****, ва нуқраю тиллоешро, ки подшоҳ ва мушовиронаш барои Худои Исроил, ки масканаш дар Ерусалим аст, хайрот кардаанд, бибарӣ, ва низ тамоми нуқраю тиллоеро, ки ту дар тамоми кишвари Бобил ба даст оварӣ, бо якҷоягии хайрот ки қавм ва коҳинон барои хонаи Худои худ, ки дар Ерусалим аст, додаанд.*

*Пас фавран* (бо шитоб — Н.Ҷ.) *ба* ***ин пул говон, қӯчқорон, баррагон ва ҳадияҳои ордӣ ва рехтании онҳоро бихар, ва онҳоро бар қурбонгоҳи хонаи Худои шумо, ки дар Ерусалим аст, забҳ намо.*** *Ва ҳар он чӣ ба назари ту ва бародаронат писандояд, ки бо бақияи нуқра ва тилло бикунад, —* ***бар тивқи иродаи Худои худ бикунед****. Зарфҳоеро, ки ба ту барои ибодати хонаи Худои ту дода шудааст, ба ҳузури Худои Ерусалим бигузор. Ва лавозимоти дигари хонаи Худои туро, ки ба додани он ту вазифадор бошӣ, —* ***аз ганҷхонаи подшоҳ бидеҳ.*** *Ва аз ҷониби ман, ки подшоҳ Артаҳшасто ҳастам,* ***ба ҳамаи хазинадорони Мовароуннаҳр (Байнаннаҳрайн) фармон дода шудааст, ки ҳар он чи Эзрои коҳин ва китобдони шариати Худои осмон аз шумо талаб кунад, фавран бояд ба ҷо оварда шавад****:* ***То сад киккар нуқра, ва то сад кӯр гандум ва то сад бат шароб, ва то сад бат равған, ва аз намак — ҳар қадаре ки хоҳанд.*** *Ҳар он чӣ бар тибқи аҳкоми Худои осмон бошад, бояд барои хонаи Худои осмон бекаму кост ба ҷо оварда шавад, зеро чаро ғазабе бар салтанати подшоҳ ва писаронаш нозил шавад?* ***Ва шуморо огоҳ менамоям, ки бар ҳамаи коҳинон ва левизодагон, муғанниён, дарбонон, тобеон ва ходимони ин хонаи Худо закот, боҷ ва хироҷ андохтан лозим нест. Ва ту, эй Эзро, бар тибқи ҳикмати Худои ту, ки дар дасти туст, доварон ва қозиёнро таъин намо, то бар тамоми қавме ки дар Мовароуннаҳр мебошанд, —*** *бар ҳамаи онҳое ки шариати Худои туро медонанд, доварӣ кунанд; ва онҳоеро, ки намедонанд, таълим диҳед. Ва ҳар кӣ* ***мувофиқи шариати Худои ту ва мувофиқи қонуни подшоҳ рафтор накунад, бигзор фавран бар вай доварӣ намуда ҳукм кунанд****: ё ба қатл, ё ба бадарғз, ё ба мусодираи молу мулк ва ё ба ҳабс.»*

*Баъди ин фармон, Эзро ин хел тафсир мекунад: «Муборак аст Худованд Худои падарони мо, ки ин майлро дар дили подшоҳ ҷойгир кардааст, ки хонаи Худовандро, ки дар Ерусалим аст, зинат диҳад, ва маро дар ҳузури подшоҳ ва мушовирони вай, ва ҳамаи мирони пуриқтидори подшоҳ саховори марҳамат гардондааст, ва ман бар тибқи дасти Худованд Худои ман, ки бар ман буд, қуввват гирифтам ва аз миёни Исроил сардоронро ҷамъ овардам, то ки ҳамроҳи ман бароянд» (Эзро 7:11–26).*

Аз ин матн чанд маълумот дар бораи робитати Эзро ва подшоҳи Ардашери Як пайдо меша-

вад. Аввал ин, ки Ардашери Як ки будани Эзроро медонист, «***Эзрои коҳин ва китобдони комили шариати Худои осмон.***» Коҳини яҳудиён, ки шариати Мусоро таълим медод ва ҳамчун шахси миёнарави Худо ва халқ дар назари ӯ илтифот ва шӯҳрат ёфта буд.

Дуввум худи шоҳ ба шахсияти Эзро бисёр таваҷҷӯҳ намуда ба ӯ иҷозати давлатиро дар барои накшааш барои таъмирӣ маъбад медиҳад. Таваҷҷӯҳи шоҳ ва ин марди Худо барои таъмири маъбад онро нишон медиҳад, ки подшоҳ бо Эзро муносибати бисёр наздик дошт.

Саввум, Эзро аз ҷониби подшоҳ фиристода шуд ва худи Ардашер фармонро ба ӯ дода мегуяд: «*Бигзор Эзро равад… бар ҳамаи онҳое ки шариати Худои туро медонанд, доварӣ кунанд; ва онҳоеро, ки намедонанд, таълим диҳед. Ва ҳар кӣ мувофиқи шариати Худои ту ва мувофиқи қонуни подшоҳ рафтор накунад, бигзор фавран бар вай доварӣ намуда ҳукм кунанд: ё ба қатл, ё ба бадаргз, ё ба мусодираи молу мулк ва ё ба ҳабс.*» Аз ин ҷо ба мо равшан аст, ки Эзроро Ардашери Як нафақат намояндаи амалҳои заминӣ балки ҳамчун ходими рӯҳонӣ дар Ерусалим таъин мекунад.

Чорум ба подшоҳ Ардашери Як таълимоти Эзро маъқул буда медонист, ки ин фармони умумӣ набуда махсус ва аниқ мебошад, ӯ ба урфу одатҳои яҳудиён шинос буд ва дар фармон чунин омадааст: «***ба ин пул говон, қӯчқорон, баррагон ва ҳадияҳои ордӣ ва рехтании онҳоро бихар, ва онҳоро бар қурбонгоҳи хонаи Худои шумо, ки дар Ерусалим аст, забҳ намо.***» Ардашер медонист, ки яҳудиён фақат дар Ерусалим қурбонӣ мекунанд ва чӣ хел намуди қурбониҳо дар оини яҳудӣ вуҷуд дорад. Оё подшоҳи Ҳахоманишӣ ба таълимоти каломи Худо гӯш мекард? Ё имон оварда буд? Инро фақат Худо медонад аммо аз ин фармон чунин бармеояд, ки ӯ ба таврoти Мусо шинос буда таълимоти Эзроро меписандид ва ӯро яке аз муаллимони олӣ мешумурд. Худи Эзро ба Ардашери Як чунин гуфта буд, «***чунки мо ба подшоҳ сухан ронда, гуфта будем: ‹Дасти Худои мо ба ҳар касе ки ба Ӯ рӯ меоварад, ба некӯист, вале қудрати Ӯ ва ғазаби Ӯ бар зидди ҳамаи онҳоест, ки Ӯро тарк мекунанд›***» (Эзро 8:22). Агар Эзро ин ҷумлае, ки ақидаи Худои бемонандро ба ӯ гуфт, албатта Ардашери Як парастиши худои дигарро намекард, чун ки ин ҷумла Худои дигарро маҳкум мекунад.

Подшоҳ ба Эзро дар раванди пешбарии амлиёти маъбад (ҷои ибодати яҳудӣ) бисёр ёрӣ медод ва ба нуфузи баланд доштани дини яҳудӣ эътиқод дошт ва худи Эзро, аҷабе нест, ки муаллими шоҳ буда, барои Ардашери Як шах-

си рӯҳонии баланд ҳисоб мееўфт ва доимо ҳамнишин ва дӯсти наздиктаринаш буд.

Панҷум, Ардашер ба Худои ягона ҳадя ва қурбонӣ кардааст:

*«Пас фавран* (бо шитоб*) ба ин пул говон, қӯчқорон, баррагон ва ҳадияҳои ордӣ ва рехтании онҳоро бихар, ва онҳоро бар қурбонгоҳи хонаи Худои шумо, ки дар Ерусалим аст, забҳ намо… Ва аз ҷониби ман, ки подшоҳ Артаҳшасто ҳастам, ба ҳамаи хазинадорони Моварроуннаҳр (Байнаннаҳрайн) фармон дода шудааст, ки ҳар он чи Эзрои коҳин ва китобдони шариати Худои осмон аз шумо талаб кунад, фавран бояд ба ҷо оварда шавад:*

*…Ҳар он чӣ бар тибқи аҳкоми Худои осмон бошад, бояд барои хонаи Худои осмон бекаму кост ба ҷо оварда шавад, зеро чаро ғазабе бар салтанати подшоҳ ва писаронаш нозил шавад?»*

Аз ин фармон чунин бармеояд, ки шоҳ барои Худо қурбонӣ карда таъкид кардааст: **«бекаму кост ба ҷо оварда шавад».** Мақсадаш албатта барои бахшида шудани гуноҳҳои худ ва писаронаш мебошад то ин, ки бар салтанати ӯ ғазаби Худо наояд. Ин фармони 2-вуми ӯ бар аъкси фармони якӯмаш мебошад, ки пештар ба рафти таъмири хонаи Худо дар Ерусалим монеъ шуда кори сохмонро мехобонад. Аз инҷо



бармеояд ки ин фармон дар давраи аввали подшоҳии Ардашер навишта шуда буд,[17] ва подшоҳ фармони навбатиро ба монанди шахси тавбакардистода менависад. Эзро онро дар китобаш нишон медиҳад, ки Худо дар дили вай кор кардааст то, ки подшоҳ барои Худованд қурбонӣ кардааст.

Ардашери Як робитаи худро бо Худо барқарор карда мехоҳад ба Ӯ итоат кунад, ин ташаббус аз Худо буд, ки Ардашери Як ӯро ҷустуҷӯ мекард. Эзрои коҳин, ки миёнарави инсону парвардигор буд ва аз ин фармон маълум аст, ки шоҳ аз Эзрои коҳин миёнаравии байни Худо ва ӯ ва писаронашро хоҳон буда аз ӯ хостааст, ки воситачӣ бошад.

Эзро ин фармонро чунин шарҳ медиҳад: ***«Муборак аст Худованд Худои падарони мо, ки ин майлро дар дили подшоҳ ҷойгир кардааст, ки хонаи Худовандро, ки дар Ерусалим аст, зинат диҳад, ва маро дар ҳузури подшоҳ ва мушовирони вай, ва ҳамаи мирони пуриқтидори подшоҳ саховори марҳамат гардондааст, ва ман бар тибқи дасти Худованд Худои ман, ки бар ман буд, қувват гирифтам ва аз миёни Исроил сардоронро ҷамъ овардам, то ки ҳамроҳи ман бароянд»*** (Эзро 7:27–28). Эзро медонист, ки Ху-

[17] Фармони аввал дар Эзро 4:17–24.

дои зинда дар дили шоҳ кор кардааст, то ки Адрашери Як ба Ӯ имон оварад ва имондории ӯ аз ин фармон равшану возеҳ мебошад. Ҳамчунин ин натиҷаи он аст, ки подшоҳони Ҳахоманишӣ иродаи Худоро иҷро мекарданд, ва Худо ба онҳо муҳаббаташро нишон дод.

Бори дигар тасдиқи он ҳаст, ки Ӯ доимо дар ҷустуҷӯи тоҷикон буда дар дили онҳо кор карда дар байни онҳо паёмбарони Худро ҷойгир мекард.

## МАРДИ ХУДО ДАР ХИЗМАТИ ДАВЛАТИ ҲАХОМАНИШӢ

Наҳемё соқи ва яке аз мушовирон ва дӯсти наздики подшоҳ Ардашери Як буд ва шоҳ ин марди Худоро барои барқарор кардани деворҳои шаҳри Ерусалим сафарбар мекунад. Наҳемё дар айёми Ардашери Як (464–423 пеш аз милод) зиндагӣ карда ва тақрибан дар солҳои 445–444 (Наҳемё 2:1) ба Ерусалим рафта соли 429 баргаштааст (Наҳемё 13:6).

Ин марди Худо дар ҳар мушкилӣ дуо мекард ва баъд ба қабули шоҳ рафта арзи худро изҳор мекард (Наҳемё 1:4–11; 2:4; 5:19; 6:9; 6:14; 13:14; 13:22; 13:29–31). Наҳемё фаҳмид, ки девору дарвозаҳои Ерусалим хароб шудааст ва аз шунидани ин нохушӣ ӯ дуо мекард.



Рӯзе чунин мешавад, ки Ардашери Як Наҳемёро ғамгин дида аз ӯ пурсон мешавад: «*Чаро чеҳраат ғамгин аст, ва ҳол он ки ту бемор нестӣ? Магар ки андешаи баде дар дил дорӣ!» Ва ман хело сахт тарсидам, ва ба Подшоҳ гуфтам: «Бигзор подшоҳ то абад зинда бод! Чаро чеҳраи ман ғамгин набошад, дар сурате ки шаҳри қабристони падаронам харобазор гардидааст, ва дарвозаҳояш ба оташ сӯхтааст.»*

*Ва подшоҳ ба ман гуфт: «Пас ту чӣ металабӣ?» ва ман ба Худои осмон дуо хондам, ва ба подшоҳ гуфтам: «Агар ба подшоҳ мақбул афтад, ва агар бандаи ту дар ҳузури ту илтифот ёбад, маро ба Яҳудия, ба шаҳри қабрҳои падаронам бифирст, то ки онро бино намоям.»*

*Ва подшоҳ ба ман гуфт, дар сурате ки малика дар паҳлуи ӯ нишаста буд: «Сафари ту то кай тӯл хоҳад кашид, ва кай хоҳӣ баргашт?» Ва Подшоҳ салоҳ донист, ки маро бифирстад, ҳамин ки мӯҳлатро ба ӯ фаҳмондам.*

*Ва ба подшоҳ гуфтам: «Агар ба подшоҳ мақбул афтад, бигзор ба ман номаҳо ба-*



**Наҳемё — www.gutenberg.org**

***рои болиёни Моввароуннаҳр[18] навишта диҳанд, то ки онҳо маро гусел намоянд то даме ки ба Яҳудия бирасам, ва номае барои Ософ, ки нозири ҷангалҳои подшоҳ аст, то ки вай ба ман барои дарвозаҳои қалъаи назди маъбад, ва барои ҳисори шаҳр, ва барои хонае ки ман дар он маскан хоҳам гирифт.»***

***Ва подшоҳ бар тибқи дасти некӯи Худои ман, ки бар ман буд, ин чизҳоро ба ман дод. Ва чун назди болиёни Моввароуннаҳр омадам, номаҳои подшоҳро ба онҳо додам; ва подшоҳ саркардагон ва саворонро ҳамроҳи ман фиристода буд» (Наҳемё 2:2–8).***

Баъди ин мулокот ва гуфтушунид подшоҳ аз рӯи дархости Наҳемё амал карда: ***«Ва подшоҳ бар тибқи дасти некӯи Худои ман, ки бар ман буд, ин чизҳоро ба ман дод.»*** Ба мо чунин маълум шуд, ки Наҳемёи соқӣ яке аз назоратчии саломатии шоҳ буд ва Ардашери Як ӯро бисёр дӯст медошт ва хости Худоро иҷро карда Наҳемёро бо масолеҳи зарурӣ ва бехатараиашро таъмин карда бо мактубҳои даркорӣ барои барқарор дардани девору дарвозаҳои Ерусалим мефиристад.

Ва ин бисёр аҷиб аст, ки Ардашери Як хизматгори беҳтарини худро волии замини Яҳудо

[18] Тарҷумаи ин макон бояд — «Байнаннаҳрайн» бошад.



таъин мекунад (Наҳемё 5:14–15) ва Наҳемё дар ин сарзамин сездаҳ сол фармонҳои шоҳро ба амал меорад. Наҳемё, марди Худо доимо дар маҷлисҳои шоҳ ва маликаи дарбор ҳозир буд, шоҳ Ардашери Як ба ӯ бисёр эътиқод дошт. Ин бесабаб набуд, чунки нақшаи Худо ин тавр буд ва аз ин сабаб Ӯ пайғабаронашро дар байни сарварони давлати Ҳахоманишӣ ҷой медод. Ин гувоҳ бар он аст ки Худо ҳануз аз асри панҷи пеш аз милод дар ҷустуҷӯи Тоҷикон буд.

> «Ҳеҷ ҳокимияте нест, ки аз Худо набошад, ва ҳокимиятҳои мавҷуда аз ҷониби Худо барқарор шудаанд... Чунки вай хизматгори Худост бар нафъи ту.»
>
> *Инҷил, Румиён 13:1,4*

# Боби 4

## ПЕШГӮЙ БАРОИ ТОҶИКОН

***«Ончунон каломе ки аз даҳони Ман мебарояд, хоҳад буд: вай сӯи Ман бенатиҷа нахоҳад баргашт, балки он чиро, ки Ман хостаам, ба ҷо хоҳад овад, муваффақ хоҳад шуд.»***
Ишаъёи набӣ 55:11

Дар Китиби Муқаддас якчнад пешгӯӣ дар бораи кишварҳои дунё вуҷуд доранд. Дар ин пешгуиҳо сухан дар бораи доварони ин ҷойҳо гуфта шудааст, лекин пешгӯидар бораи тоҷикон фарқ мекунад. Масалан Ирмиёи набӣ чунин мегӯяд:

*«Каломи Худованд дар бораи Элом, ки бар Ирмиёи набӣ дар ибтидои подшоҳии Сидқиё*[19] *подшоҳи Яҳудо нозил шуда, гуфт:*

[19] Сидқиё подшоҳи Яҳудо, соли 597 то 586 пеш аз милод дар Яҳудо салтанат меронд.(Вилкинсон,1983, саҳ.199) Ин пешгӯӣ пеш аз саршавии давраи Ҳахоманишиҳо омадааст.



*‹Худованди лашкарҳо чунин мегӯяд: инак, ман камони Эломро, ки қуввати асосии онҳост, хоҳам шикаст;ва чор бодро аз чор канори осмон бар Элом хоҳам овард,ва онҳоро бо ҳамаи ин бодҳо пароканда хоҳам кард, ва халқе нахоҳад буд, ки рондашудагони Элом ба он ҷо наоянд; ва онҳоро пеши душманонашон ва пеши толибони ҷонашон ба шикаст дучор хоҳам кард, ва бар онҳо мусибат, яъне оташи ғазаби Худро хоҳам овард, мегӯяд Худованд,ва шамшерро аз паи онҳо хоҳам фиристод, то даме ки онҳоро тамоман талаф намоям;* ***Ва тахти Худро дар Элом барқарор хоҳам намуд, ва подшоҳ ва миронро аз он ҷо нест хоҳам кард, — мегӯяд Худованд. Вале дар рӯзҳои охир асирони Эломро хоҳам баргардонаид, мегӯяд Худованд». Ирмиёи набӣ 49:34–39***

Эломиҳо кистанд? Ин ном бо якчанд намуд навишта шудааст ба монанди Элом, Эълам ва Аллом ва дар китоби «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров омадааст: «Пайдоиши нахустин падидаҳои давлат дар Эрон ба асрҳои IX– VII пеш аз милод тааллуқ дорад… Аввалҳо ба подшоҳии Аллом ва баъд ба Ҳахоманишиҳо итоат мекарданд, тақрибан дар соли 640 пеш аз милод» (Ғафуров, 1998, саҳ. 89). Ва сарзамини Аллом ноҳияҳои ҷанубу ғарбии Эронро дар бар мегирифт.

Номи яке аз шаҳрҳои Сузӣ (Шушан) чандин маротиба дар Китоби Муқадддас зикр ёфтааст,

ки ин сарзамин ҷои зисти тоҷикзабонон мебошад. Инчунин номи Эълам макони Аншон (Мовароуннаҳр) зикр мешавад, ки дар замони мо ин сарзамини Тоҷикистон мебошад (Умарзода, 2006, саҳ. 56, 170–175. Китоби Муқаддас: Эзро 4:9; Наҳемё 1:1; Эстер 1:2, ва Дониёл 8:2.).

Мақсади мо аз ин пешгӯиҳо дар он аст, ки онҳо ба тоҷикзабонон дахл дошта ва онҳо аз он пешгуиҳое ки дар бораи дигар халқу малакатҳо гуфта шудаанд ба кулли фарқ мекуннад. Дар пешгӯиҳо маҳз дар бораи умед ба ин одамон сухан меравад. Дар бисёр пешгӯиҳо Худо ба воситаи пайғамбаронаш дар бораи умеди оянда надоштани ин ё он халқу давлат гуфтааст, аммо дар бораи таҷикзабонон бо умеди оянда мегӯяд: «***Вале дар рӯзҳои охир асирони Эломро хоҳам баргардонаид***».

Ва ин пешгӯии Ирмиёи набӣ нишон медиҳад, ки сарзамини Элом бо баракати Худо пайваст мебошад. Ӯ ҳамаи асирони дигар мамлакатҳои дунёро ба ватан баргардонида нақшаи Худро барои наҷоти ин халқҳо анҷом медиҳад, ва ин ба пешгӯии дигари Ирмиё монанд аст, ки омадааст: «***асирони Яҳудо ва асирони Исроилро хоҳам баргардонид***» Ирмиёи набӣ 33:7.

Масеҳиёни Эронӣ ин оятро чунин тафсир мекунанд, ки дар оянда Худо ба халқи онҳо баракат медиҳад. Онҳо дар бораи парокандагии



форсизабонони Эронӣ, ки бисёрии онҳо имондоранд, ин оятро дар кору фаъолиатшон дар ҳамаи ташкилотҳояшон пайваст карда аминанд ки он ба ҳозиравуояндаи онҳо дахл дорад (Ҳантзингер, Форсиён дар Китоби Муҷаддас).

Ҳоло мо назаре ба таърих карда дидем, ки чӣ хел Худо бо халқи тоҷик дар давраи Ҳахоманишӣ наздик шуда кор мекард, ва пешгӯӣ Ирмиё нишон медиҳад, ки нақшаи Ӯ ба амал омадаистодааст.

«Эй гадоёни харобот,
Худо ёри шумост,
Чашми инъом мадоред
Зи анъоме чанд.»

*Ҳофиз*

# Қисми 2

## ДАР ДАВРАИ ИСОИ МАСЕҲ

# Боби 5

## ДАР ИНТИЗОРИИ НАҶОТДИҲАНДА АЗ ТАРАФИ ХУДО

Баъди ҳукмронии шоҳ Ардашери Як чанд муддате хомӯшӣ ҳукмфармо шуд. Дар ин вақт Худо ба халқи Яҳудӣ ҳеҷ пайғамбареро нафиристод ва одамон дар интизори омадани Масеҳ ё наҷотдиҳанда буданд. Ин хомӯшӣ чорсад сол идома кард то ин, ки нақшаи Худованд бо пуррагӣ ба вуқуъ пазирад, ***«Вале ҳамин ки пуррагии замон даррасид, Худо писари Худро фиристод, ки Ӯ аз зан таваллуд ёфта, зери дасти шариат буд, то барои онҳое ки зери дасти шариат буданд, фидия диҳад»*** (Инҷил, Ғалотиён 4:4).

Ҳозир нигоҳ мекунем ба талабгории авлодонамон ба Худо дар даврае ***«ки пуррагии замон»*** расида буд.



### Маҷусиён дар ҷустуҷӯи подшоҳи аз ҷониби Худо омада

***Маҷусиён: — «Куҷост он Подшоҳи Яҳудиён, ки таваллуд ёфт?»***

Дар вақти таваллуди Исои Масеҳ аз шарқ маҷусиён яъне донишмандон ба сарзамини яҳудиён омада хоҳиши парастиши шоҳи нави ба дунё омада Исои Масеҳро доштанд. Онҳо киҳо буданд ва аз куҷо омаданд? Дар ин бора дар Инҷил чунин омдааст:

***«Чун Исо дар айёми подшоҳ Ҳиродус дар байт-Лаҳми Яҳудо таваллуд ёфт, аз ҷониби шарқ ба Ерусалим мунаҷҷимон омада, гуфтанд:***

***‹Куҷост он Подшоҳи Яҳудиён, ки таваллуд ёфт? Зеро ки ситораи Ӯро дар шарқ дидем ва омадем, ки Ӯро парастиш кунем.›***

***Чун подшоҳ Ҳиродус инро шунид, дар изтироб афтод, ва бо вай тамоми Ерусалим ҳам. Ва ҳамаи саркоҳинон ва китобдонони қавмро ҷамъ карда, аз онҳо пурсид, ки Масеҳ дар куҷо бояд таваллуд ёбад? Ба вай гуфтанд: ‹Дар Байт-Лаҳми Яҳудо, зеро ки ба воситаи набӣ чунин навишта шудааст: «Ва ту, эй Байт-Лаҳм замини Яҳудо, аз дигар ноҳияҳои Яҳудо ҳеҷ камӣ надорӣ; зеро ки аз ту Пешвое ба майдон хоҳад омад, ки Ӯ қавми Ман — Исроилро чӯпонӣ хоҳад кард.»***

*Он гоҳ Ҳиродус мунаҷҷимонро пинҳонӣ даъват намуда, вақти пайдоиши ситорараро аз онҳо фаҳмида гирифт, Ва онҳоро ба Байт-Лаҳм равона карда, гуфт: ‹биравед ва аз аҳволи Кӯдак дурустакак пурсҷӯй кунед ва ҳамин ки Ӯро ёфтед, ба ман хабар диҳед, то ки ман ҳам рафта, Ӯро парастиш кунам.› Онҳо суханони подшоҳро шунида, равона шуданд. Ва инак, ситорае ки дар шарқ дида буданд, пешопеши онҳо мерафт ва ба болои он ҷое ки Кӯдак буд, расида, биистод. Ва ситорараро дида, беандоза шод ва хушҳол гардиданд, ва ба хона даромада, Кӯдакро бо модараш Марям диданд, ва зону зада, Ӯро парастиш карданд; ва ганҷинаҳои худро кушода, инъомҳои тилло, лодан ва мур ба Ӯ тақдим карданд. Ва чун дар хоб ба онҳо ваҳй омад, ки ба назди Ҳиродус барнагарданд, онҳо аз роҳи дигар ба ватани худ равона шуданд» Матто 2:1–12.*

Дар матни Тоҷикии Инҷил “маҷусиён” ҳамчун “мунаҷҷимон” омадааст, вале таҷумаи форсии ҳамин матн калимаи «маҷусиён» истифода мекунад. Маҷусиён киҳо буданд?[20] Маҷусиён роҳбарони рӯҳонии дини Зардуштӣ буданд

[20] Форсӣ Инҷили тафсирӣ «чанд маҷус» мегӯяд ва Инҷили Шариф, «маҷусиён» мегӯяд. Калимаи инҷили юнони «магос» (*μαγος* pl. *μαγοι*), ин калима аз Фосрӣ қадим ва Авесто «муғупаити» мебошад.



дар ибтидо ин ном ба гӯрҳуи Модай пайваст буд. Дертар онҳоро чун «мубад ё мубид» ном мебурданд (Фрай, 1996, саҳ. 17). Онҳо донишмандони олим дар равияи дини Зардуштӣ буда аз рӯи ситораҳо ба сирри ғайб роҳ ёфта муаммоҳоро барои подшоҳон мекушоданд.


**Маҷусиён — www.gutenberg.org**

Далели ин гуфтаҳоро дар китоби Дониёли набӣ (Дониёл 5:11–12) мушоҳида кардан мункин аст... Ҳамаи онҳо дар дини зардуштӣ буда ба воситаи ситораҳо ба ғайб нигоҳ карда амал мекарданд ва албатта ин ба тоҷикон дахл дорад, чунки оини зардуштӣ дар байни аҷдоду авлоди мо ривоҷ дошт.

Калимаи «мунаҷҷимон» тафсири калимаи «маҷусиён» мебошад, онҳо ситорашиносон буда аз рӯи ситораҳо амал карда дар вақти таваллуди Исои Масеҳ ба Ерусалим омаданд ва ситорае онҳоро ба макони таваллуди наҷотдиҳанда ҳидоят мекард.

Онҳо аз куҷо омаданд? Онҳо «аз ҷониби шарқ ба Ерусалим» омаданд, шарқ бошад ин макони тоҷикону форсизабонон мебошад.

Ба ақидаи устодони оини масаҳият Клемент аз Искандария ва Ориген онҳо аз макони форсҳо омада буданд (Алисон, 2004, саҳ. 228). Дар таълимотҳои калисоҳи форсу тоҷик чунин ақида ҷори буд, ки маҷусиёни ба парастиши Масеҳ омада аз қаламрави онҳо буданд. Ҳамчунин Марко Поло саёҳи асримёнаги чунин навиштааст, ки маҷусиён аз шаҳри Савени Эрон омаданд. Ва дар вақти сафари Марко Поло халқи Савен ба ӯ се қабристони маҷусиёнро нишон доданд. Ҷавоби аниқ аз кучо омадани мунаҷҷимон аз рӯи расмҳои Масеҳӣ ва калимаи «маҷусиён» гумон аст, ки онҳо аз ҳудудҳои форсу-тоҷик нишин омаданд.[21]



**Сурати маҷусиён бо либосҳои форсиён, соли 600 дар Италия**

МАҶУСИЁН КИҲО БУДАНД?

Масеҳиёни Сурияги, ки дар заминҳои форсизабонон зиндагӣ мекарданд чунин мегӯянд,

[21] Фикри дигар ин аст, ки онҳо аз Арабистон яъне «аз ҷониби шарк» омаданд (Malouf,2007, боби 6-ум). Аз руи ин ақида навиштаи Ишаъё 60:1–7 ба арабҳо алоқаманд мешавад.



ки ин маҷусиён се ном доштанд яъне: Ларвандод, Гуштасп ва Аҳурамаздо. Ҳарчанд аз руи далели расмҳои масеҳӣ номҳои гуногуни ин маҷусиён метавон пайдо кард. Расмҳои масеҳӣ ҳам дар бораи шоҳ ва шоҳзода будани онҳо нақл мекунанд, ки ин ақида асос мегирад аз рӯи тухфаҳои бисёри овардаи онҳо.

ОНҲО БАРОИ ЧӢ ОМАДАНД?

***«Чун Исо дар айёми подшоҳ Ҳиродус дар байт-Лаҳми Яҳудо таваллуд ёфт, аз ҷониби шарқ ба Ерусалим мунаҷҷимон омада, гуфтанд: ‹Куҷост он Подшоҳи Яҳудиён, ки таваллуд ёфт? Зеро ки ситораи Ӯро дар шарқ дидем ва омадем, ки Ӯро парастиш кунем.›»***

Аз ин навиштаҳо бармеояд, ки онҳо барои парастиши подшоҳи яҳудиён омаданд ки ин хеле аҷаб ба назар мерасад. Чӣ хел онҳо донистанд, ки Исои Масеҳ подшоҳи яҳудиён мешавад? Албатта маҷусиён китобҳои яҳудиёнро мехонданд, онҳо доно ва доимо дар ҷустуҷӯи донишомӯзӣ буданду донишманду соҳиб ҳикмати замони худ ҳисоб меёфтанд.

Сабаби асосии омадани онҳо барои зиёрати Ҳиродус ё тамошои Ерусалим набуда фақат барои паристиши Исои Худованд буду вассалом. Ин амали маҷусиён пеш аз ҳама зидди хоҳиши

Ҳиродус буд чун, ки онҳо барои парастиши Исои Масеҳ омада буданд. Ҳиродус бошад зидди ин кор буда ӯ дар сар фикрҳои шуҳратпарастиву зуроварӣ дошт, ва ба ҳақиқат такя намекард.

Гӯруҳи дуюме, ки дар назди Ҳиродус ҳузур доштанд онҳо саркоҳинон ва китобдонон буданд. «***Ва ҳамаи саркоҳинон ва китобдонони қавмро ҷамъ карда, аз онҳо пурсид, ки Масеҳ дар куҷо бояд таваллуд ёбад?***» Мутаасифона ҳамаи саркоҳинону китобдонон дар ҷустуҷӯи ҳақиқату ростӣ набуданд, балкӣ онҳо зидди парастиши Исои Масеҳ буда ба ин воқеа диққат намедоданд. Маҷусиён бошанд дар ҷустуҷӯ ва хоҳиши парастиши Исои Масеҳ буданд. Саволе ба миён меояд; барои чӣ роҳбару муаллимони он вақт дар ҷустуҷуи тавуллуди Исои Масеҳ набуданд? Дар китоби Ирмиёи Набӣ боби 29 ояти 13 омадааст: ***«Маро хоҳед ҷуст, ва пайдо хоҳед кард, ба шарте ки бо тамоми дили худ Маро ҷустуҷӯ намоед.»*** Аз ин мебинем ки ин мардони хирад, яъне маҷусиён нафақат дар ҷустуҷӯи шоҳи яҳудиён балки дар дарёфт кардани наҷотдиҳанда ҷидду ҷаҳд мекарданд. Бар аъкси амали онҳо муаллимони яҳудиён дар ҷидду ҷаҳди ҳақиқат набуданд ва ба Китоби Муқаддас бисёр аҳамият надоданд.



## МАҶУСИЁН АЗ КУҶО ДАР БОРАИ ОМАДАНИ МАСЕҲ ОГОҲӢ ДОШТАНД?

**Маҷусиён: — «*Ситораро дида, беандоза шод ва хушҳол гардиданд*»**

Ситорае, ки дар ояти боло дар бораи он сухан меравад дар Тавроти Мусо пешгӯй шуда буд; ***«Ситорае аз Яъқуб тулӯъ хоҳад намуд, ва чӯбдасти салтанат аз Исроил хоҳад бархост»*** (Ададҳо 24:17). Ҳамчунин аз навиштаҳои Таврот маълум мешавад,ки яҳудиён ва пайғамбарони онҳо дар байни аҷдоди тоҷикон зиндагӣ ба сар мебурданд. Яҳудиён ҳар рӯзи шанбе парастиш мегузарониданд ва аз Тавроти Мусо мехонданд аз ин сабаб мумкин ба ин пешгӯӣ аҳамияти махсус медоданд. Пешгуии ин ситора дар бораи салтанати аз Исроил бармеомадагӣ хабар медод.

Саволи дигар дар бораи он, ки маҷусиён оё имконияти хондан ва дастрас кардани китобҳои яҳудӣро доштанд ё не? Аз таърих айон аст, ки мубадҳо ва коҳинони Зардуштӣ давлатдор буданд аз ин лиҳоз барои омӯзиши як чанд забон барои онҳо дӯшворӣ надошт.

Ситорае, ки ба ин воқеаи азим роҳнамудӣ мекард албатта дар бораи кудак ва подшоҳи яҳудӣ будан чизеро фаҳмонда наметавонист. Албатта дар ин бора Худо ба онҳо таввасути ваҳй маълум кард, чунки онҳо доимо бо хондани Ка-

ломи Худо машғул буда шахсонӣ рӯҳонӣ буда аз рӯҳ илҳом мегирифтанд. Ин маҷусиён фолбину ҷодугар набуда доимо аз Худо илҳом гифтифа Ӯро парастиш мекарданд ва дар ҳолати дидани Нури Худо онҳо бисёр шодмонӣ мекарданд. Баъд аз Исои Масеҳро парастиш кардан, Худо дар хоб ба онҳо бо воститаи ваҳӣ ояндаро маълум кард: «***Ва чун дар хоб ба онҳо ваҳӣ омад, ки ба назди Ҳиродус барнагарданд, онҳо аз роҳи дигар ба ватани худ равона шуданд.***»

Онҳо бисёр ҳассос ба овози Худованд гӯш мекарданд ва Ӯ бо ин мардони Худ доимо машғули кор буд, онҳо на аз одамон балки аз Худо метарсиданд.

### Маҷусиён Китоби Муқаддасро хонданд



**Қисми Септуагинта аз асри 1 — www.commons.wikimedia.org**

Пеш аз таваллуди Исои Масеҳ Китоби Муқаддас (Таврот, Забур ва китобҳои паймбарон) бо забони арамӣ тарҷума ва хонда мешуданд. Номи ин тарҷума «Таргум» буд, чунки бисёр яҳудиён



бо забони арамӣ (*лаҳҷаи калдонӣ*) гап мезаданд ва ин алифбо ва талафузи ин забон бо забони Ибрӣ дар он вақт як буданд (Ҷонс,1972, саҳ. 3). Ин тарҷума дар давраи Эзро сар шудааст ва чанд аср истофода шудааст.[22] Забони арамӣ (ё арамейӣ) дертар «забони форсӣ, яъне шакли деринаи забони паҳлавӣ, шакли гузариш ба забони форсии нав мебошад ва забони форсии нав дар хат тамоман аз баҳри унсурҳои арамейӣ баромадааст» (Умарзода, 2006, саҳ. 87–88). Аз ин бар меояд, ки маҷусиён дар забони худашон навиштаҳои Тавроту пайғамбаронро аз худ карда буданд.

Навиштаҳои Аҳди Қадими Китоби Муқаддас асосан бо забони ибрӣ дар зери илҳоми Худо навишта шудааст, вале чанд қисми он бо забони арамӣ ҳам навишта шудаанд. «Аҳди Қадим ба забони ибронӣ навишта шудааст. Истиснои ягона аз инҳо иборат аст: Эзро 4:8 то 6:18; Эзро 7:12–26; Ирмиё 10:11 ва Дониёл 2:4 то 7:28. Ин ҷойҳои ҷудогона бо лаҳҷаи калдонӣ *(арамӣ-Н.Ч.)* навишта шудаанд, ки он ба сифати лаҳҷаи гузариш… Сабаби ин ҳодисаи аҷоиб он аст, ки Дониёл ва Эзро дар Бобил зиндагӣ кардаанд ва бо ҳокимони Бобил ва Форс ки дар ин шаҳр ва гирду атрофаш соҳиби нуфузи бузурге буданд

[22] www.wikipedia.com/Targum.

муносибат доштаанд.»[23] *Лаҳҷаи калдонӣ (арамӣ)* забони давлатӣ дар замон буда бо таъсиру нуфузи Дониёлу Эзро таввасути навиштаҳои Китоби Муқаддас ба хирадмандони форс дастрас гардидааст.

Дар асри сеи пеш аз милод ҳамаи китобҳои Аҳди Қадими Китоби Муқаддас ба забони юнонӣ трҷума шуданд, ва аз гуфтаи «Септуагинта ё LXX» дар ин кор зиёда аз ҳафтод мутарҷим ширкат варзидаанд.[24] Пас дар он вақт ҳар касе, ки забонҳои арамӣ ё юнониро медонист Китоби Муқаддасро хонда метавонист ва дар давраи давлатдории Юнону Бохтар (аз асри III пеш аз милод) дар минтақаҳои тоҷикнишини имруза забони юнонӣ истофода мешуд. «Дар замони Юнону Бохтар хати қадими бохтарӣ ба хати юнонӣ иваз мешавад. Зеро забони давлатӣ забони юнонӣ буд. Аз ин *лиҳоз*, барои Бохтариён аз хат ва забони модарӣ даст кашидан мушкил буд. Албатта, хату забони юнонӣ дар байни мардуми ориёӣ *(Н.Ҷ. — тоҷик)* паҳн нашуд, аммо шахсони дар корҳои давлатӣ ҷалбшуда забон ва хати юнониро медонистанд» (Яъқубов, 2000, саҳ. 168). Маҷусиён бошанд соҳибдавлат буданд ва онҳо бемонеъа Китоби Муқаддасро бо забони юнонӣ ё арамӣ мехонданд.

[23] Китоби Муқаддас, «Ҳамсафари Библия» саҳ. 134.
[24] Китоби Муқаддас, «Ҳамсафари Библия» саҳ. 134–135.



## ТАЪСИРИ ДОНИЁЛ БА МАҶУСИЁН

> «Аммо ту, эй Дониёл, ин суханонро пинҳон намо, ва ин китобро то замони охир мӯҳр зан; бисёре ҷустуҷӯ хоҳанд кард, ва дониш афзоиш хоҳад ёфт.»
>
> *Фариштаи Микоил ба Дониёл 12:4*

Дониёл набӣ дар давраи Ҳахоманишиҳо дар якҷояги бо роҳбарон ва шоҳони зардуштӣ зиндагӣ ва фаолият мекард ва ҳамаи аҳли дарбор ӯро нағз мешинохтанд (Дониёл 6:1–3). Ҳизқиёл ҳам дар замини калдониён аз Худо илҳом гирифта ду маротиба бо номи Дониёл зикр шудааст (Ҳизқиёл 14:20 ва 28:3) ва ин бори дигар дар байни халқ машҳур будани ин марди Худоро исбот мекунад.

Дониёл дар байни халқи форсизабон соҳиби ҳурмату эҳтиром гашта буд. Як матни арамӣ дар бораи Дониёли набӣ аз асри 2-и пеш аз милод ёфт шуд ва ин матн бо номи «Бел ва Аждаҳор» маълум аст. Навиштаҷоти мазкур дар бораи ҳурмат ва дустии подшоҳи Куруш бо Дониёл нақл мекунад, ин матн баъди чорсад сол нашр мегардад, ки исботи ҳурмату эҳтиром доштани ӯро тасдиқ мекунад.[25] Ҳарчанд номи ӯ дар байни арабҳо ва адабиёти забрни араби (Қуръон, Ҳадисҳо ва Қасас-ул-анбиё) зикр нашудаст (Кри-

[25] “Bel and the Dragon” www.wikipedia.com.

вазек, 2002, саҳ. 157). Дониёли набӣ ба тоҷикон нисбати дигар халқҳо бисёр пайванди дорад. Оромгоҳи Дониёли набӣ дар Шушани Эрони имрӯза ҷойгир шудааст инчунин зиёратгоҳе бо номи вай дар шаҳри Самарқанд воқеъ аст.

Дониёл дар бораи омадани Масеҳ пешгӯии кардааст ва ба ин ҳикояи дар Инҷили Матто буда яҳудиён он қадар аҳамият надоданд аммо маҷусиён бошанд диққати махсус зоҳир карданд, ки дар Дониёл 9:24–26 маълум шудааст:

*«**Ҳафтод ҳафтсола барои қавми ту ва барои шаҳри муқаддаси ту муқаррар карда шудааст, то ки ҷиноят хотирма ёбад, ва гуноҳ нест шавад, ва маъсият кафорат шавад*** (гуноҳ сафед шавад — *Н.Ҷ.*), ***ва адолати ҷовидонӣ барқарор шавад, ва рӯъёи набӣ муҷассам гардад, ва қудси қудсҳо тадҳин карда шавад. Пас бидон ва бифаҳм, ки аз вақти баромадани калом дар бораи аз нав барқарор ва бино кардани Ерусалим то вақти Масеҳи Раис ҳафт ҳафтсола хоҳад гузашт; ва шасту ду ҳафтсола кӯчаҳо ва хандақҳо аз нав барқарор ва бино хоҳад шуд, ва ин дар замонҳои тангӣ хоҳад буд. Ва баъд аз шасту ду ҳафтсола Масеҳ талаф хоҳад шуд ва нахоҳад буд; ва қавми раиси оянда шаҳр ва қудсро хароб хоҳад кард, вале охири ӯ зуд фаро хоҳад расид, ва то охири ҷанг вайронаҳо насиб шудааст.***»



Ин пешгӯиро ба осони фаҳмидан мушкил аст аммо ин маълум, *ки «**то вақти Масеҳи Раис ҳафт ҳафтсола хоҳад гузашт; ва шасту ду ҳафтсола… баъд аз шасту ду ҳафтсола Масеҳ талаф хоҳад шуд.***»

Мумкин маҷусиён интизори Масеҳ буданд, чунки ин пешгӯии Дониёл дар байни онҳо навишта шудааст ва онҳо бо чизҳои рӯҳониву пешгӯиҳои оянда шавқу ҳаваси калон зоҳир мекарданд. Аз рӯи ҳисоб бояд ҳафт ҳафтсола (7 х 7 = 49 сол) ва шасту ду ҳафтсола (62 х 7 = 434 сол) то талаф шудани Масеҳ ҳамагӣ 483 сол мегузашт. Дар китоби «Пешгӯиҳои Таврот дар бораи Раҳонанда» чунин омадааст:

«Соли пайғамбарӣ дар Навиштаи Пок 360 рӯз давом мекунад *(дар ин бора Ваҳй 11:3-ро бо Ваҳй 12:14 муқоиса кунед, ки дар инҳо севуним сол ба 1260 рӯз баробар мебошад)* ва 69 ҳафтаи соли 173 880 рӯзро (69 х 7 х 360) дар бар мегиранд» (*Ливи*, 2005, саҳ. 13). Ин ***«аз вақти баромадани калом дар бораи аз нав барқарор ва бино кардани Ерусалим»*** (Дониёл 9:25) дар рӯзи Март 4, 444 пеш аз милод (Наҳе-



**Дониёл 9:22 — Дониёл ва Ҷаброил www.gutenberg.org**

мё 2:1–8), (Вилкинсон, 1983, саҳ. 223)[26] то Март 29, соли 33 милодӣ рӯзе, ки Исои Масеҳ ба Ерусалим баромад (Инҷили Матто боби 20). Чунин санҷидан даркор: 476 сол зарби 365.24219 рӯз[27] дар сол баробари 173 855 рӯз ва баъд 25 рӯз илова кардан даркор, ин фарқияти Март 4 ва Март 29, ҳамагӣ 173 880 рӯз мешавад.

Мумкин маҷусиён ситорароро дида ва донистанд, ки вақти Масеҳ наздик аст ва чуноне, ки мо медонем онҳо мунаҷҷимва ба илми риёзиёт ошно буданд, ва дар ҷустуҷуи ***«Масеҳ раис»*** буда ба Ерусалим омаданд. Ваҳии Дониёл бо сафари онҳо пайванд аст, худи Дониёл бошад албатта бо пешгӯиҳояш ба тоҷикон ва маҷусиён таъсир расондааст то ки онҳо дар ҷустуҷуи Исои Масеҳ бошанд.

## БАРОИ ЧӢ МАҶУСИЁН ИСОИ МАСЕҲРО МЕПАРАСТАНД?

***Маҷусиён: — «Ӯро парастиш кунем.»***

[26] Баъзе таърихшиносон дар соли 45 мегӯянд. Исо дар соли 32 маслуб шуд. Барои чӣ? Дар соли 45-ӯми пеш аз милод Жулиус Қайсар фармон баровард, ки сол бо Январ сар шавад, то он вақт сол бо 21-уми Март сар мешуд, ба ин мақсад баъз вақт ҳисоби таърих як сол фарқият дорад.

[27] Ин ҳисоб бо соли кабиса аст, чунки солҳои таърих бо тақвими Григорӣ ҳисоб шудааст.



Ин аҷибот аст ки он маҷусиён — зардуштиён мехоҳанд Исои Масеҳро парастиш кунанд, онҳо аз пешгӯии пайғамбарон фаҳмиданд, ки Ӯ сазовори парастиш аст. Ҳамчунин онҳо боварӣ доштанд, ки он Масеҳи Яҳуд бояд писари Худо (Китоби Муқаддас, 1 Вақоеънома 17:3, 22:10); Худованд (Забур 109:1) ва Коҳини абадӣ (Забур 109:4) номида хоҳад шуд. Ва аз аломати азими ситораи мазкур дар онҳо хоҳиши парастиш авҷ мегирад.

Ҳозир дар бораи он, ки маҷусиён ба Исои Масеҳ чӣ туҳфаҳоро тақдим карданд ва ин чизҳо чӣ маънӣ доранд каме равшанӣ меандозем, «***ва ганҷинаҳои худро кушода, инъомҳои тилло, лодан ва мур ба Ӯ тақдим карданд»***. Аз рӯи анъанаи масеҳӣ ин туҳфаҳо чунин рамзҳоро нишон медиҳад: тилло барои подшоҳии Исои Масеҳ, лодан барои парастиши Исои Масеҳ ва мур барои мурдану қурбонии Исои Масеҳ.

Тилло барои подшоҳ (Масеҳ раис), худи номи Масеҳ ин маънии таъиншуда, подшоҳро ифода мекунад. Дар Инҷили Матто 24:30–31 ва Ваҳӣ 20:4–6 омадааст, ки Исои Масеҳ абадн подшоҳӣ мекунад. Ҳам маҷусиён инро аз одату анъанаҳои худашон медонистанд; монанди подшоҳи Ардашери Як, ки ӯ тиллоро барои Худо хайрот мекард (Эзро 7:15, 8:24–26). Тиллоро туҳфа

овардани онҳо як намуди париштиши онҳо буд.[28]

*Лодан* чӣ аст? Ин ашёи хӯшбуи бухури мебошад, ки дар вақти парастиш истифода мекунанд ва дар «Фарҳангӣ Забони Тоҷикӣ» чунин омадааст: «самғи хушбӯи зард ё сурхранге, ки дар калисоҳо вақти ибодат месӯзонанд ва дар тиб низ ба кор меравад» (Шукуров, 1969, саҳ. 602). Маълум аст, ки дар замони қадим дар баъзе ҷойҳои Ҳиндустон *лодан* барои парастиш (Дҳарманада, 2007) истифода мешуд; *лодан* дар ҷануби Арабистон меруяд. *Лодан* калимаи форсӣ аст вале дар баъзе ҷоиҳои Китоби Муқаддас бо талафуси Ибрӣ менависанд, «лебӯно» (Тавроти Мусо, Хуруҷ 30:34 ва Ирмиё 6:20). Дар Тавроти Мусо китоби Ибодат 2:1–2 — *Лебӯно* бар қурбонии ҳадияи ордӣ мемонанд, ***«бар қурбонгоҳ месӯзонад, — ин қурбонии оташин, атри гуворо барои Худованд аст»*** ва ба болои ноне, ки пеши Худованд монда мешавад (Ибодат 24:7).

*Лодан* чизи хушбуй ва қиммат мебошад агар онро бо қиммати имрӯза муқоиса кунем тахминан ним килои *лодан* аз $600 то $1200 ва ин бо сифаташ вобаста аст (Ван Бик, 1960, саҳ. 87). Маҷусиён бой буданд ва тухфаҳое, ки онҳо овар-

[28] Мувофиқи Ададҳо боби 7 ва 31:50 тилло барои парастиши яҳудиён истифода мешуд.



да буданд барои фирори Маряму Юсуф то Миср албатта истифода шудааст (Инҷил, Матто 2:13–23) ва аз ин туҳфаҳо маълум аст, ки маҷусиён Исои Масеҳро парастиш мекарданд чун, ки ин чизи қиммату хушбуйро барои парастиш дар ҳузури Худо истифода мебурданд.

Мур чӣ аст? Мур ин равғани атриёт мебошад. Эстери малика аз ин равған истифода кардааст (Эстер 2:12), Сулаймон дар Суруди Сурудҳо 5:5 мегӯяд, ***«Ман бархостам, то ки барои маҳбуби худ бикшоям, ва аз дастам мур чакид, ва аз ангуштҳоям мури покиза бар дастаи қуфл чакид.»*** Ин равғани хушбӯиро одамони бой ва шоҳо истифода мекарданд, дар барои ин дар Инҷил ҳам омадааст: Юҳанно 19:39–40 мегӯяд, ***«Ва Никӯдимус, ки пештар шабона назди Исо омада буд, низ омад ва тақрибан сад ратл мур ва уди омехта бо худ овард. Онҳо Ҷасади Исоро гирифтанд ва мувофиқи маросими дафни яҳудиён, ҳанут пошида, ба кафан печонданд.»*** Яҳудиён ин атриётро бар ҷасадҳо дар вақти дафн истифода мекарданд (Дҳарманада, 2007).

Аз ин хулоса баровардан мумкин, ки маҷусиён низ мисли пешгӯии Дониёли набӣ ***«Масеҳ талаф хоҳад шуд»*** гуфта буд, дар бораи ояндаи кудак барои наҷоти одамизод мурдани Исои Масеҳро медонистанд ва дар туҳфаҳои худ мур ҳам доштанд, ин нақшаи Худо буд. Шу-

мо тасаввур кунед, ки аҷдодони мо чи гуна кори азиме карданд!

Пеш аз ҳама ба мо маълум аст, ки Худо ҷӯёи маҷусиён буд ва ин бо ташаббус Ӯст, ки онҳоро барои дар вақти таваллуди Масеҳ ба воситаи ситораи роҳнамо ба назди Ӯ овард, то ки онҳо бо Худованд шинос шуда Ӯро парастиш кунанд. Аз ин воқеъаи азим албатта яҳудиён низ хабардор буданд лекин чуноне, ки мо дидем маҳз маҷусиён тоҷикон ба ин кор сазовор шуданд ва ин воқеа бори дигар дар ҷустуҷу тоҷикон будани Худоро тасдиқ мекунад.

Оё шумо имрӯз монанди маҷусиён дар ҷустуҷӯ ва парастиши Худованд ҳастед? Худо ниёгони моро Худаш барои ба назди Исои Масеҳ омадан роҳбарӣ мекард, то Ӯро парастиш кунанд ва ин барои мо воқеъаи азиме мебошад.

> ***Маҷусиён: — «Куҷост он Подшоҳи Яҳудиён, ки таваллуд ёфт? Зеро ки ситораи Ӯро дар шарқ дидем ва омадем, ки Ӯро парастиш кунем.»***



# Боби 6

## ПЕШГӮИИ ИСОИ МАСЕҲ

***«Биёву маърифат аз ман шунав,***
***ки дар суханам,***
***Зи файзи Рӯҳулқудус нуктаи***
***саъодат рафт.»***
Ҳофиз

Дар вақти зиндагӣ ва фаолияташ дар замин Исои Масеҳ дар бораи оянда пешгӯиҳои бисёр кардааст. Масалан Ӯ ҳафт маротиба дар бораи мурданаш (Инҷили Матто 16:21; 17:9; 17:12; 17:22–23; 20:18–19; 20:28; 26:1–2); ва ҳам дар бораи боз ба дунё омада подшоҳӣ карданаш (Инҷили Матто боби 24) то абад зинда монданаш (Инҷил, Ваҳй 1:17–18) пешгуиҳо карда буд. Ин пешгӯиҳои Исои Масеҳ албатта дар оянда иҷро мешаванд ва Ӯ гуфт: **«Осмон ва замин гузарон аст, лекин каломи Ман гузарон нест»** (Матто 24:35,

ва Матто 5:17–18). Ҳар касе ба ин гуфтаҳои дар Инҷил омада шубҳа кунад ин беҳурматӣ нисбати Худо мебошад. Худо бо гуфтааш меистад Каломи Ӯ абадист, чунки Ӯ ба ҳама чиз қодир аст. Агар абадӣ нест, пас ин Каломи Худо нест. ***«Каломи Худо, ки зинда аст ва то абад боқист. Зеро ки ҳар ҷисм милси алаф аст, ва ҳар ҷалоли одамӣ — мисли гули алаф; алаф хушк мешавад, ва гули он мерезад; Аммо Каломи Худованд то абад боқист» (Инҷил, (1) Петрус 1:23–24).***

Исои Масеҳ як чанд сухан дар бораи Рӯҳи Худо пешгӯӣ кард ва ин пешгӯиҳо ба Тоҷикон дахл доранд ва таасуфовар аст, ки имрӯзҳо бисёр одамон дар ин бора нодуруст мефаҳманд ва беҳурматӣ зоҳир мекунанд.

*«Ва Ман аз Падар илтимос хоҳам кард, ва Ӯ ба шумо Пуштибони дигаре ато хоҳад кард, то ки **ҳамеша бо шумо бимонад**, яъне **Рӯҳи ростӣ**, ки ҷаҳон наметавонад Ӯро бипарзирад, зеро ки **Ӯро намебинад** ва намешиносад; лекин шумо Ӯро мешиносед, зеро ки Ӯ **бо шумо мемонад ва дар шумо хоҳад буд**» Инҷили Юҳанно 14:16–17.*

*«Лекин чун Пуштибон, ки Ӯро **аз ҷониби Падар** назди шумо мефиристам, биёяд, яъне **Рӯҳи ростӣ**, ки **аз Падар содир мегардад**, Ӯ бар Ман шаҳодат хоҳад дод» Инҷили Юҳанно 15:26.*

*«Лекин ба шумо рост мегӯям: рафтани Ман барои шумо беҳтар аст; зеро ки агар Ман наравам, Пуштибон назди шумо нахоҳад омад; ва агар биравам, Ӯро назди шумо мефиристам, ва чун Ӯ ояд, ҷаҳонро бар гуноҳ ва бар адолат ва бар доварӣ мулзам хоҳад кард» Инҷили Юҳанно 16:7–8.*

*«Лекин чун Ӯ, яъне **Рӯҳи ростӣ** ояд, шуморо ба тамоми ростӣ раҳнамоӣ хоҳад кард; зеро ки аз Худ нахоҳад гуфт, балки ҳар чи мешунавад, онро хоҳад гуфт, ва аз воқеоти оянда ба шумо хабар хоҳад дод. **Ӯ маро ҷалол хоҳад дод**, чунки аз он чи аз они Ман аст, гирифта, ба шумо хабар хоҳад дод»* Инҷили Юҳанно 16:13–14.

Аз ин суханони Исои Масеҳ чанд чизҳо ба мо маълум мешавад, аввал Рӯҳи ростӣ ин ягон пайғамбари оддӣ ки бояд меомад нест, Ӯ дар бораи Рӯҳи Худо гап мезанад. *«Ерусалимро тарк накунед, балки мунтарзири он ваъдаи Падар бошед, ки аз Ман шунидаед; зеро ки Яҳё бо об таъмид медод, лекин шумо, **баъд аз чанд рӯз**, бо Рӯҳулқудс* (Рӯҳи муқаддас) *таъмид хоҳед ёфт» (Инҷил, Аъмол 1:4–5)*. Исои Масеҳ ин суханонро баъди эҳё ва пеш аз ба осмон рафтанаш ба шогирдонаш таъкид кардааст, Ӯ мегуфт, ки баъди чанд рӯз ваъдаи Падар, яъне Рӯҳи ростӣ меояд. Ҳар шахсе фикр мекунад, ки ин гуфтаҳои Исоро дигар кас ё ин ки баъди чанд муддати тулонӣ гуфтааст, нақшаи Худоро сарфаҳм намеравад. Одамон пайғамбаронро мебинанд ва онҳо ҳамеша сокин намемонанд, фақат Рӯҳи Худо ба ин кор қодир

аст, ки дар мо сокин бимонад вале Ӯро дида намешавад. Исои Масеҳ дар бораи Рӯҳи ростӣ нақл мекунад, ки ин Рӯҳ «***ҳамеша бо шумо бимонад… Ӯро намебинад …бо шумо мемонад ва дар шумо хоҳад буд.***»

Ин Рӯҳи Ростӣ аз куҷо омад? Ин Рӯҳи рости «***аз ҷониби Худо***» омад ва «***аз Падар содир мегардад***» дар Аҳди Қадим дар Таврот ва Забур Худо дар як ҷой сокин мешавад (маъбад), вале ин Аҳди Қадим аст ва аз омадани Исои Масеҳ Аҳди Нав сар шуд. Мо имрӯз фақат ба воситаи хуни Исои Масеҳ дар назди Худо тоза шуда метавонем ва ҳар касе, ки ба ин имон орад Рӯҳи Муқаддас дар вай сокин мешавад (1 Қӯринтиён 3:16; 6:19–20). Мо ба он шоҳидем, ки одамизод чӣ хел_корҳои азимро барои сокин шудани Худо (маъбаде, дар вақти Эзро) ба анҷом расонд, ва дар давраи Исои Масеҳ иҷрои ин пешгӯии сокинии Рӯҳи Худо боз ба тоҷикон наздик мебошад. Ҳозир Худо мехоҳад, ки дар дохили ҳар як каси мо ҷойгир шавад ва мо тоҷикон оё ба ин файзи Худоро қабул кардан тайёрем?

Пеш аз сар шудани ин мавзуъ ба ҷумлаи дигар нигоҳ кардан зарур аст, Исои Масеҳ мегӯяд, ки ин Рӯҳи ростӣ «***Ӯ маро ҷалол хоҳад дод***». Рӯҳи Худо Исои Масеҳро ҷалол медиҳад, на Худаш, ва маънои ин чунин аст, ки ситоишу ҷалолро ба Исо медиҳад, на ба каси дигар. Павлус аз илҳоми Рӯҳи Худо менависад, «***Бинобар ин Худо низ Ӯро (Исои Масеҳ) сарафроз кард ва ба Ӯ номе дод, ки аз ҳар ном болтар аст, то ки ба исми Исои ҳар зонуе ки дар осмон ва бар замин ва зери замин аст, хам шавад, ва ҳар забон эътироф намояд, ки Исои Масеҳ Худованд аст барои ҷалоли Худои Падар***» (Филиппиён 2:9–11).[29]



**Иҷрои пешгӯии Исои Масеҳ — Рӯзи Пантикост**

Исои Масеҳ дар рӯзи ҷумъаи нек маслуб ё чормех шуд, он рӯз рӯзи иди Фисҳ буд, ки яҳудиён ба хотири аз ғуломии Миср озод шуданошон қурбонӣ мекарданд. Пеш аз шом ҷасади Исо дафн карда шуд (Инҷил, Юҳанно 19:38) ва рӯзи сеюм, яъне рӯзи якшанбе эҳё шуд.[30] Дар байни чил рӯз баъд аз эҳё шуданаш Исои Масеҳ Худро ба шогирдонаш зоҳир кард: «***Ба онҳо низ, баъд аз азобу уқубаташ, бо далелҳои бисёр Худро зинда нишон дод ва дар давоми чиҳил рӯз ба онҳо зоҳир шуда, дар бораи Малакути Худо сухан***

---

[29] Ин таълими асосии Масеҳиён аст, ки Исо Худованд аст. Ин калима — «Худованд» ё «устод»-ро зиёда 300 маротиба дар Инҷил нисбат ба Исои Масеҳ истифода кардаанд.

[30] Яҳудиён як қисми рӯзро ҳисоб мекунад, ки як рӯз мешавад. Исои Масеҳ дар рӯзи ҷумъа, шанбе ва якшанбе дафн шуд. Саҳари якшанбе эҳё шуд.

***гуфт»*** *(Инҷил, Аъмол 1:3).* Ва пеш аз ба осмон сууд карданаш гуфт: ***«Аммо вақте ки Рӯҳулқудс бар шумо нозил шавад, қувват хоҳед ёфт ва дар Ерусалим ва дар тамоми Яҳуд ва Сомария ва то ақсои дунё шоҳидони Ман хоҳед буд. Ҳамин ки инро гуфт, боло бурда шуд, ва онҳо менигаристанд, ва абре Ӯро аз пеши назари онҳо гирифта бурд» (Инҷил, Аъмол 1:8–9).***

## РӮЗИ ПАНТИКОСТ ЧИСТ?

> «Вақте ки рӯзи Пантикост фаро расид,
> ҳамаашон якдилона дар як ҷо ҷамъ омаданд.»
>
> *Аъмол 2:1*

Дар оини Яҳудиён се иди бузург, ки бо ҳамдигар алоқамандӣ доранд, яъне иди фиҳс «фатир», иди навбарҳо ва иди ҷунбонидани қурбонӣ (пантикост) вуҷуд дорад. Исои Масеҳ дар рӯзи иди фиҳс маслуб шуд (Инҷил, Юҳанно 18:28 ва Марқӯс 14:1; 14:12), иди фиҳс ва иди фатир якҷоя буданд ва дар он рӯз ба хотираи озодии халқ аз ғуломии Миср қурбониҳои азим мекарданд (Инҷил, Луко 22:1). Иди фиҳс як рӯз аст иди фатир бошад баъди ҳафт рӯзӣ иди фисҳ аст (Таврот, Ибодат 23:4–15), яъне рӯзи аввали иди фатир, як рӯз баъд аз иди фиҳс мебошад.

Исои Масеҳ дар рӯзи ҷумъа (иди фиҳс) маслуб шуд ва дар рӯзи дуюм иди фатир (якшанбе)



эҳё шуд. Он рӯз рӯзи дуюми фатир — иди навбарҳо аст (Таврот Ибодат 23:9–11) ва ба ин мақсад Исои Масеҳ навбари мурдагон ҳисоб мешавад: **«Аммо Масеҳ аз мурдагон эҳё шуда, навбари мурдагон гардид»** *(1) Қӯринтиён 15:20.*

**«То рӯзи аввали баъд аз ҳафтаи ҳафтум панҷоҳ рӯз бишуморед.»** (Таврот, Ибодат 23:16) рӯзи иди ҷунбонидани қурбонӣ, яъне иди Пантикост — тоҷикӣ «панҷоҳа» мешавад. (Шукуров, 1969, саҳ. 25).[31] Ин ваъдаи Падар ва пешгӯии Исои Масеҳ дар он рӯз иҷро шуд, ки он рӯзи тахминан баъди даҳ рӯзӣ ба осмон сууд кардани Исои Масеҳ буд (Аъмол боби 1).

**«Вақте ки рӯзи Пантикост фаро расид, ҳамаашон якдилона дар як ҷо ҷамъ омаданд; баногоҳ ғулғулае, мисли садои тундбод, аз осмон баромад ва тамоми хонаро пур кард, ва забонаҳои аз ҳам ҷудое, мисли забонаҳои оташ, ба онҳо зоҳир шуда, якто-якто бар ҳар яке аз онҳо қарор гирифт. Ҳамаашон аз Рӯҳулқудс пур шуданд, ва чун Рӯҳ ба онҳо қудрати такаллум бахшид, ба забонҳои дигар-дигар ба сухан гуфтан шурӯъ карданд.**

**Дар Ерусалим яҳудиён, одамони худотарсе ки аз ҳар халқи зери осмон буданд, сукунат доштанд. Ҳангоме ки он ғулғула баланд шуд,**

[31] Пантикост дар забони юнонӣ маънии «50» дорад.

**мардуми бисёре ҷамъ омада, дар ҳайрат афтоданд, зеро ки ҳар кас ба забони худаш сухани онҳоро мешунид. Ва ҳам моту мабҳут ва мутааҷҷиб шуда, ба якдигар мегуфтанд: ‹оё ҳамаи инҳо, ки гап мезананд, ҷалилӣ нестанд?**

**Пас чӣ чуна ҳар яке аз мо сухани онҳоро ба забони зодгоҳи худ мешунавем? Мо, ки Портиён ва Модиён ва Эломиён, ва сокинони байнаннаҳрайн, Яҳудо ва Қаппадукия, Понтус ва вилояти Осиё, Фриҷия ва Памфилия, Миср ва ноҳияи** ***Либия*****, ки дар наздикии Қурин аст, ва зиёратчиёни румӣ, ҳам яҳудиён ва ҳам онҳое ки чанде пеш дини яҳудиро қабул карaанд, ва аҳли Крит ва Арабистон ҳастем, суханони инҳоро аз қибриён Худо ба забонҳои худамон мешунавем›» (Инҷил, Аъмол 2:1–11).**

### *Яҳудиён дар сарзамини Форсҳо*

> «Аммо вақте ки Рӯҳулқудс бар шумо нозил шавад, қувват хоҳед ёфт… то ақсои дунё шоҳидони Ман хоҳед буд.»
>
> *Исои Масеҳ*

Он рӯз рӯзи иди пантикост дар Ерусалим аз тамоми халқи рӯи замин дар баробари яҳудиёни дар исроил зиндагӣ дошта форсизабонон ҳам барои тантана ҷамъ омада буданд. Рӯҳи Худо дар он вақт бар ҳамаи имондорон сокин шуд ва ҳамаи дигар одамон суханони онҳоро бо забони модарии худ мешуниданд.

Он рӯз иҷрои пешгӯии Исои Масеҳ дар бораи нозил шудани Рӯҳи Муқаддас бар ҳамаи имондорон фаро расид ва ин аксуламали ҷазои Худо дар Бобил аст (Таврот, Ҳастӣ 11).

Ҳама муттаҳид шуда бо якдигар сухан мегуфтанд. Рӯҳи Худо дар имондорон зиндагӣ мекард ва онҳо бо забонӣ дил Худоро ситоиш мекарданд, хушхабарӣ Исои Масеҳ барои ҳамаи халқҳо ба амал омад. Ӯ гуфта буд: «*Аммо вақте ки Рӯҳулқудс бар шумо нозил шавад, қуввват хоҳед ёфт ва дар Ерусалим ва дар тамоми Яҳудо ва Сомария ва* ***то ақсои дунё шоҳидони Ман хоҳед буд*»** (Аъмол 1:8). Ин шарт набуд, ки имондорон забони Ибриро ёд гиранд ва бо ин забон Худоро ситоиш кунад, бар аъкс, онҳо бо забони худашон бо Худои зинда ҳамсуҳбат шуданд ва ҳам Рӯҳи Худо дар ботинашон зиндагӣ мекард. Аз рӯи матни китоб дар он рӯз халқҳои гуногун дар як ҷо ҷамъ омада имон оварданд ва ҳамаи онҳо баъдан ба зодгоҳҳои худ баргашта ин хабари хушро паҳн мекунанд.

Дар рӯзи иди пантикост дар Ерусалим киҳо онҷо буданд? «**Мо, ки портиён ва модиён ва**

**эломиён, ва сокинони байнаннаҳрайн… ҳам яҳудиён ва ҳам онҳое ки чанде пеш дини яҳудиро қабул карааңд, ва аҳли Крит ва Арабистон ҳастем, суханони инҳоро аз қибриён Худо ба забонҳои худамон мешунавем.**» Шумораи бисёре аз ҷоиҳои паҳлавӣҳо буданд, чунки шумораи онҳо: — ***«тақрибан се ҳазор нафар ба онҳо ҳамроҳ шуданд»*** (Аъмол 2:41).

Дар рӯйхат понздаҳ макон нишон дода шудааст ва ин аҷоиб аст ҳамаи вилоятҳои дар қаламрави Рум ба монанди Сатрапҳо давлати Дорои Як, ки онро ташкил мекард. Дорои Як «тамоми худуди давлати ягонаи ҷаҳонӣ ба Сатрапҳо тақсим карда шуд» (Умарзода, 2006, саҳ. 273) ва ин равиш то давлати юнон дохил мешуд, дар он ҷойҳо ҷои якум ба тоҷикону форсҳо тааллуқ дошт: ***«Портиён, Модиён, ва Эломиён ва сокинони байнаннаҳрайн»*** Барои чӣ онҳо дар ҷои якум буданд? Мумкин он ба сабаби бисёр буданашон бошад, чунки яҳудиён дар он ҷо аз вақти Аҳди Қадим сукунат доштанд ва агар ба 15 вилоят тақсим шуда бошанду аз ҳар вилоят 200 нафарӣ ҷамъ омада бошанд аз ин лиҳоз дар ҷои якум будани форсҳою тоҷикон бесабаб нест. Аз рӯи ин ҳисоб тахмин кардан мумкин аст ки намояндагони аз ҷоҳои паҳлавӣҳо қариб ҳазор имондор буданд.



# Боби 7

## ПОРТИЁН — САРЧАШМАИ КАЛИСОИ ШАРҚ[32]

***«Олам дар дасти ду давлат аст: паҳлавиҳо ва римиҳо. Ин ду халқ оламро идора мекунанд.»***
Плутарх

[32] Калисои Шарқ, ин номи асосии калисоҳои дар сарзамиҳои аз тарафи шарқи Ерусалим воқеъ гардида аст ва «Калисоҳои Шарқ» намегӯянд чун, ки номи таърихиаш Калисои Шарқ мебошад, яъне ҷамъи ҳамаи калисоҳои дар тарафи шарқ. Баъзеҳо мегӯянд, Несториён, насрониён, калисои форсҳо ё тасоён. Дар бораи Масеҳиён: якчанд номи таърих вуҷуд дорад ва ҳамаи онҳо қариб як ҳастанд. Исои Масеҳ ин хел дуо мекард: — ***«Танҳо барои онҳо (шогирдҳоаш) илтимос намекунам, балки низ барои касоне ки ба василаи калими онҳо ба Ман имон хоҳанд овард: то ки ҳама як бошанд; чунон ки Ту, эй Падар, дар Ман ҳастӣ ва Ман дар Ту, онҳо низ дар Мо як бошанд, — то ҷаҳон имон оварад, ки Ту Маро фиристодӣ»*** Инҷил, Юҳанно 17:20–21.

Портиён (Паҳлавиҳо) киҳо буданд?[33] Дар рӯйхати миллатҳои дар рӯзи иди пантикост дар Ерусалим ҳузур дошта номи онҳо дар ҷои аввал бурда шудааст. Аз рӯи китоби «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров Порт ҷои асосии зисти онҳо дар асри яки милодӣ як қисми мамлакати Куруши Кабир буд (Ғафуров, 1998, саҳ. 92,97). Ғайр аз ин, «портиҳо мамлакати Портро, ки қисмати шимолии он дар хоки Туркманистони Ҷанубӣ ва қисмати ҷанубиаш дар ноҳияҳои сарҳадии Эрон воқеъ гардида буд, ба вуҷуд оварданд» (Ғафуров, 1998, саҳ. 51). Мамлакати Порт аз Месопотам (байнаннаҳрайн) то ба марзҳои Ҳиндустон ё давлати Кушониён худуди худро мустаҳкам намуда буд (Шарафзода, 2006, саҳ. 176).

Баъд аз давлати Ҳахоманишинӣ дар солҳои 171–138 пеш аз милод Порт «давлати муқтадири ҷаҳон гардид», чун ки он «Мидия ва Байнаннаҳрайнро ба ҳудуди Порт дохил кард» (Ғафуров, 1998, саҳ. 149). Онҳо таъсиру қуввати азим дошта дар соли 65-и пеш аз милод ба «Римиҳо ғалабаи комил ба даст оварданд» (Ғафуров, 1998, саҳ. 185). Бобоҷон Ғафуров чунин мегӯяд: — «Дар аҳди подшоҳ Покор соли 40 пеш аз милод портҳо, ҳатто Сурия ва Фаластинро

[33] Ҳам номҳои «Парфия» ё Империяи бузурги Паҳлавӣ дорад.



тасхир намуданд» (Ғафуров, 1998, саҳ. 186) ва вақте, ки Покор ба Ерусалим рафт «тамоми мамлакат ватандӯстони яҳудиро бо хушнудӣ пешвоз гирифтанд» (Умарзода, 2006, саҳ. 397).

Пеш аз боло рафтани империяи Рум онҳо дар макони яҳудиён ҳукмронӣ мекард ва баъд аз 75 сол, дар воқеаи рӯзи Пантикост онҳо дар онҷо буда нуфуз ва эҳтибори калонро соҳиб буданд. Дар вақти таваллуд, зиндагӣ, марг ва эҳё шудани Исои Масеҳ Портиён дар як қисмати Эрон ҳукмронӣ мекарданд ва нисбати дини Масеҳӣ бо таҳаммулу пуртоқат буданд (Пакизаги, 1992, саҳ. 9). Плутарх муаррихи дунёи қадими юнонӣ (соли 46 то 126 милодӣ) гуфт: «Олам дар дасти ду давлат аст: паҳлавиҳо ва римиҳо. Ин ду халқ оламро идора мекунанд» (Умарзода, 2006, саҳ. 373.410). Рум дар тарафи ғарб ва паҳлавӣҳо бошанд тарафи шарқро идора мекарданд.

Маркази Порт аввал дар шаҳри «Нисо» ё «Насо», дар наздикии Ашхободи имрӯза буд, (Ғафуров, 1998, саҳ. 158) ин ноҳия (дар тарафи шарқии Нисо) шаҳри Марв аст ва ин шаҳр макони асосии Калисои Шарқ ҳисоб мешуд.

Дар бораи динҳои Порт пеш аз милод Ғафуров гуфт: «Дар давлати Порт динҳои ниҳоят гуногун вуҷуд доштанд. Ғайр аз динҳои маҳаллӣ парастиши худои офтоб Митра ва асосгузори сулола Аршак, дар ин ҷо мазҳабҳои юно-

нӣ, зардуштия, ***яҳудия ва баъдтар насрония мавҷуд буданд***. Дини зардуштия дар ин миён мақоми асосӣ дошт» (Ғафуров, 1998, саҳ. 162). Аз ин ҷо маълум аст, ки портиҳо сарватманд буда имконияти ба шаҳри Ерусалим омада дар ин маърикаи хушхабари Исои Масеҳ иштирок карданро доштанд ва баъди ба ватанашон баргаштан дар бораи Наҷотдиҳанда башорат доданд ва худи ин халҳоро «эллинӣ» меномиданд, яъне ин ном аз «маданияти халқҳои маҳаллӣ ва маданияти юнонӣ… ба вуҷуд омадааст.» (Зиёев, 2005, саҳ. 208) онҳо бисёртар ба маданияти юнонӣ такя карда аз империяи Рум дар алоҳидагӣ пурқувват буданд (Кризвек, 2002, саҳ. 127).

## ПАҲНШАВИИ ДИНИ МАСЕҲӢ ДАР БАЙНИ ПОРТИЁН

> «Мо, ки портиён ва модиён ва эломиён, ва сокинони байнаннаҳрайн… ба забонҳои худамон мешунавем.»
>
> *Аъмол 2:9,11*

Тертуллиён — дар соли 220-и милодӣ навишта шудааст, ки форсиҳо роҳбарони калисоҳо буда баъди рӯзи Пантикост онҳо башорати Исои Масеҳро дар байни халҳои дигар паҳн мекарданд ва онҳо масеҳиёни асри якуми милодӣ буданд, паншавии дини Масеҳӣ аз рӯзи Пантикост сар шуда сарчашмаи таърихи имрӯзаро ташкил медиҳанд.

Иброҳим Умарзода дар бораи давлати Портиён нақл мекунад, ки онҳо дар зери таъсиру тарбияи паҳншавии имондорон афтоданд: «Ҳатто кор ба дараҷае расид, ки баъзе шоҳзодаҳо аз дини худ рӯ гардонида, дини пайғамбари ҷавон Исои Масеҳро қабул карда, пас аз подшоҳ шуданашон худро аз номи дини тозабунёд муаррифӣ мекарданд» (Умарзода, 2006, саҳ. 400). Таъсири аввали имондорони портӣ на фақат байни яҳудиён ё касони оддӣ буда, ва ҳам дар байни давлатдорони ин табақаи аҳолӣ пурзур буд.

Вилояти Эдессаи давлати Порт[34] дар шимоли Месопотамия буда подшоҳи он Абгар VIII (180–192 милодӣ) тангае сикка задааст, ки дар кулоҳи шоҳ салибро тасвир кардааст[35] ва ин онро нишон медиҳад, ки дини Масеҳӣ дар ҳудудҳои портиён тез паҳн шуда ҳатто сарварони онҳо имон оварда буданд. Дар соли 204-и милодӣ дар давраи Абгари IX дини Масеҳӣ дини давлатӣ

[34] Эдесса дар байни Рум ва Порт воқеъ буд ва дар асри 1 то 3 баъзе вақт дар тарафи Рум ва баъзе дар тарафи Порт буд. Ҳам мумкин баъзе вақт мустақил буд. Www.ecole.evansville.edu. Ҳозира шаҳри Урфа дар Туркия дар ҷои Эдесса воқеъ аст.

[35] Дар Апокрифҳои Масеҳӣ мактуби Абгар V нишон медиҳад, ки насли Абгар VIII бо Исои Масеҳ мутобиқат дошт. Www.wikipedia.com/ Abgar V of Edessa.



**Нақшаҳо дар иморати Нӯҳ Гунбад. Балх, Афғонистон**

шуда буд (соли 199–258 милодӣ Империяи Рум ин шаҳрро забт карда мегирад, ки дар он вақт он ҷо дар итоати Портиён набуд)[36] ва вилояти Эдесса бошад маркази паҳншавии дини Масеҳӣ ба тарафи шарқ ба шумор меравад.

Дар Эдесса, тақрибан дар соли 100 як гурӯҳи яҳудиёни таъмидиҳанда ба кор сар карда онҳо ба рӯҳи ростӣ «пуштибон» бисёр нигоҳ мекарданд, ин равия номи «Элкесайт» ва Монӣро гирифта дини монизм аз ин равия буд.[37] Бобоҷон Ғафуров дар бораи ин дин чунин нақл мекунад, «Таълимоти Монӣ, аз як тараф, унсурҳои асосии зардуштия ва тарафи дигар баъзе хусусиятҳои дини насронӣ ва ба андозае дини буддоиро ҳам дар бар мегирифт» (Ғафуров, 1998, саҳ. 229). Монӣ дар солҳои 216 то 276 милодӣ зиндагӣ кардааст. Монавия дар осиёи миёна паҳн шуд вале мо ҳисоб намекунем, ки ин таъсир аз Калисои Шарқ буд, имондорони масеҳӣ бояд ба

36 www.srr.axbridge.org.uk
37 www.ecole.evansville.edu



Китоби Муқаддас (Таврот, Забур ва Инҷил) нигоҳ кунанд ва ин таҳқурсии имони мо мебошад. Аз равияи Элкесайт исбот мешавад, ки баъди 70 сол таъсири рӯзи Пантикост ҳукмронӣ мекард ва онҳо он рӯзро фаромуш накарданд.

Эдесса дар асри аввали милодӣ вилояти Портиён ҳисоб меёфт ва аз расонаҳои Масеҳӣ хабар аст, ки шогирди Исои Масеҳ Таддо (*Лаббой*) (Матто 10:3 ва Марқӯс 3:18) ба ин шаҳр рафта хизмат мекард. Баъдтар Таддо аз Эдесса ба миёни портиҳо рафта башорат медиҳад ва Ӯ то Ҳиндустон сафар кардааст (Дикенс, 1999). Дар Эдесса халқ бо забони сурияги (*лаҳҷаи арамӣ*[38]) гуфтугӯ мекарданд ва ин забони адабиёти Калисои Шарқ шуд. Бардайсан аз Эдесса (154–222 милодӣ) менависад, ки дар соли 196 милодӣ, Масеҳиён дар водии дарёи Гургон (мавзеъи Портиён) зиндагӣ мекарданд ва ин макон ба қаламрави Кушониён шаҳри Бохтар (Балхи имрӯза) воқеъ аст (Мофет, 1998, саҳ. 207).

Ин хости Худо буд, ки халқи мо аввалин шуда наҷотдиҳандаи оламро шинохта, қабул карда наҷот ёбанд. Ва башорати наҷотро аз рӯзи Пантикост ба воситаи яҳудиён ва баъд таввасути

38 Ин забони давлатии Ҳахоминишиён буд ва дар асри 1, Масеҳиён бо ду гуруҳи забони ҷудо шуда буданд; тарафи ғарб, юнонӣ ва тарафи шарқ забони Сурӣ (Сирӣ). Калисои Шарқ бо ин забон таъсис ёфта буд. Сурӣ лаҳҷаи Арамӣ аст, ки яке аз забони асосии Исои Масеҳ буд.

имондорони Калисои Шарқи дар ҳудудҳои Портиён паҳн мекард.

## ПАҲНШАВИИ МАСЕҲИЯТ ДАР БАЙНИ МОДИЁН

«Мо, ки портиён ва модиён ва эломиён, ва сокинони байнаннаҳрайн… ба забонҳои худамон мешунавем.»

*Аъмол 2:9,11*

Сарзамини Модиён (Мидия) дар маркази Эрони имрӯза дар наздикии Теҳрон вуҷуд дошт.[39] Дар асри 1-уми мелоди Модиён (Мидия) ба ҳайати давлати Портиён дохил буд ва ба қавле чун «мулкҳои на он қадар ҳам муҳим» маълум буд (Умарзода, 2006, саҳ. 385, 401). Пойтахти қадимаи давлати Мод, Экбатан, дар Ҳамадонӣ имрӯза воқеа мебошад. Шоҳроҳи Абрешим аз Месопотамия (Байнанаҳрайн) то пайтахти Экбатан рафта мерасид. Масеҳиёни асри 1 ва 2 бо ин шоҳроҳ рафту омад мекарданд.

Асари машҳури «Таълимоти Ҳаввориён»[40], ки тақрибан дар соли 250 милодӣ бо забони Сурӣ навишта шуда аст шаҳодат медиҳад, ки Масеҳиён дар ҳавзҳои баҳри Хазар (Каспий) дар соли 120–

[39] Номи дигар: Ҷурҷон, Гиркания, ва Гургон. Баъзи китоб мегӯяд ки ҷои мод ҳам Луристон аст (The Empire of the Steppes, 11).
[40] Дар www.schoyencollection.com матни асри 9 ёфта мешавад.



140 милодӣ зиндагӣ мекарданд (Дикенс, 1999, саҳ. 1). Саршавии ҷамоатҳо дар ин минтақа аз хизмати Аҷҷай ном башоратдиҳанда, ки ба он ҷойҳо рафта ҷамоатҳои масеҳӣро ташкил кардааст оғоз меёбад.


**Посаргард дар замини Модиён**

Ӯ ба монанди Таддо ва шогирди дигар Тумо ба Ҳиндустон (дар он вақт давлати Кушониён буд) то Қандаҳор сафар карда дар байни форсиён ва ҳиндустониён Инҷили Шарифро мавъиза мекард.[42]

Тумо яке аз дувоздаҳ шогирди Исои Масеҳ буд, ки баъди эҳё эътиқоди комилашро арз кардаа буд: ***«Лекин Тумо, ки яке аз он дувоздаҳ буд ва Экизак номида мешуд, вақте ки Исо омад, бо онҳо набуд. Шогирдони дигар ба вай гуфтанд: ‹Мо Худовандро дидаем›. Вай ба онҳо гуфт: ‹То дар дастҳои Ӯ ҷои мехҳоро набинам, ва ангушти худро дар ҷои мехҳо нагузорам, ва дасти худро бар қабурғаи Ӯ наниҳам, бовар нахоҳам кард.›***

[42] Дар Китоби Муқаддас, «Шарҳи таърихи паҳн шудани дини Масеҳӣ» қисми «Ҳамсафари Библия» саҳ. 146. Ин аниқтар ки Тумо ба Кушониён рафт, онҳо дар он вақт соҳиби шимоли Ҳиндустон буд.

***Баъд аз ҳашт рӯз боз шогирдони Ӯ дар хона буданд, ва Тумо низ бо онҳо буд, ва дарҳо баста. Исо омада, дар миёни онҳо биистод ва гуфт: ‹Салом бар шумо бод!› Пас аз он ба Тумо гуфт: ‹Ангушти худро ба ин ҷо биёр ва дастҳои Маро бубин; ва дасти худро биёр ва бар қабурғаи Ман бигузор; ва беимон набош, балки имон дошта бош›***

***Тумо дар ҷавоби Ӯ гуфт: ‹Эй Худованди ман ва эй Худои ман!›***

***Исо ба вай гуфт: ‹Ба хотири он ки Маро дидаӣ, имон овардӣ: хушо касоне ки надида, имон меоваранд»*** (Инҷили Юҳанно 20:24–29).

Имрӯз дар Ҳиндустон калисоҳои бо номи «Мар Тумо» вуҷуд доранд, ки имондорони ин ҷамоъатҳо худро шогирдони Тумо меноманд. Дар санъати рассомии Масеҳиён бошад мусаввараҳои зиёди Тумо ҳангоми мавъизаи ӯ дар байни форсиёну Кушониён вуҷуд доранд.

Мувофиқи таърихи Калисои Шарқ кай ва дар кадом шаҳрҳои Модиён таъсис ёфтани ҷамоатҳои масеҳи чунин астанд:

I. Мурғоб (225-и милодӣ, назди ҳавзаи баҳри Каспий)[42]
II. Рай (424-и милодӣ, Эрон)

[42] English “Mukar” or “Mughan”. Ин макон аниқ нест вале ин назди баҳри каспий буд.



III. Бардаъа (429-и милодӣ, ноҳияҳои ғарби ҳавзаи баҳри Каспий)
IV. Ҳуркания (Эрон, назди ҳавзи баҳри хазар)
V. Тус (487-и милодӣ, назди вилояти Машҳад)
VI. Гилон ё Ҷилон (554-и милодӣ, назди ҳавзаи баҳри Хазар)
VII. Омул (554-и милодӣ, ноҳияҳои шимолии Теҳрон)[43]

Дар сарзаминин Мод ҷойҳое, ки митрон ё митрополит доштанд инҳоанд: Ҳулван (628-и милодӣ, ноҳияҳои ғарби Эрон) ва Рай (778-и милодӣ, Эрон) ва аз решаи ин ҷамоатҳо, имрӯзҳо калисоҳое бо номи «Ассурӣ» амал мекунанд, ки худро шогирдони асри Исо мешуморанд.

## САРШАВИИ ҶАМОАТҲО ДАР БАЙНИ ХАЛҚИ ЭЛОМ

«Мо, ки портиён ва модиён ва эломиён, ва сокинони байнаннаҳрайн… ба забонҳои худамон мешунавем»

*Аъмол 2:9,11*

Яҳудиёне, ки аз қаламрави Порт, Мод, Элом ва ноҳияҳои Байнаннаҳрайн, дар рӯзи иди Пан-

[43] (www.oxuscom.com/metropolitans) — ин солҳои аввалине, ки аниқ медонад ҷамоат ё митрон онҷо буданд.

тикост ҳозир буданд, аз руи таърихномаҳо то асри 13 дар Калисои Шарқ номи «Элом»-ро чун ҷуғрофияи худ истофода мекарданд,[44] Мод дар шимоли Эрон ва дар ҷануби Элом ҷойгир мебошанд макони асосии Элом, Шушан (Сузӣ ё Суза) аст. Роҳи абрешим аз тарафи ҷануб аз байни эломиён ва аз шимол аз байни модиён мегузашт. Мавҷеъи асосии Элом дар тарафи шарқу шимоли баҳри Қулзум воҷеъ аст.



**Хум, Осорхонаи Миллии Бостонии Эрон**

Дар замони ҳукмронии Портиён дар ҷазираи, ҷазираи Харқ, дар баҳри Қулзум (Халиҷи Порс) байни Баҳрайн ва Бандари Бушаҳри Эрон як калисои қадим вуҷуд дошт ва аз рӯи тадқиқотҳои бостоншиносони суриягӣ дар соли 150-милодӣ дар он ҷо ҷамоатҳои масеҳӣ ва дертар дайр[45] амал мекард. Имондорони он мавзеъ ба ҷамъовариву фуруши марворид шуғл доштанд (Ҳерзфелд, 1935, саҳ.104).

[44] www.wikipedia.com/Elam.
[45] Дар забони русӣ монастир.



Калисои аз тарафи бостоншиносон пайдо шуда дар мавзеъи шаҳри Элом воққъ аст. Исботи ин ҷамоати ҷазира бештар аз 60 қабристони масеҳӣ вуҷуд дорад.[46]

Номҳои шаҳрҳо ва дар кадом вақт саршавии Калисои Шарқ дар минтақаи Элом ва атрофи он:

I. Гундишопур (225-и милодӣ, имрӯза Аҳваз дар ҷанубу ғарби Эрон)[47],
II. Басра (225-и милодӣ, имруза Ироқ)
III. Исфаҳон (Эрон),
IV. Шушан ва Ревардашер (424-и милодӣ дар назди Бушаҳр, Эрон)[48]

Дар Гундишопур[49] (290-и милодӣ), Басра (290-и милодӣ) ва Ревардашер (415-и милодӣ) митронҳо низ вуҷуд доштанд.

## БАШОРАТИ ИСОИ МАСЕҲ ДАР БАЙНИ МАРДУМОНИ БАЙНАНАҲРАЙН

«Мо, ки портиён ва модиён ва эломиён, ва сокинони Байнаннаҳрайн… ба забонҳои худамон мешунавем.»
*Аъмол 2:9,11*

Дар руйхати онҳое, ки дар иди Пантикост ҳозир буданд сокинони Байнаннаҳрайн дар ҷои

[46] www.iranica.com.
[47] Дар ибтидои истилои арабҳо дар Гандишапур ҳам аксарияти аҳоли масеҳӣ буданд, Richard N. Frye, page 111.
[48] www.wikipedia.com.
[49] Ҳам номи Бета-Лапат буд ва Гунди Шопур.

чорум номбар шудаанд. Аз руи таърих дар асри 1-и милодӣ портиён дар Байнаннаҳрайн (Месопотамия) ҳукмронӣ мекарданд. Аз руи далелҳои таърихи Калисои Шарқ дар Байнаннаҳрайн калисоҳо дар Қатор (соли 225-и милодӣ), Арбел (Ироқ)[50] ва Табриз (Эрон) вуҷуд доштанд. Дар Мосул (290, Ироқ), Нисибин (290, дар назди Мардини Туркия), Шаҳрзӯр (325, Киркуқи Ироқ), Арбел (пеш аз 500-и милодӣ, Ироқ), ва Сурия (779)[51] митронҳо низ вуҷуд доштанд.

Ин вилоятҳо калисоҳои бисёр доштанд ва ба ин мақсад ҳар Митрон аз 6 то ба 12 калисо назорат мекард. Дар синод (маҷлисҳои рӯҳонӣ роҳбарони калисо) соли 325 як ускуф (пастор ё роҳбари) аз Нисибин бо як роҳбар аз форс иштирок доштанд. Ин далели он аст, ки ҷамоатҳои Нисибин бо форсиён ва тоҷикон алоқаи махсус доштанд.[52] Баъди нуҳ соли ин маҷлис ба шаҳри Марв (яке аз мавзеъҳои асосии Масеҳиён дар осиёи миёна) митрон ё роҳбар

[50] Мингана таърихшинос, гуфт ки дар асри 3 аксарияти халқ масеҳӣ буд ва бештар аз 50% форс буд.

[51] Ин сол аз равияи несториён аст, вале санги қабристон дар Палмира Сурия нишон медиҳад ки Масеҳиён дар онҷо пеш аз соли 135 милодӣ буданд. www.srr.axbridge.org.uk Дар асри 1 Сурия дар зери итоати Рум буд.

[52] Солҳои 298 то 363 вилояти Нисибин дар дасти Рум буд, вале албатта рафту омад байни халқҳои форсу тоҷикон давом дошт.



барои кор таъин мешавад ва имкон дорад, ки Ӯ яке аз сокинони Марв буд.

Дар Инҷил, Румиён 16:12, Ҳавори Павлус чунин менависад: ***«Ба Парсиси маҳбуба, ки дар кори Худованд бисёр фаъол аст, салом гӯед,».*** Номи «Парсис» ин номи занона буда маънояш "форсӣ" ё "аз мулки форс" мебошад. Мувофиқи ин навишта чунин бар меояд, ки Ҳавори Павлус бо форсён ва тоҷикон ҳам алокамандӣ дошт.

Онҳое, ки дар рӯзи Пантикост иштирок кард имон оварданду ба макони худашон баргашта тухми аввали башоратро кориданд ҳосили ҷамоатҳои масеҳӣ шуданд. Худоро шукр мегӯем, ки Ӯ аз аввал ниёгони моро интихоб карда Хабари Хушро ба онҳо расондааст!

# Боби 8

## ПАҲНШАВИИ МАСЕҲИЁН ДАР ҶОЙҲОИ ТОҶИКНИШИН

*«То ақсои дунё шоҳидони Ман хоҳед буд.»*
Исои Масеҳ

Баъди рӯзи Пантикост яҳудиёне, ки Масеҳӣ шуда буданд ба мавзеъоти зисти худ, ки аксаран дар мавзеъҳои форсҳо буд рафта Инҷилро бурда паҳн карданд. Ҳозир мо ба чи гуна амал кардани ҷамоатҳои Масеҳӣ дар давраи Кушониён, Сосониён, ва Ислом дар ҳудудҳои форсиён ва тоҷикон нигоҳ мекунем.

Дар Инҷил, навишта шудааст, ки маркази башорат шаҳри Антиёхия (Антакия, Туркия) буд (Аъмол бобҳои 11, 13 ва 14:21, 26; 15:23, 30 ва 18:22). Антиёхия дар оғози роҳи абрешим ба тарафи шарқ воқеъ буд (Груссет, 1999, саҳ. 40).



Роҳи Абрешим аз Антиёхия (пойтахти Руми Сурия) то дарёи Фурот (Месопатамия) баъд то Ҳамадон (Экбатан) баъд то Рай (Теҳрон) баъд то Марв, ва Балх мерафт. Ҷамоатҳои Масеҳӣ ҳам дар шаҳрҳои марказии Роҳи Абрешим ҷой шуда буданд. Марду зани тоҷирони Масеҳӣ дар роҳи абрешим башорат мекарданд ва баъди чанд вақт дар байни халқҳои ин шаҳрҳо калисоҳо сар шуданд.

Бобоҷон Ғафоров дар барои ин нақл мекунад, «Дини насронӣ ба Осиён Миёна аллакай дар асрҳои II – III милодӣ дохил мешавад ва Берунӣ ҳам хабар медиҳад, ки тақрибан баъди 200 соли вафоти асосгузори ин дин онро рӯҳоние ба Марв овардааст. Агар дар дасти мо дар бораи паҳншавии дини насронӣ дар кишвари кушониён маълумоти маъхазҳои суриёнӣ (ибтидои асри III милодӣ) ва арманӣ (асри IV милодӣ) намебуд, ахбори болоиро танҳо ривоят ҳисоб кардан мумкин буд» (Ғафуров, 1998, саҳ. 229). Он имондорони Масеҳие, ки дар асри аввали милодӣ бо роҳи Абрешим рафту омад доштанд моро бо хабари хуши туҳфаи қимматарини Худо, ҳаёти ҷовидонӣ шарик карданд.

Ишаъёи набӣ пешгӯи кардааст: ***«Ва дар он рӯз воқеъ хоҳад шуд, ки Худованд дубора дасти Худро дароз хоҳад кард, то ки бақияи қавми Худро, ки аз Ашшур ва Миср, аз Патрос ва***

***Ҳабаш, аз Элом ва Шинъор ва аз Ҳамот ва ҷазираҳои баҳр саломат монда бошанд, баргардонад»*** (Ишаъёи набӣ 11:11). Ин оят онро нишон медиҳад, ки Худо бо халқи боқимонда аз Элом кор карда истодааст ва дар ҳама вақт Ӯ қавми Худро ҷамъ карда бо онҳо кор мекунад, боқимонда гуфта маънои аксариятро надорад, балки Худо бисёр вақтҳо бо мардуми ақаллият ҳам сару кор дорад. Дар ҳар аср Худо қавми худро дорад, ҳатто онҳо боқимонда ҳастанд. Исои Масеҳ гуфт: «***Аз дари танг дароед; зеро фарох аст он дар ва васеъ аст он роҳе ки сӯи ҳалокат мебарад, ва онҳое ки ба он дохил мешаванд, бисёранд; зеро танг аст он дар ва душвор аст он роҳе ки сӯи ҳаёт мебарад, ва ёбандагони он кам ҳастанд»*** (Матто 7:13–14).

Ҳоло мо бо ин қоидаи Худо аз аср ба аср нигоҳ мекунем, ки Ӯ бо қавми ақаллияти тоҷикон, ки дар роҳҳои тангу душвор умр ба сар мебурданд, кор мекард. Мақсади китоби мазкур аз он нест, ки мо ба таърихи Масеҳият дар ҷойҳои зиндагонии тоҷикон муфассал истода сухан кунем. Таърих бисёр далелҳоро дар бораи воқеъаҳои хубу бад ба мо пешкаш мекунад, нияти мо ин аст, ки тоҷикони имондори имрӯза аз ин чизҳо огоҳ бошанд, албатта исботи Масеҳиёни халқи шарқ ба монанди Хитоиҳо, Туркҳо ва Муғулҳо бисёр аст, аммо дар ин навишта мо ба он аҳамият



доданием, ки дар байни халқи тоҷик вазъият чӣ гуна буд.

## ДАР ДАВРАИ КУШОНИЁН АСРИ I – III

Ба «Давлати Кушониёни бузург ҳамаи сарзаминҳои ҳозираи Афғонистон, Покистон ва шимоли Ҳиндустон, Кошғару Хутан, Қирғизистон, Ӯзбекистону Тоҷикистон дохил мешуданд» (Яъқубов, 2000, саҳ. 189). Давлати Кушониён вилояти Бохтар (Бактра, Балхи имрӯза) ва вилояти Суғдро роҳбарӣ мекард, ин вилоятҳо ба қисми шимолу ҷануби Тоҷикистон дохил мешуданд. Дар вақте, ки тарафи шарқии роҳи абрешимро Хитой назорат мекард Кушониён бошанд динни буддоиро пешниҳод карданд (Груссет, 1999, саҳ. 32,48). Нуфузи ин давраи таърихиро мо дар Аҷинатеппаи ноҳияи Вахш имрӯзҳо дида метавонем, ки дар Осорхонаи Миллии Бостонии Тоҷикистон пешвои онҳо «Будда дар Нирвана» гузошта шудааст. Ин Будда, ки дарозияш 13 метер аст аз асри VI аст (Умарзода, 2006, саҳ. 478). Дар он давра дар бисёр ҷойҳо маъбадҳои оташ ва маъбадҳои худоёни авесто ба монанди Маздаясно, Миҳр, Моҳ, Оташ Охшо ва Аноҳито-Нана вуҷуд доштанд (Яъқубов, 2000, саҳ. 205).

Агар Масеҳиён ба давлати Кушониён дохил мешуданд албатта дар он давра зиддият пайдо мешуд. Дар соли 196 милодӣ, Бардаисани

Эдессагӣ нақл мекунад, ки Масеҳиён дар соҳили дарёи Гургон ва дар байни Кушониёни шаҳри Бохтари (Балх) зиндагӣ мекарданд (Моффет, 1998, саҳ. 207) ва воизон ё башоратдиҳандагони Масеҳе, ки бо Роҳи Абрешим ҳаракат мекарданд ба шаҳри Бохтар меомаданд.

Дар асри як, Бохтар дар тобеъияти Кушониён буд ва Кушониён бошанд дар қисматҳои шимолӣ Ҳиндустон ҳукмрон буданд. Аз ин ҷо хулоса баровардан мумкин, ки Тумо ба Ҳиндустони имрӯза нею фақат ба байни Кушониёни онҷо рафта бошад. Расмҳои Масеҳӣ чунин инъикос мекарданд, ки гӯё Кушониён дар ҷой имрӯзаи Ҳиндустон вуҷуд дорад аммо яке аз муаррихи Масеҳӣ таъкид мекунад, ки Масеҳиён дар соли 345-и милодӣ ба он ҷо (Ҳиндустони имрӯза) дохил шуданд (Латурете). Имондорони форсу тоҷик ба онҷо рафта ҷамоатҳои Масеҳиро таъсис додаанд ва барои ин далелҳои аниқ вуҷуд дорад (Абраҳам). Яке аз ин далелҳо салибҳои дар болояшон бо забони паҳлавӣ навишта шуда мебошанд. Яке аз ин салибҳо дар Калисои ҳазрати Тумо дар Мадрас ва дутои дигари онҳо дар Калисои Коттаями Траванкор вуҷуд доранд. Ин бори дигар исбот мекунад, ки тоҷикони Масеҳӣ ба он ҷойҳо барвақтар аз дигарҳо омада хабари хушро ба ин миллатҳо расондаанд.



# Боби 9

## ДАВРАИ СОСОНИЁН — СОЛИ 224 ТО 651 МИЛОДӢ

Баъди пош хурдани давлати Портиён, Сосониён ба ҳукумрони меоянд. Ва ҳудудҳои Тоҷикистон, Афғонистон ва Эрон ба ҳайати давлвти Сосониён дохил мешуд. Пойтахти таърихии онҳо Истахр (Персипола) ва шаҳри дуюм Селевкия-Мадоин (Ктесифонт) буд (Умарзода, 2006, саҳ. 425). Давлати навбунёд дорои дини Зардуштӣ буда дини Масеҳӣ гоҳ озод ва дар ҳолатҳои дигар аз тарафи давлат манъ карда пайравонаш ба таъқибот дучор мешуданд.

Дар соли 313 дар шаҳри Милан қарори махсус қабул шуд,ки мувофиқи он дар Рум дини Масеҳӣ дини давлатӣ гардид. Имондорони Масеҳие, ки дар байни Сосониён зиндагӣ мекарданд бо тарсу харос умр ба сар мебурданд. Соли 315, Калисои Шарқ аз Рум ҷудо шуда мустақил шу-

данд ва онҳо роҳбари руҳонии худро интихоб карданд.

Дар соли 338 милодӣ ҳамлаи Нисибин оғоз меёбад дар ҳолате, ки Масеҳиён ба сарбозони Руми ёрӣ мекарданд ва аз тарафи шоҳи Сосонӣ Шопури Сонӣ (310–379) дар соли 341 милодӣ фармоне барои ҳамлаи он бар зидди Масеҳҳои сосонӣ имзо шуд,[53] ки дар натиҷа 16,000 Масеҳиҳо шаҳид гардиданд.

Қонуни таҳаммул дар бораи озодии Масеҳиён дар соли 399 интишор гардид,[54] аммо ин озодӣ фақат 20 сол давом карда дар охири давраи Яздигурди Аввал (399–420), Баҳроми Гӯр ё V (420–438) ва Яздигурди се (438–457) (Моффет, 1998, саҳ. 186, 205 то 208) боз таъқибот бар зидди Масеҳиён сар мешавад. Махсусан аз тарафи Баҳроми Гӯр таъқибот ба дараҷаи шадид расида чандин роҳбарони калисоҳо шаҳид гардиданд, мӯбадони зардуштӣ бошанд бо давлат ҳамкорӣ карда ба Масеҳиён зиддият нишон медоданд ба монанди давраи зиндагии Дониёли набӣ, ки маҷусиён ба пайғамбари Худо душманӣ мекарданд.

Дар давраи Сосониён Масеҳиён ба нуфузи баланд соҳиб гардиданд, ҳатто баъзе хешу табарони наздики шоҳҳо имондор шуданд аз ҷумла Шоҳ Қубоди Аввалро (489–531) маликааш Масеҳӣ буд ва ӯ модари Хусрави Аввал (531–579) буд. Қубоди Аввал ба Масеҳиён бисёр меҳрубонӣ мекард ва вақте, ки ӯро аз тахташ сарнагун карданду ӯ фирор кард аксарияти Масеҳиён бо шоҳ рафта хайрхоҳаш буданд. Ин Қубоди Аввали асир гаштаро акнун ба ёдаш омада буд, ки Зардуштиён барои ба Масеҳиён ёрӣ доданаш зидди ҳукмронии ӯ буданд.

Хусрави Аввал (писари Қубоди Аввал) баъзе вақтҳо зид ва баъзе вақтҳо тарафдорӣ Масеҳиён буд: «Хусрави Аввали Анӯшервон аз тафтори католикос-нависандаи машҳури масеҳи Мар-Абаи I ба ғазаб омада ӯро бадарға кард ва супориш дод, ки маъбади масеҳиёнро дар Селевкия вайрон кунанд, аммо боз ҳамон Хусрави Аввали Анӯшервон ба насрониён дар сохтмони маъбадҳо ва дайрҳо (*Н.Ч. — калисоҳо*) кӯмак мерасонд» (Умарзода, 2006, саҳ. 468). Ӯ бар зидди Мар-Абаи I буд, чунки Мар-Абаи I дар назди мӯбадон ва подшоҳ эълон мекард, ки ӯ зардуштӣ буда баъд Масеҳӣ гаштааст, мӯбадон (коҳинони зардуштӣ) бошанд барои бадарға кардани шоҳзода кушиш мекарданд. Ин ҳодиса онро нишон медиҳанд, ки дар Калисои Шарқ шахсони таъсирбахш аз байни тоҷикону форсҳо кор мекарданд ва Таърихи Тамаддуни Ориён инро тасдиқ

---

[53] www.wikipedia.com/ sassasian church.
[54] www.srr.axbridge.org.uk. Дар ин сайти интернет таърихи адабиёту дини масеҳӣ дар шарқ.

мекунад, ки «яке аз писарони Хусравро ба дини насронӣ гардонанд» (Умарзода, 2006, саҳ. 468)

Аз Хусрави Сонӣ ва ӯ ҳам Хусрави II Парвиз (590–628) чунин гуфтание ба мо расидааст ки аз роҳбарони Калисо таълимот пурсед, ин дар соли 612-и милодӣ буд, (Моффет, 1998, саҳ. 183) Маликаи ӯ Ширин ва писараш Масеҳӣ буданд (Умарзода, 2006, саҳ. 483; Аъзамов, 2002, саҳ. 68). Хусраву Ширин дар Шоҳномаи Абулқосими Фирдавсӣ (934–1021), достони Хусраву Ширини Низомии Ганҷавӣ (1141–1203) ва ҳам ҳунари наққошони маҳшур муносибати хубу ошиқонаи онҳоро тараннум мекунанд. Иброҳим Умарзода дар бораи Хусрави Сонӣ нақл мекунад, «Ҳазорон пайравони дини насронӣ дар дарбори ӯ хизмат мекарданд ё аниқтараш Хусрави II-ро ҳимоя мекарданд» (Умарзода, 2006, саҳ. 483). Ҷасади Хусрави II-ро (соли 628) ба Ҳираи ҷануби давлат дар тарафи арабҳо фиристода дар монастири насрониён гӯрониданд (Умарзода, 2006, саҳ. 488).

Достӣ Шариф ва Хурсанд Аъзамов ин хел хулоса карданд: «Дар навбати худ, мавҷудият ва ташкилоти худи калисои сурёнӣ ба муносибати ҳокимони давлати сосониён сахт вобастагӣ дошт» (Аъзамов, 2002, саҳ. 50).

Пеш аз Ислом дини Зардуштӣ ва дини Масеҳӣ ба мутаносиб наздик буданд, хусусан дар асрҳои 5 ва 6-и милодӣ дар дохили давлати Сосониён Масеҳиён бисёр буданд ва аз рӯи ҳисоби оморшиносон гумон меравад, ки то 40% аҳолӣ Масеҳӣ буданд.[55] Таърихшиноси Масеҳӣ *Латореет* навиштааст: «Дар асри VII дар вақти забти мусулмонон шумораи аҳолии масеҳӣ ва яҳудӣ қариб ба миллион ва ними он мерасид. Аз онҳо эҳтимол бисёриашон масеҳӣ буданд» (Аъзамов, 2002, саҳ. 68). Яке аз таърихшиноси тоҷик ҳам дар ин бораи чунин гуфтааст: «Аҳолии асосии давлати Форс дар ин замон асосан аз равияи насронии несторианӣ иборат буд» (Умарзода, 2006, саҳ. 484). Пеш аз Ислом ва ҳам дар 700 соли давраи он Масеҳиён шумораи зиёд буданд ва хушҳолу комёб зиндагӣ мекарданд.

Барои Масеҳиёни имрӯза давраи Сосониён дарси ибрат аст ва Исои Масеҳ гуфт: ***«Аммо аввал малакути Худо ва адолати Ӯро биҷӯед, ва ҳамаи ин чизҳо ба шумо ба таври илова дода хоҳад шуд».*** Ҳам, ***«Пас, он чи аз они қайсар аст, ба қайсар диҳад, ва он чи аз они Худост — ба Худо»*** **(Матто 6:33 ва 22:21).** Масеҳиён бояд малакути Худоро, ки рӯҳонӣ аст биҷӯанд ва ба давлатдорон таъсири хуб расонда барои онҳо дуо кунанд, вале на ба монанди Рум, ки дини давлатӣ шавад ва ин мақсади башорати Худо нест. Ҳар як имондори Масеҳӣ бояд гуфтаи Худованд, ки **«Аввал**

[55] Мусоҳибаи шахсӣ бо Patrick Johnstone, Март, 2007.

***малакути Худо ва адолати Ӯро биҷӯед!***»-ро пайравӣ кунад.

## ТАЪСИС ШУДАНИ ҶАМОАТҲОИ МАСЕҲӢ

Дар давраи Сосониён ҷамоатҳои Масеҳӣ бисёр мешуданд ва ҳоло мо ба рӯйхати ин ҷойҳо ва давраҳои таъсис ёфтани ҷамоатҳои Масеҳӣ назар мекунем:

I. Ҳирот (424-и милодӣ)
II. Рухути Сиҷистон[56] (544-и милодӣ)
III. Заранҷ (544-и милодӣ, Афғонистон имруза)
IV. Фараҳи Сиҷистон (544-и милодӣ)
V. Боғдис (585-и милодӣ, шимоли Ҳирот)
VI. Хурдистон (585-и милодӣ, назди Ҳирот).

Ва инчунин мавзеъоети, ки дар онҳо митронҳо таъин шуда буданд: Ҳирот (588-и милодӣ), Ҳиндустон (628-и милодӣ ё 712). Нишонаи ин мавҷудиятҳо то имрӯзҳо дар вилояти Ҳирот дида мешавад, ки яке аз кишлоқҳои наздикии Ҳиротро «Инҷил» меноманд. Ҳамаи ин гувоҳи онанд, ки дар давраи Сосониён башорати Исои Масеҳ дар ҷануби Афғонистони имрӯза хеле бисёр паҳн гардида буд.

[56] Дар вақти пеш ин ҷой Сакистон номида мешуд ва ҳам ин ҷойро дар забони араби Сиҷистон ва дар забони тоҷикӣ Систон низ мегуянд. Ин макони ҷануби Афгонистон ва ҷануби Эрон ҳозира мебошад.



Юшуяб II дар салтанати Сосониён дар ин қаламрав хизмати намояндагиро аз номи Калисои Шарқ ба уҳда дошт, роҳбарони хуби рӯҳонӣ дар мактабҳои маҳалла бо корҳои адабиёт машғул буданд.

# Боби 10

## АДАБИЁТИ МАСЕҲӢ

## ДАР ДАВРАИ СОСОНИЁН

Калисои Шарқ дар давраи Сосониён бо ду забон амал мекард, яке забони Сурӣ (лаҳҷаи арамӣ ё арамейӣ) ва забони Паҳлавӣ (Форсӣ). Ҳамаи таълимоти асосии калисо бо забони Сурӣ буд, чун ки ин забони Исои Масеҳ аст ва баъзе таълимот бо забони паҳлавӣ тарҷума мешуданд. Забони сурӣ ва паҳлавӣ аз забони арамӣ пайдо шудаанд вале дар он вақт албатта ин ҳарду забон аён буданд. Забони Сурӣ забони арамии шарқ буд ва забони арамии ғарб забони Ерусалим буд, барои ин мақсад Калисои Шарқ мехост бо ин забон мемонанд (Ҷонс, 1972, саҳ. 2).

Дар давлати Сосониён адабиётҳои Масеҳӣ бисёр мешуданд, ин навиштҳоро бо забонҳои дигар тарҷума мекарданд ва дар солҳои ҳукмронии Яздигурди Аввал (399–420 милодӣ) тарҷумаи Инҷил сар шуд, ки ин «сабаби муҳаббати насрониён гардид» (Умарзода, 2006, саҳ. 451).

«Бо тақозои подшоҳи Форс соли 434 рӯҳониёни насронии Арманистон тарҷумаи Инҷилро тасдиқ карданд» (Умарзода, 2006, саҳ. 452) ва афсус, ки ин тарҷума бо забони Арманӣ буд на бо паҳлавӣ. Дар асри 5-ум китоби Забур ба забони Форсӣ тарҷума шуд (Ҳатзингер) ва ин китобро дар вақти паристиш истофода мекарданд, дертар ба забони Суғдӣ тарҷума шудааст.[57] Дар адабиёти Калисои Шарқ чунин омадааст, ки Патриарх Мар-Абаи I (540–552) бо забони паҳлавӣ Инҷил тарҷума карданро сар мекунад ва барои ҳамин бо фармони Хусрави Аввал зиндонӣ шуда дар он ҷо ҳалоқ мешавад. Тарҷумаи мазкур бо сабаби зиддияти давлат ва муъбадон он вақт дертар аз байн меравад.[58] То соли 1811 тарҷумаи мукамали Инҷил дар байни тоҷикон пайдо нашудааст ва дар ин муддат воизи масеҳӣ Ҳенрӣ Мартин Инҷилро дар забони форси ба Шоҳ дар Теҳрон тақдим кард (Ҳантзингер).

---

[57] Матнҳои масеҳи бо забони суғдӣ дар Академияи Илмҳои шаҳри Берлин нигоҳ дошта мешаванд ва дар шабакаи интернет http://www.bbaw.de/bbaw/Forschung/Forschungsprojekte/ turfanforschung/en/blanko.2005–03–02.3373813525#3 ёфт мешаванд.

[58] Бостошиносон як дастхати инҷили паҳлавӣро дар Астана, Қазакстон пайдо карданд. Инчунин як дастхати Забур дар Хитой ёфт шудааст. Чаҳор китоби Инҷил дар асри 13 тарҷума шудааст.

Сабаби кам шудани Масеҳиён баъди асри 13 дар он буд, ки Каломи Худо барои онҳо дастрас набуд, ва тоҷикон дар тули чанд аср аз мероси Каломи Худо бенасиб монда буданд. Аммо дар замони ҳозира бисёриҳо ба дини Масеҳӣ пайваст шуда истодаанд.

Дар донишкадаҳо Форсҳо аксарияти дарсҳои илоҳият ва рӯҳониро ба забони паҳлавӣ тарҷума мекарданд (Умарзода, 2006, саҳ. 458). «Дар замони Анӯшервони Одил *(Хусрави Аввал)* адабиёти сурияги аз лиҳози маданият ба дараҷаи баланд меистод». Ва баъд забони юнониву лотинӣ дар империяи шарқиии Рум дар ҷой аввал меистод (Умарзода, 2006, саҳ. 470).

Иброҳим Умарзода дар бораи адабиёти масеҳи навиштааст: «Аз забони суриягӣ бисёр асарҳо ба Паҳлавӣ тарҷума карда мешуданд. Асарҳои файласуфҳо, мунаҷҷимон, табибон ва китобҳои риёзии юнонӣ ба адабиёти Паҳлавӣ ва сипас бо забони арабӣ тарҷума ва дастрас карда мешуданд… Насрониёни арамейӣ, ки сокини шоҳигарии Сосониён буданду қисми зиёди аҳолиии худи пойтахтро ташкил медоданд, метавонистанд ҳамаи ин адабиёти нақлии ҳинду паҳлавиро бо забони паҳлавӣ мутолиа кунанд (зеро насрониёни зиёде худашон нависандагони паҳлавӣ буданд), онҳо одатан, ба забони адабиёти насронию арамейии худ, ба забоини сурӣ тарҷума кардани ин адабиётро авлотар медонистанд, ба монанди он ки нависандагони паҳлавӣ асарҳои фалсафӣ ва илмии суриёнро агарчанде онҳоро ба сурӣ мутолиа карда тавонанд ҳам, ба забони паҳлавӣ тарҷума мекарданд» (Умарзода, 2006, саҳ. 471, 474, 4758).

Дар охири асри 5-ум, Мари Форсӣ усқуфи Осӣ дар Нисибин тафсири китоби Дониёл ва «Таълимоти Имон»-ро бо забони паҳлавӣ навишт,[59] ки ин баъди ҳазор сол онҳо аз ин китоби Дониёл манфиат мебурданд. Наздикии соли 470 милодӣ, каси дигар Маъна, чанд мавзуъ ва сурудҳои рӯҳониро навиштаи паҳлавӣ кардааст, ва дар асри 7-и милодӣ Митрони Ревардашер «Канони Шимъӯн»-ро навишта дертар онро ба забони Сӯрӣ тарҷума кардааст.

Масеҳиёни форсу тоҷик дар соҳаи адабиёт бисёр корҳои назаррасро иҷро кардаанд ва бо алифбои дигар миллатҳо ҳам интишоф мекарданд, барои мисол, Эфталитҳо (пайтахти қадимии онҳо Бомиёни Афғонистон) дар асри 6 Масеҳӣ шуда имондорони Калисои Шарқро бо забон ва алифбои худашон меомӯзонданд (Дикенс, 1999, саҳ. 3).

Дар он давра Масеҳиён ба забони сӯрӣ эътиқод доштанд на забони паҳлавӣ, аммо имрӯзҳо

[59] Catholic Encyclopedia Syrian language and literature, www.wikipedia.com.

имондорони тоҷик оё хоҳиши бо дигар забон машғулият ва омухтанро доранд? Ба фикри мо ҳаргиз не! Чун ки забони тоҷикӣ барои тоҷикон бисёр ширину лазиз аст. Тоҷикони Масеҳӣ бояд бо забони модариашон парастишу ибодат кунанд то, ки хаттоҳои пештара такрор нашаванд, барои ин дар ҳозир имконияти адабиёти Масеҳии тоҷикӣ беҳад бой ва рангин мебошад. Муаллифон ва шоирони имрӯзаи тоҷикон дар мавзуъҳои Китоби Муқаддас ва эъҷоди шерҳои масеҳӣ маҳорати баландро соҳибанд, калисои тоҷикон аз имконияти Худодод бояд бахра бурда, ибодат парастиш ва хондани сурудҳоро бо забони модарии худашон ба роҳ монанд.

## ДОНИШГОҲИ ФОРСИЁН[60]

Донишгоҳи Форсиён дар Эдесса сар шуда буд. Ин донишгоҳ аз давраи фаолияти Бардаисан, ки ӯ тақрибан соли 200 зиндагӣ кардааст бино ёфта буд (Моффет, 1998, саҳ. 189). Дертар ин донишгоҳ бо фармони императори Рум Зено (соли 489) баста мешавад ва дертар дар шаҳри Нисибин[62] аз нав барқарор мешавад.

[60] Баъзи ҷой «мактаб» мегӯяд, вале ин бисёр монанди донишгоҳ чунки дар он нафарони сину соли калон фаро гирифта мешуданд.
[61] Насибин дар болооби дарёи Фурот ва Даҷла воқеъ шуда буд, ин шахри асосии вилоят буд.



«Дар натиҷа дар нимаи асри V зиёда аз ними аҳолии Византия маҷбур шуданд ватани худро тарк кунанд. ‹…Ватани худ, аз ҷумла такягоҳи илмии худ — ба ном мактаби номдори Форсиро дар Эдесса (ки ба несторианиҳо ходимони зиёди адабӣ ва тарҷумонҳоро аз забони юнонӣ додааст) тарк кардан мушкил буд» (Умарзода, 2006, саҳ. 457, 458).

Вале «Дар ноумедиҳо, басе умед аст, поёни шаби сиёҳ, сафед аст» ва ин донишгоҳ аз нав, мисли гул дар Насибин шукуфон мешавад ва ин шаҳр дар асри 1-ум яке аз марказҳои машҳури таълимоти Яҳудӣ буд (Филипс, 1998). Шаҳри Нисибин макони маорифи масеҳӣ шуд ва ҳам маркази давлатдорони сосониён буд.

Донишгоҳи Форсиён дар баробари маркази адабиёти Калисои Шарқ буданаш дар навбати худ барои равон кардани воизон ва башоратдиҳандаҳои масеҳӣ нақши намоён дошт. Программаи асосии мактаби Нисибин дарсӣ Китоби Муқаддас буд, инро мо аз рӯи навиштаи Нарсай (вафоташ соли 503) дар китоби «Ҳомилиес» медонем. Мавзуъҳои дарси аз Китоби Муқаддас иборат аз офариниши олам, афтодани Одам, таърихи паёмбарон, ҳаёт ва фаолияти Исои Масеҳ, мақсади башорати Инҷил ва омӯзишу тафсири Китоби Муқаддас буданд.

Ин донишгоҳ на фақат маркази таҳсил буд, балки маҳаллаи масеҳиён, ки кору зиндагӣ ҳам мекарданд. Дар донишгоҳ ба интизоми рӯҳонии донишҷӯён аҳамияти махсус дода мешуд, онҳо доимо бо рӯзаву дуо машғул буда китоби Забурро мехонданд ва ба парастишу ибодат шуғл доштанд.

Донишҷӯёни мактаб аз Китоби Муқаддас бо забони юнонӣ зери назорати роҳбарони ҷамоатҳои юнониён дар баробари дарси илоҳият хондан ба омузиши илми тиб, мусиқӣ, мантиқ (логика), ва фалсафаи юнонӣ мушғул мешуданд.

Дар натиҷаи таъсири донишгоҳи форсӣ донишҷӯёне, ки дар ҷойҳои нав ба башорат ва таъсиси ҷамоатҳо машғул буданд, онҳо инчунин китобхонаҳо тайёр карда ғайр аз дарс додани илоҳиёт ба дарс додан аз илми тиб низ машғул буданд. Дар асри VI зиёда аз ҳазор донишҷӯён дар ин донишгоҳ таҳсил мекарданд ва дар давраи ислом донишҷӯёни форсу тоҷик дар Осиёи Миёна ба башорат ва ташкил додани ҷамоатҳо саргарм буданд, онҳо супориши Исои Масеҳро: ***«Пас, биравед ва ҳамаи халқҳоро шогирд созед ва онҳоро ба исми Падар ва Писар ва Рӯҳулқудс таъмид диҳед, ва онҳоро таълим диҳед, то ҳар он чиро, ки ба шумо фармудам, ба ҷо оваранд; ва инак, Ман ҳаррӯза то охирзамон бо шумо ҳастам» (Инҷили Матто 28:19–20).*** Иҷро



мекарданд. Хатмкардагони донишгоҳи мазкур башорати Исои Масеҳро дар байни халқҳои Суғд, Туркистон, Ҳиндустону Чин паҳн мкарданд. Азбаски адабиёти масеҳӣ ва Донишгоҳи Форсиён дар тарафи ғарби миллатҳои форсу тоҷикон вуҷудият дошт, маълумот нисбат ба мавзеъҳои шарқ бисёртар буд. Ин падида ба кам будани ҷамоатҳо дар тарафи шарқ мусоидат намекард, балки дар мавзеъҳои шарқии Марв, Самарканд, Ҳирот ва Ҳафтруд ҷойҳои асосии паҳншавии башорати масеҳӣ буданд. Дар соли 1340 дар Марв як мактаби масеҳӣ вуҷуд дошт, ки бо ном «тартарин» барои башорат додан дар байни диндорони ислом амал мекард.[62]

## РОҲБАР — НАМУНАИ ХУБ

Юшуяб II[63] аз шаҳри Балади шимоли Бағдод дар байни халқҳо аз суханони сулҳҷуёнаи Исои Масеҳ мавъиза мекард: ***«Хушо сулҳҷӯён, зеро ки онҳо фарзандони Худо хонда хоҳанд шуд» (Инҷили Матто 5:9)*** ва ӯ аз соли 628 то 648 мелодӣ патриархи Калисои Шарқ буд. Чанд сол баъд шоҳи Яздигурди Се (632–633) Юшуяб II дар борои миёнарав шудан байни Рум ва давлати Сосониён барои барқарор кардани сулҳ хоҳиш ва

62 www.nestorian.org — timeline.
63 Юшуяб II ҳам номи «Гедала»ро дорад.

илтимос мекунад. Дар он давра дар байни ин ду давлат ҷангҳои сахт мерафт. Юшуяб II бо як гурӯҳ роҳбарони Калисои Шарқ ба Византия рафта бо император Ҳероклиус гуфтушуднид барпо карда созишномаи сулҳро имзо мекунанд ва онҳо якҷоя бо император шоми Худовандро ҷашн мегиранд. Дар бозгашт Юшуяб II ба Бар-Савма, роҳбари Шушан дар бораи гузаронидани шоми Худованд бо император нақл мекунад, ки дар байни онҳо имони ҳақиқӣ вуҷуд дошт. Вале Бар-Савма дар бораи ин воқеа фарқияти таълимоти шарқу ғарбро дар назар дошт ва Бар-Савма бисёри сахт зидди Юшуяб II буд вале ӯ таълимоти Калисои Шарқро тарафдор буда ба саволҳои баҳсталаб бо майл ҷавоб гардонид. Юшуяб бо Бар-Савма ҷангҷол наороста, балки ӯро ситоиш карда Масали Сулаймонро ба ӯ гуфт: ***«Мазамматӣ ошкор беҳ аз муҳаббати пинҳонӣ. Таънаҳои дӯст самимист, вале бӯсаҳои бадхоҳ бисёр аст»*** (Масалҳои Сулаймон 27:5–6). Аз рафтори ин марди Худо дар Калисои Шарқ оштӣ барпо шуда гуфтаи Инҷил иҷро гардид: ***«Лекин бандаи Худованд набояд ҷанҷол кунад, балки бо ҳама меҳрубон, омӯзгор ва сабур бошад, Бо фурӯтанӣ мухолифонро насиҳат диҳад, ки шояд Худо ато фармояд, ки онҳо тавба карда, ба дониши ростӣ бирасонад» (2) Ба Тимотиюс 2:24–25.***



Дар давоми хизмати худ Юшуяб II саҳми худро на фақат дар бораи оштӣ шудани ду давлати бо ҳам зид ва роҳбарони онҳо гузоштааст, балки ӯ дар як вақт назоратчии Митрон дар Ҳиндустон ва гурӯҳи башоратдиҳандаҳои масеҳӣ ба Хитойро низ иҷро мекард. Дар соли 781, дар пойтахти Хитой дар назди Чо Анган (ҳозир шаҳри Хшанор) гурӯҳи масеҳиён санги ёдгориеро гузоштанд. «Санг тарошида шуда буд, то саховатмандии масеҳиёнеро, ки аз Балх омада буданд, ҷашн бигиранд. Дар ҳукумати Хитой то ба дараҷаҳои баланд баромаданд ва дар истифодаи зару зевари ӯ олиҳимматӣ ва калонкунии дайру калисоҳо ғамхорӣ мекарданд. Навиштаҷот хабар медиҳад, ки дар соли 635 яке Алопеон аз Та Чин (Сурия) омад, китобҳои муқаддас — китобҳои Аҳди Қадим ва Аҳди Ҷадидро оварда буд» (Аъзамов, 2002, саҳ. 69).

Аз паҳншавии башорати Исои Масеҳ номи Калисои Шарқ дар ҳақиқат сазовори шуҳрати тамоми шарқ замин гардид ва дар ҳаёти мардумони тоҷику форс ҳамчун бо хатти заррини ҳаёт ҷилва медод. Ин марди Худо, хизматгори масеҳӣ Юшуяб II хамчун роҳбари намунавӣ барои мо мебошад, дар хислати масеҳии тоҷики имрӯза ин сифатҳои башардустонаи Юшуяб II ёфта мешуд хуб мебуд, чунки ӯ дар замони барҳамхурии давлати Сосониён ва зуроварии дини Ислом нақшаи арзанда гузоштааст.

# Боби 11

## ДАР ДАВРАИ ИСЛОМ

Дар соли 633 баъди фавти Муҳаммад халифа-Абӯбакр ба шаҳри Ҳира (*Ал-Ҳира*) дохил мешавад. Шаҳри Ҳира дар ҷануби мамлакати Сосониён буда аксарият аҳолии шаҳру атрофҳои онро мардумони масеҳӣ ташкил медоданд.[65] Баъди чанд соли дигар Арабҳо ҷойҳои асосии зиндагониии масеҳиёнро аз Сосониён кашида гирифта ҳукмронӣ мекарданд, ба



**Оромгоҳи Умар Хайём дар Широз, Эрон**

[65] Ҳам ин нишон медиҳад ки бисёр ҷой масеҳӣ буданд вале ҳисоби синодҳои Калисои Шарқ набуданд.



монанди шаҳрҳои Нисибин, Марв ва марказҳои асосии масеҳиёни Осиёи Миёна Бухоро ва Самарқандро.

Мақсади асосии китоб албатта дар бораи паншавии башорати Исои Масеҳ дар байни халқҳои тоҷику форс мебошад. Вале нияти ин қисми китоб аз баён кардани шароит ва аҳволи масеҳиён дар давраи паҳншавии ислом мебошад.

Дар ҳамаи давру замонҳо дар таърих падидаҳои мусбату манфӣ албатта вуҷуд доранд ва мо низ маҳз дар бораи муносибат дар байни ҳукуматдорони мусулмон ва масеҳиёни он давра гуфтанием.

Саҳнаи давраи Сосониён ба мо нишон медиҳад, ки Яздигурди Се (давраи подшоҳӣ 632–633 қатлаш соли 651) чанд сол аз таъқиботи арабҳо гуреза буда ӯро дар Марв ба қатл мерасонанд ва ҷасади шоҳи охирони Сосониён бо дасгирии роҳбари масеҳии Марв дар мазори масеҳиён бо риояи ҳамаи қоидаҳои ахлоқӣ бо хок супурда мешавад (Фрай, 1996, саҳ. 42). Ин нишон медиҳад ки масеҳиён дар давраи Сосониён якҷоя буданд, аз саршавӣ то охири ин давра онҳо шарики ҳамдигар буданд вале дар давраи паҳншавии ислом, Калисои Шарқ робита ва таъсири дигарро нишон медиҳад.

Хилофат нисбати масеҳиён дар давраи ҳукумрониаш зиддияти ошкорро надошт ва дар баъзе мавридҳо ба хотири паҳн кардани дини ислом одамони масеҳӣ ба таҳқир дучор мешуданд. Хилофатҳои аввал аз рӯи сураи Юнус 10:94 рафтор мекарданд: «Агар дар он чӣ бар ту нозил кардаем, дар тардид[65] ҳастӣ, аз онҳое, **ки китоби осмонии пеш аз туро мехонанд, бипурс**. Ҳар оина ҳақ аст он чӣ аз ҷониби Парвардигорат бар ту нозил шудааст. Пас набояд дар шумори тардидкунандгагон бошӣ!» Онҳо дар бораи ҳамкорӣ кардан дар соҳаи маорифи ислом аз «аҳли китоб»[66] маслиҳат пурсида дар саршавии халифат масеҳиёнро барои кор киро мекарданд. Дар хилофат чандин одамони масеҳӣ аз зумраи олимон хизмат мекарданд. Ғайр аз ин онҳо дар дигар соҳаҳо, аз ҷумла тиб, тарҷумони ва корҳои давлатдори мисли мушовири кор мекарданд.

Масеҳиён ба монанди дигар мардуми ғайри мусулмон дар даврви Хилофат андози махсус, ҷизя месупориданд. Дертар ҳукуматдорони мусулмон масеҳиён ва яҳудиёнро маҷбур карданд,

[65] Дудилагӣ.
[66] Масеҳиён дар Қуърон  чун «аҳли китоб» номбар мешаванд. Ин ба он хоттир,ки онҳо Каломи Худоро, яъне Инҷилро итоат карда ва Худотарс ҳастанд.



ки дар либосҳояшон ресмони зардро ҳамчун аломат дошта бошанд (Фрай, 1996, саҳ. 136, 137).

Ғайр аз ин онҳо таълимоти[67]дар салиб қурбони шудани Исоро барои гуноҳҳои ҷаҳон рад карданд ва қабул накарданд, ки Худованд Исои Масеҳро барои гуноҳи ҷаҳон дар салиб қурбонӣ кардааст. Дар баробари ин Хилофат дар ҷойҳое, ки салиби Исо меистод вайрон кард ва ҷамоатҳои масеҳиро дар бисёр мавзеъҳо манъ карданд (Ҳатзингер).

Дар давраҳои аввали паҳншавии Ислом забони арабӣ ҷой дуюмро баъди забони паҳлавии нав «дарӣ» ишғол мекард[68] ва аз ин сабаб забони Калисои Шарқ, забони сӯрӣ мавқеъи худро аз даст дод.

Дар асри 7, Берунӣ чунин навиштааст, ки Ал Ҳаҷҷаҷ бинни Юсуф (661–714) ҳокими Ироқ фармоне ба Қутайба мефиристад, ки дар сарзамини Хуросон (аз Нишопур то Марв ва Бухоро) тамоми китобҳо ва таърихномаҳо несту набуд карда шавад (Фрай, 1996, саҳ. 81). Аз ин амали арабҳо шумораи беандозаи адабиёти таърихиву масеҳӣ ва

[67] Матни дигари Қуръон сураи Марям 19:33 нишон медиҳад: — «Салом бар ман, рӯзе, ки зода шудам ва рӯзе, ки **мемирам** ва рӯзе, ки дигар бор зинда барангехта мешавам!» ва инчунин Сураи Оли Имрон 3:55 — «Он гоҳ Худо гуфт: «Эй Исо, **Ман туро мемиронам** ва ба сӯи худ бармеоварам...»
[68] Catholic Encyclopedia Syrian language and literature, www.wikipedia.com.

зардуштӣ несту нобуд гардидаанд. Инчунин дар натиҷаи ҷангҳои пай дар пай дар давоми солҳо шумораи китобҳо ва дастхатҳо аз байн рафтаанд.

Инҷо бошад дар бораи халқи кучманчии биёбоннишин арабҳо, ки чӣ тавр онҳо аз як зинаи пасти иҷтимоӣ то ба дараҷаи асри тиллоии ислом (асри 8 то 13) омада расиданд, маълумот доданием. Пеш аз ҳама ин кор бо нуфузи халқи форс буд, махсусан арабҳо бисёр маълумотҳо ва таълимотҳоро аз масеҳиён мегирифтанд.

Дар соли 830 дар давраи ҳукумронии халиф Ал-Маъмун (хилофаташ 813–833) «Байт-ул-ҳикмат» яъне Хонаи Ҳикмат (ё Кохи хирад)таъсис меёбад.

«Дар он ҷо асарҳои сершумор оид ба илмҳои гуногун ба забони арабӣ боз ҳам бештар тарҷума ва дар Хилофат паҳн карда мешуданд, аз ҷумла асарҳои муаллифони юнонӣ, ҳинду, эронӣ, суриягӣ ва яҳудӣ»(Зиёев, 2005, саҳ. 76).

Дар ин «Байт-ул-ҳикмат» аксарияти омӯзгорон аз ҷумлаи масеҳиён буданд. Ва онҳо аксарият хатмкардагони Мактаби Форсиён буданд. Онҳо забонҳои юнонӣ, форсӣ ва суриягиро медонистанд ва таҷрибаи дарси тибу фалсафаи юнониро доштанд.[69] Дертар бисёре аз муаллимони ин муассиса иваз шуда ва дар ҷойи масеҳиён муаллимони мусулмон ба кор омаданд, ба монанди Ал-Киндӣ (801–873).

[69] www.srr.axbridge.org.uk ҳамчунин мунаҷҷимони машҳур чун Ал-Хоразмӣ (Ал-Маҷусӣ) аз дини Зардуштӣ онҷо дарс медоданд. Неъматов, 1989, саҳ. 185–186.



Масеҳиёни забоншинос аксарияти китобҳои юнониро ба арабӣ тарҷума кардаанд, ба мисли Юҳанан ибни Исҳоқ (808–873) вай мудири аввали «Байт-ул-ҳикмат» кор карда бист китоби Галени, анатомияи баданро аз юнонӣ ба арабӣ тарҷума кардааст. Масеҳи дигар Юҳанно бошад китобе дар барои чашм навишт ва Ҳибҳаи Масеҳӣ китоби мантиқро ба забони арабӣ тарҷума кардааст.[70] Дар соли 765 Ҷиргис ибни Бахтишу (вафоташ 801), табиби калони Хилофат, худи халифа Ал-Мансурро табиби карда шифо дод. Сулолаи ин духтури ҳозиқ зиёда аз сад сол дар халифат кор мекарданд, табиби номбурда масеҳӣ буда эътимоди калонро дар хилофати Араб соҳиб буд.[71]

Ҷойи баҳс нест, ки маҳз масеҳиён бисёр китобҳоро тарҷума карда дар таҳкурсии маорифи ислом нақшаи асосиро бозиданд, албатта саҳми бузурги табиб ва файласуф Абӯалӣ ибни Сино (980–1037) дар ин ҷода бисёр муҳим. Ва ҳам устодҳои масеҳии вай Абӯсаҳли Масеҳӣ (вафоташ, 1000) ва Абулхайр ибни Хаммор (Неъ-

[70] www.nestorian.org.

[71] http://en.wikipedia.org/wiki/Bukhtishu.

матов, 1989, саҳ. 198, 216).[72] Дар баробари ин файласуфи олии ислом Абу-Наср Ал-Фарабӣ (872–950) зери роҳбарии файласуфи масеҳи Юҳанно ибни Ҳаилан (870–939) илми мантиқро хонд[73] ва зери роҳбарии Абу-Бишр Матто ибни Юнус (860–920) илми фалсафаро аз бар кардааст.

Аз асри 9 то асри 11 дар маорифи ислом ақидаҳои озод ва кушода барои ҳамаи равияҳои динӣ вуҷуд доштанд. Бисёр масеҳиён дар корҳои илмии маорифи Хилофат саҳмгӯзор буданд ва дар ибтидои асри 11 равияи мадраса бо ақидаи Суннӣ ҳатмӣ қабул шуда илмҳои дунёвӣ ба ҷой дуюм гузошта шуд (Фрай, 1996, саҳ. 226 то 229).[74] Асрҳои 7 то 11-и милодӣ асрҳои тиллои Калисои Шарқ ҳисоб мешавад, дар ин давраҳо дар тарафи Шарқ ҷамоатҳои масеҳӣ бисёр инкишофу комёб мешуданд.

Агар ҳозир ба ҷойҳои асосии масеҳиёни осиёи миёна — Марв, Бухоро ва ба Самарқанд назар кунем, дар се ҷойи номбурда мушкилиҳои мардуми имондор ва ҳам паҳншавии хабари

---

[73] Ва ҳамчунин Абӯсаҳли Масеҳӣ, дӯсти Берунӣ, ки таърихшиносии маҳшури асри 10 мебошад. Онҳо дар «академияи Маъмун» дар Гурганҷ ба ҳайси олимон фаъол буданд. Абӯалӣ ибни Сино низ дар ин макон чанд сол дониш омухта буд...

[74] http://en.wikipedia.org/wiki/Al-Farabi

[75] Фрай Салҷукиёнро дар назар дорад, вале дар Бухоро, дар асри 9, мувофиқи Неъматов, 1998, саҳ. 156 «донишҳои илмӣ ва динӣ» сар мешуд.



хушро дида метавонем. Ки ин боиси афсус астб чунки ин ҷойҳо як замон маркази масеҳият дар буданд.

## МАРВ

«Хоҳӣ, ки бори аскар бандӣ зи шаҳри Марв,
З-он ҷо маёр ҳеҷ хабар ҷуз саломи дӯст.»

*Саноӣ*

Шаҳри Марв яке аз аввалин марказҳои асосии Масеҳиён дар Осиёи Миёна ба шумор меравад. Дар соли 334 дар инҷо калисо ва дертар Митрон таъсис ёфт.

«Вале дар Осиёи Миёна мавқеи мустаҳкамтарро дини Масеҳӣ дошт, ки маркази асосии он дар ҳавзаи Марв буд, ки дар он ҷо шумораи зиёди пайравон дошт ва он ҷо теъдод *(Н.Ҷ. шумор)*-и калисоҳо, ки дар Ғарб машҳур буданд, зиёдтар буд» (Аъзамов, 2002, саҳ. 33).

Аз маълумоти бостоншиносон иморати калисои Марв 51 метр дарозӣ ва 13 метр бар дошт, дар асри 4 ё 5 сохта шуда то асри 11 ё 12 мавриди истофода буд, (Комено, саҳ. 28) калонии ин иморат гувоҳи он аст, ки масеҳиён дар Марв мавқеъи намоён доштанд.

Шаҳри Марв дар ҳозира ба давлати Туркманистон мансуб аст, ки дар қадим он ҷо тоҷикон зиндаги мекарданд.

«Катибаҳои мансуби асрҳои VII–VIII шаҳодат медиҳанд, ки дар Марв низ забонӣ тоҷикии дариро истифода мебурданд. Аз Марв, Балх, умуман Хуросон ва Тахористон забони Тоҷикии дарӣ дар Мовароуннаҳр интишор ёфта, забонҳои суғдӣ ва бохтариро тадриҷан танг карда баровард» (Неъматов, 1989, саҳ. 245).[75]

Марв ҳамчунин маркази илмии масаҳият буд: «Дар Марв, мувофиқи маълумоти Берунӣ, митрон (митрополит)-и мазҳаби мелкитии (православии) калисои масеҳияти Сурия ва сарруҳониёни насрониён зиндагӣ мекарданд.

Нависандагони насронии асри 9 Исо — муаллифи фарҳанги суриёнӣ ва Ишодод — муаллифи тафсири Аҳди Ҷадид зодагони Марванд. Дар Хоразм олим, табиб ва файласуфи насронӣ Абулхайр ибни Хаммор мезист. Вай аз забони суриёни асарҳои Арасту ва дигар муаллифони антиқаро ба арабӣ тарҷума кардааст» (Неъматов, 1989, саҳ. 156).

Марв дар роҳи асосӣ тиҷорат воҷеъ буда Митрони он ҷо боз чанд ҷамоатҳои дигарро назорат мекард.

«Роҳи асосии тиҷорати байни Ғарбу Шарқ аз Марв мегузашт ва дар ин ҷо ба ду самт ҷудо мешуд: якеаш ба Бухоро, Самарқанд ва баъд ба Хитой, дигараш ба Балх ва сипас ба Ҳиндустону Туббат мебурд» (Неъматов, 1989, саҳ. 67).

[75] Дар Арки Марв инчунин матнҳои арабӣ, форсӣ ва суғдӣ ёфта шуданд. Ғафуров, 1998, саҳ. 373.





**Таҳри қолини се салиб — номи туркман «теке гел» аст.**

Башорати Исои Масеҳ ҳам бо ин роҳи тиҷоратӣ алоқаманд буд, чунки имондорони Марв ва Самарқанд ба Хитой рафта дар байни Туркҳо (Митронҳои Ҳафтруд ва Қошғар, соли 1180) башорат медоданд ва ба тарафи ҷануб Балху Ҳирот баъд ба Ҳиндустону Туббат (Митрон соли 628) Туббат (ҳам Тибет, ҷамоати соли 781 сар шуд). Дар давраи Сосониён, дар Ҳирот (соли 628 таъсис ёфт) Митрон оғоз ёфта калисоҳо бунёд шуданд ва ин маркази руҳонӣ се сад соли дигар монд ва аз давраи Сомониён дар бораи Ҳирот чунин маълумот вуҷуд дорад, «Дар шаҳр ба ҷуз масҷидҳои мусулмонӣ боз оташкадаи зардуштиён ва калисои масеҳӣ амал мекарданд» (Хоҷаев, 2002, саҳ. 61).



**Санги мазор, Осорхонаи Миллии Таърих, Тошкент, Узбекистон**

Ва аниқтар, «Дар қуллаи кӯҳ дар шимолтар аз шаҳр оташкадаи зардуштиён, дар байни он ва шаҳр калисои Масеҳӣ воқеъ буд» (Неъматов, 1989, саҳ. 69). Одатан Митронҳо дар китобхона, марказҳои тиббӣ ва дар боғзорҳо фаолият мекарданд то, ки онҳо башорати наҷотро дода ба маризону муҳтоҷон муҳаббати Худоро нишон диҳанд.

БУХОРО

Бухоро пеш аз асри 8 митрон дошт ва саршавии ҷамоатҳо дар ин вилоят албатта барвақт буд вале имрӯз номаълум аст, ки кай масеҳиён ба ин шаҳри тоҷикон омадаанд. Бухоро дар шимолтари Марв, ки маркази асосии масеҳиён буд воқеъ аст. Пеш аз паҳншавии ислом онҳо ба ин шаҳр омада ҷамоатҳои Бухоро ва чанд ҷойҳои дигарро назорат мекарданд.

Дар натиҷаи кофтуковҳои бостоншиносон дар Бухоро тангаи бо нақши салиб мухр шуда ёфт шудааст, ки ба охири асри 6 ва саршавии асри 7-и милодӣ таалуқ дорад. Ин намуди тангаҳо дар мавзеъоти гуногуни Бухоро бисёр ёфт шудаанд (Дикенс, 2002, саҳ. 5). Яке аз олимони бостоншинос Искандар Наймарк мутаҳаққиқи танга-сиккаҳо гумони худро чунин изҳор кардааст, ки дар шаҳри Вардана (50 км дар шимоли Бухоро) масеҳият дини давлатӣ будааст (Дикенс, 2002, саҳ. 5). Аз ин ҷо хулоса баровардан мумкин, ки агар сиккаҳои давлатӣ вуҷуд доранд ин исботи он аст, ки яке аз шоҳигарии хурди шаҳри Вардана, чун ки ин шаҳр пеш аз асри 8 аз Бухоро ҷудо буда худро давлати алоҳидаи масеҳӣ эълон кардааст (Бартолд, 1992, саҳ. 113). Муаррихони араб мегӯянд, ки дар он ҷо масҷид набуд ва онҳо дар асри 8 сахт зидди арабҳо буданд, албатта дар давраи ҳукмронии арабҳо дар Бухоро, Вардана қуввати пештарашро гум кардааст.[76]

Митрони Бухоро ба ҷамоатҳои Вардана назарат мекард, аз сабаби он, ки шаҳри Бухоро марказ ҳисоб меёфт ва тақдири ояндаи митрон норавшан аст фақат гумон меравад, ки арабҳо забт карда ин ҷоро гирифтанд: «Арабҳои соли 709 Бухороро забт намуда, ними ҳавлиҳои сокинони Бухороро зӯран кашида гирифтанд ва ҳатто мардуми зиёди шаҳрро ронда, ба ҷой онҳо кабилаҳои арабро шинонданд» (Хоҷаев, 2001, саҳ. 57). Баъди ин дар Бухоро арабҳо шариати исломро ба ҳукми қонун даровардa ба вайронкунандагони шариат ҷазо медоданд.

Муаррихи давраи сомониён Наршахӣ (899–959) дар бораи шаҳри Бухоро навиштааст, ки дар даромадгоҳи шаҳр, дар рӯ ба рӯи роҳи бозор дар тарафи чапи роҳи риндон калисои масеҳӣ вуҷуд дошта дар замони ӯ ин калисоро ба

[76] http://www.transoxiana.org/Eran/Articles/adylov_mirzaakhmedov.html.



**Танги Салибдор, Бухоро**

масҷид табдил доданд ва хонаҳои гирду атрофи калисоро, ки масеҳиён дар онҳо зиндагӣ мекарданд гирифта онҳоро пеш карданд (Бартолд, 1992, саҳ. 106). Неъматов чунин навиштааст, ки «Ислом ба муқобили таълимоти динҳои бегонаи ғайримусулмонӣ ва аз берун омада, аз ҷумла ба муқобили масеҳият ва фарқаҳои он мубориза мебурд» (Неъматов, 1989, саҳ. 157). Дар ин давра муқобилияти ислом бар зидди масеҳият сахт мешавад, ҷамоатҳои Бухоро ба монанди ҷамоатҳои Тароз (Ҷамбул), ки Сомониён соли 903 пойтахти Туркҳоро забт карда гирифта дар ҷой асосии калисо маҷбуран масҷид карда буданд, рӯ ба рӯ шуданд. Баъди ин воқеаҳо масеҳиён фақат дар ҷойҳои майдатари берун аз шаҳр зиндагӣ мекарданд.

## САМАРҚАНД

Яке аз ҷойҳои асосии масеҳиён шаҳри Самарқанд ба ҳисоб мерафт ва дар асри 4 дар онҷо ҷамоатҳо сар шуда то асри 6 хеле бисёр шуданд. Бобоҷон Ғафуров дар ин бора ин чунин мегуяд: «Мувофиқи баъзе ривоятҳо насрония хеле паҳн шуда будааст. Дар ибтидои асри VI дар Самарқанд епископи *(роҳбари)* насронии равияи несторӣ менишаст, дар асри VIII бошад, ҷой ӯро митрополит гирифт» (Ғафуров, 1998, саҳ).[77] Дар гирду атрофи шаҳр ҳам бисёр ҷойҳои масеҳӣнишин мавҷуд буд ва шаҳри Самарқанд сарчашмаи башорат ба тарафи туркҳо, муғулҳо ва хитоиҳо буд.



**Салиб дар руи санг кандашуда, ноҳияи Ургут, Узбекистон**

Дар Афросиёб (шаҳри бостонии Самарқанд) чанд чизҳои масеҳӣ аз ҷумла, кузаҳои сафолини салибдор, тангаҳои суғдӣ, ки салиб доранд, ва ҷавоҳиротҳои салибӣро ёфтанд.

Марко Поло (дар асри 13), гумон мекунад, ки 10% алоҳии Самарқанд масеҳӣ буд ва ин тақрибан 11,000 нафар буд (Ингланд, 2002, саҳ. 45, 46). То асри 14 митрони масеҳӣ дар он ҷой вуҷуд дошт ва дар соли 1326 як хонӣ муғул иҷозат дод, то ки онҳо як калисои нав бо номи Яҳёи

[77] Баъзе муаррихони масеҳӣ гумон мекунанд, ки дар асри 7 Митрон мавҷуд буд.

Таъмиддиҳанда бунёд кунанд вале ин кор ба анҷом нарасид.[78]

Тахмин дар охири соли 1374, дастури мавъиза кардан ба ҷамоатҳо ва роҳбарони онҳо дода мешавад, ки исботи заволи Калисои Шарқ дар Самарқанд мебошад ва баъди ин давраи ҳукмронии Термуланг саршуд ва албатта Калисои Шарқ азоб кашид.

## НОҲИЯҲОИ АТРОФИ САМАРҚАНД

Дар якчанд қишлоқҳои назди Самарқанд ба монанди Дилварзин, Ургут, Суфиҷон, Вазгирд ва Балхаш масеҳиён зиндаги карда ҷамоъатҳои онҳо вуҷуд доштанд. «Дар асри X, як деҳи насрониён дар байни Дилварзин ва дарёи Сир вуҷуд дошт. Дар ноҳияи Шавдари ҷануби Самарқанд деҳаи насрониён бо номи Вазгирд (*номи арабӣ Вазкард*) ҷой гирифта буд, ки калисою дайрҳо дошт… Деҳа дар наздикии Ургути ҳозира воқеъ буд» (Неъматов, 1989, саҳ. 156). Дар онҷо истироҳатгоҳи масеҳиён(монастир) вуҷуд дошт ва аз тарафи ғарб одамон барои истораҳату дамгирӣ меомаданд.

Аз маълумоти бостоншиносон дар шаҳри Ургут калисои сохтмонаш росткунҷа ёфт шудааст. Ургут дар 40 км аз ҷанубу шарқи Самарқанд воқеаъ мебошад ва дар наздикии Ургут дар Суфиҷон салиби масеҳӣ ёфта шудааст. Дар ин макон қабристони масеҳӣ вуҷуд дорад. «Дар ҷануби кӯли Балхаш дар якчанд қабрсангҳои таърихӣ навиштаҷоти масеҳиён аз асрҳои IX то XIV маълум ҳастанд, ки ин гуна гӯркунии Масеҳиён тасдиқи тараққиёти ҷамоатҳои масеҳӣ аст» (Аъзамов, 2002, саҳ. 69). Инчунин қабристонҳои масеҳӣ дар Пишпенӣ ва Томпанӣ ёфт шуданд (Аъзамов, 2002, саҳ. 54).

[78] www.nestorian.org.



## ТАЪСИРИ ЗАБОНИ СУҒДӢ

Бухоро, Самарқанд, (дар он вақт Афросиёб) Кеш (Шаҳрисабзи ҳозира), Насаф (Қаршӣ), Истравшан ва Бунҷикат (шимоли Тоҷикистон) шаҳрҳои асосии суғдиён буданд. «Дар асрҳои IV–VI дар Суғд, Кеш — Нахшав ва Истравшан забони ҳукмрон забони суғдӣ ҳисоб меёфт»(Неъматов, 1989, саҳ. 244). Дертар забони суғдӣ дар Бухоро ва Самарқанд пайдо шуд, ва дар вақти забт шудани Бухоро аз тарафи Арабҳо дар масҷиди асосӣ намозро бо забони суғдӣ тарҷума мекардандю Зеро дар он замон мардуми маҳаллӣ забони арабиро намефаҳмиданд. Дар давраи Сомониён забони Тоҷикӣ ҷой асосиро гирифт ва аз ин сабаб тоҷикон бо забони суғдӣ ё бохтарӣ дигар гап намезаданд. Хати забони суғди аз забони су-

риягӣ ба вуҷуд омадааст ва ба ин хотир Суғдиён лифбои сурӣро истифода мекарданд. Ин забон барвақттар таъсири масеҳӣ дошта масиҳиёни осиёни миёна бисёртар бо ин забон башорат медоданд.

«Дар порчаҳои адабиёти тариқати нестории динӣ ба забони суғдӣ, ки дар Тукистони Шарқӣ ёфт шудаанд, собит меёбанд» (Аъзамов, 2002, саҳ. 61). Суғдиёни масеҳӣ аз забони сурӣ, китобҳои динӣ, қисмҳои инҷил, забурҳо, дуоҳо, тафсири Китоби Муқаддас ва таълимоти Калисои Шарқро ба забони суғдӣ тарҷума мекарданд ва ба шумораи 70–80 порчаҳои бостонии масеҳӣ ёфт карданд.



**Сурати роҳбар ва имондорони Калисои Шарқ аз Қочо дар Турфан, Хитой. Ҳозир дар Museum fur Asiatische Kunst, Данлем, Берлин, Олмон.**

Бо ин забон онҳо дар байни туркҳо ва Чиниҳо башорати Исои Масеҳро паҳн мекарданд. Исои Масеҳ дар рӯзи аз дунё ба боло рафтан ба шогирдонаш гуфт: «*Аммо вақте ки Рӯҳулқудс бар шумо нозил шавад, қувват хоҳед ёфт ва дар Ерусалим ва дар тамоми Яҳудо*



*ва Сомария ва **то ақсои дунё шоҳидони Ман хоҳед буд***» (Аъмол 1:8). Но вобаста ба мушкилие, ки дар иҳотаи ислом зиндагӣ мекарданд Масеҳиёни суғдӣ ин гуфтаи Исо Масеҳро бо ҷуръат иҷро мекарданд. Онҳо боварӣ доштанд, ки наҷот фақат ба воситаи Исои Масеҳ ба ҳама халқҳо меояд.

«Чи тавре мебинем, дар ибтидои асри VIII забони суғдӣ на фақат дар хоки худи Суғд (водии Зарафшон ва ноҳияҳои атрофи он, воҳаи Қашқадарё ва ғ.), балки дар хоки Ҳафтруд низ паҳн шуда буд, ки он ҷойҳоро суғдиён фаъолона тасхир мекарданд» (Ғафуров, 1998, саҳ). Ҳафтруд дар Қиргизистони имрӯза ҷойгир мебошад, дар Ҳафтруд ҷойҳои бостонии масеҳӣ вуҷуд доранд ва ин макон дар роҳи тиҷоратӣ ба тарафи Хитой буд. Осорҳои бостонӣ бо забони суғдӣ дар як чанд ноҳияҳои Хитой ҳам ёфт шуданд... Дар назди баҳри Иссиққӯл бисёртар аз 630 тахтасанги болои қабрии Масеҳиён ёфта шуданд, ки онҳо аз таърихи соли 858 то 1342 гувоҳӣ медиҳанд. Дар ин оромгоҳҳо намояндагони миллатҳои тоҷик, турк, хитоиҳо, суриҳо, ҳиндиҳо ва муғулҳо аз табақаҳои гуногуни ҷамъият аз ҷумлаи одамони соҳибмаълумоту хизматгорони рӯҳонӣ ва шахсони оддӣ макони охират ёфтанд ва дар тахтасанги сари қабрии яке чунин омадааст: «ин қабри Пасак, мақсади зиндагӣ: Исои наҷотдиҳанда». Хизматгорони башоратдиҳанда ба ҷа-

моатҳову митрон такя накарда бо дасту бозуи худ меҳнат ва тиҷорат карда ба ҷоҳои гуногун рафта аз наҷоти Худо нақл мекарданд (Дикенс, 2002, саҳ. 2).

То замони мо яке аз сангҳои нишонаи масеҳии Калисои Шарқ дар Хитой гувоҳи он аст, ки масеҳиёни саховатманд аз Балх омада ҷашнҳо меоростанд ва дар нн санг навиштаҷоте аз Китоби Муқаддас бо забони сурӣ кандакорӣ шудааст. Дар яке аз сангҳои нишонаи масеҳиён дар Хитой буда омадааст, ки «навиштаҷоти машҳури муҷассамаи дар соли 781 ба охир расондашуда дар назди Чо Анган аст, ки баъдтар пойтахти Хитой ва ҳозир ҳамчун шаҳри Хшанору мешиносандаш» (Аъзамов, 2002, саҳ. 69). Ин тахтасангро яке аз имондони масеҳии тоҷики суғдӣ бо номи Яздбозид (ва ҳам номи Усу) марди саховатманди Балхӣ гузошта буд. Вай дар хитой ҳамчун сарлашкар ва роҳбари рӯҳони аз Балх хизмат кардааст ва дар замони худ бо саховатмандӣ ва ба касалиҳо шифо бахшиданаш машҳур буд (Дикенс, 2002, саҳ. 7). Ин сангро якҷоя бо писараш, Одам (ва ҳам номи Чинг-Чинг) тайёр карда дар ҷояш монданд (Мофет, 1998, саҳ. 299).

Дар асрҳои 9 ва 10 масеҳиён бо забони суғдӣ башоратро паҳн мекарданд. Тахтасанге дар Туббат ки дар болои санг се салиби Калисои Шарқ бо забонҳои суғдӣ ва Тибетӣ кандакорӣ шуда-



аст аз ин гувоҳӣ медиҳад. Дар болои ин тахтасанг навишта шудааст, ки имондоре аз Самарқанд омада ба шоҳи Туббат Инҷилро маъвиза кардааст.

Дар соли 1007 шоҳи Кераитҳо ба воситаи дар хоб дидани Исои Масеҳ имон оварда ба митрони Марв муроҷиат мекунад. Патриарх Илёси Се (хизматаш 1176–1190) дар яке аз марказҳои Кошғар ва Ҳафтруд митронии масеҳӣ таъсис дод, ки дар он вақт бисёр халқ имон оварданд ва ҷамоатҳо сар шуданд. Қабилаҳои пурзӯри кераитҳо, ки имондор буданд баъзеи онҳо аз ворисони Чингизхон зан гирифтанд ғайр аз ин баъзе шоҳзодаҳо мураббиёни масеҳӣ доштанд ва модари шоҳ Гуюк Хон (1246–1248) масеҳӣ буд ва худаш дар январи соли 1248 таъмид гирифтааст.

Таъсис ёфтани ҷамоатҳои масеҳӣ аз ҳисоби имондорони суғдӣ чунин буданд:

Туббат (781-и мелоди), Ҳафтруд (асри 8), Хитой (дар 13 вилоятҳо аз асри 8 то 13), Митрон: Қошғар (1180), Хитой (дар 3 вилоят дар аввали соли 1063).

Бобоҷон Ғафоров чунин менависад: «Дар Суғд вуҷуд доштани динҳои гуногун боиси пайдо шудани системаҳои динии муттаҳида (синкретӣ) гардид» (Ғафуров, 1989, саҳ. 384). «Ахбору маълумоти мусулмонӣ дар хусуси дини Масеҳӣ мавҷуд аст, ки тибқи он аҳолии Суғд дуа-

лист ва Масеҳӣ буданд» (Аъзамов, 2002, саҳ. 49). Дар байни суғдиён дини монавия пайдо шуд, ки ин як қисми дини зардуштӣ ва қисми дигараш масеҳӣ буд. Ин нишон медиҳад, ки дини масеҳӣ вуҷуд дошт вале бе Китоби Муқаддас бо забони худашон, онҳо парастишро бо Забур мегузорониданд ва башорат медоданд.

Дар ҳолате, ки масеҳиён бо забони суғдӣ сару кор доштанд бехабар аз он буданд, ки забони суғдӣ ба завол омада буд ва забони тоҷикӣ дар осиёи миёна дар асри 10 мақоми баландро гирифта буд. Калисои Шарқ ба чунин хатогӣ роҳ дод, ки фақат бо забони сурӣ сару кор мекард на бо забони паҳлавӣ.

## ДАР САРЗАМИНИ ТОҶИКИСТОН

Дар Тоҷикистони имрӯза бисёр ҷойҳои таърихӣ вуҷуд доранд, ки то ҳол дар бораи онҳо ба мо тадқиқотиҳои комил омада нарасидааст. Ва ҳамаи маълумотҳои мавҷуда ҳам ба ҳама дастрас нашудааст. Тадқиқотҳои бостоншиносон ба он гувоҳӣ медиҳанд, ки дар сарзамини Тоҷикистон дар Айвоҷ, Қубодиён, Панҷикент, Истаравшан ва Хуҷанд масеҳиён зиндагӣ мекардаанд.

Дар Осорхонаи Миллии Бостонии Тоҷикистон, ки дар шаҳри Душанбе воқеъ мебошад, якчанд зарфҳо, тахтасанги болои қабрӣ ва ҷавоҳиротҳои Масеҳиро дидан мумкин аст. Ин ашёҳо ,ки дар болои онҳо салиб аксёбӣ шудааст ба он гувоҳӣ медиҳад, ки дар вақтҳои пеш имондорони масеҳӣ дар ин ҷойҳо зиндагӣ мекарданд. Агарчи ба ин ёдгориҳои таърихӣ тамғаи осорхона зада нашудааст ва маълумот ҳам дар бораи онҳо дарҷ нашудааст.

## МАЪЛУМОТҲОИ БОСТОНИШОНСОН ДАР БОРАИ ХАТЛОН

«Мувофиқи маълумотҳо дар байни ҳайтолиён дини насронӣ маълум будааст, туркҳои тахорӣ ин динро мепарастидаанд ва аз Тахористон сафорате омада будааст, ки мақсад доштааст, тариқати несториро паҳн кунад ва ғ.» (Ғафуров, 1998, саҳ. 329). Масеҳиёни тахорӣ дар ноҳияҳои Қубодиёну Шартус зиндагӣ мекарданд ва онҳо ба ҳамаи маҳалҳои Тоҷикистони имрӯза рафта башорат медоданд.

Аз осорхонаи қадимаи Тахти Сангин чунин маълумот пайдо шудааст: «аз ин қалъа салибе ёфт шуд, ки ба асрҳои 1–2-и баъд аз милод тааллуқ дорад. Гумон меравад, ки таблиғотчиёни *(Н.Ҷ. — башоратчиёни)* масеҳӣ бо ҳамроҳии корвонҳои тиҷоратӣ дар давраҳои антикӣ ба ин сарзамин алоқаҳои доимӣ доштанд» (Аъзамов, 2002, саҳ. 40). Салиб ҳам ба он гувоҳӣ медиҳад, ки масеҳиён дар замони Кушониён дар ҷануби Тоҷи-

кистон зиндагӣ мекарданд ва дар муддати чанд аср дар Хатлон башорат медоданд.

Дар осорхонаи Айвоҷ ноҳияи Шартӯз аз асри 6–7, бостоншиносон иморате ёфтанд, ки дар шифти он салиб канда шудааст. Айвоҷ дар соҳили дарёи Аму[80] ҷойгир мебошад ва дар вақти қадим ба Бохтар (вилояти Балх имруза) мансуб буд. Ин ҷой маркази имондорони масеҳӣ баҳисоб меёфт. Чуноне, ки ба мо маълум аст имондорони масеҳии Балх ба Хитой рафтанд ва қисме аз онҳо дар болооби Вахш, Кофарниҳон ва Сурхоб (Қизилсу) дар Қубодиён, Ҳулбук ва Мунк (Балҷувон) башорат доданд.


**Ибодатгоҳи Калисои Шарқ дар Айвоҷ — асри 5–6**

«Тадқиқотиҳои охири бостоншиносии муосир *(ҳозиразамон)* дар навоҳии Қубодиён, Қизилқалъа, Шаҳритус аз он шаҳодат медиҳанд, ки несториҳои таблиғотчӣ *(башоратчӣ)* дар замонҳои антиқӣ то ба ин сарзамин омада расида буданд» (Аъзамов, 2002, саҳ. 40).

[80] Дарёи Аму сар мешавад дар ҷое, ки дарёҳои Панҷ ва Вахш якҷоя мешаванд.



«Ҳарфиёти Қалъаи Мир,[81] Кайқубодшоҳ *(райони Шаҳртус)*, Тахти Қубод, Тахти Сангин ва даҳҳо тадқидотҳои бостоншиносони мухталифи Тоҷикистон, ки дар ним асри охир сурат гирифт, собит намуданд, ки баъзе қавму қабоили ориёинажод дар давраҳои антиқӣ пайраваони дини масеҳӣ буданд» (Аъзамов, 2002, саҳ. 40). Чордаҳ ҷойҳои бостонии Тоҷикистон исбот мекунанд, ки дини масеҳӣ дар ин сарзамин вуҷуд дошт ва дар Осорхонаи Миллии Бостонии Тоҷикистон кузае аз Тахти Сангин оварда гузошта шудааст, ки дар он шаш салиб аксёбӣ шудааст ва ин дар Тахти Сангин ҳам будани масеҳиён гувоҳӣ медиҳад. Дар Осорхона терракоти салибӣ аз Қофирқала (Сангтуда[82]) нишон медиҳад, бори дигар Худо ҷӯёи тоҷикон буданашро дар асрҳои гуногун нишон медиҳад.

## ЗАРАФШОН ВА ФАРҒОНАИ БОСТОНӢ

Ҷойҳои асосии бостоншиносон дар водии Зарафшон — Панҷикент ва Бунҷикат[83] ҳастанд.

[81] Ҳоло дар райони Қубодиён Қалъаи Мир ҷой пайтахти давлати Бохтари қадим, «Тоҷикон» саҳ. 152. Ҳам Тахти Қубод ва Тахти Сангин дар ин район вуҷуд доранд.
[82] Дар маълумоҳои осорхонаи милли бостони Тоҷикистон Сангтуда мегӯяд вале Бобоҷон Ғафоров, Колхозобод мегӯяд.
[83] Пойтахти Бунҷикат шаҳри Истаравшон буд.

Дар асри 6 як қисми аҳолии фирорӣ Панҷикентро таъсис доданд ва дар асри 7–8 ин ҷой яке аз ҷойҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ тараққикарда буд ва дар охири асри 8 арабҳо омада ин шаҳрро гирифтанд. Дар натиҷаи кофтукови бостоншиносон аз ин ҷо порчаҳои сафол, ки дар онҳо матни Забур бо забони суғдӣ навишта шудааст, ёфт шудаанд. Масеҳиёни он ҷо дар вақти парастиш ба Забур аҳамият дода онро бо ҳунари эъҷодкорона ба амал меоварданд.

Дар Дашти Урдакон каме ҷануб аз Панҷикент, қабристони масеҳӣ ёфта шуд, дар ин қабристон гӯри як духтари ҷавон бо салиби биринҷиро пайдо карданд ва бостоншиносон ба ақидае омаданд, ки дар ин ҷойҳо масеҳиҳо зиндагӣ мекарданд. Аз ҷумлаи бозёфтҳои бостоншиносон тангаи суғдии нишонаи салибдор ва кӯзапорае, ки бо салиб кандакоришуда мавҷуданд. Аз Бунҷикат порчае бо навиштаҷоти масеҳӣ пайдо шуд бо баъзе нишонаҳои Арманӣ ва дар даромагоҳи бино салиб тасвир ёфтааст.

Дар ҳар тарафи водии Фарғонаи ҷамоатҳои масеҳиён вуҷудият доштанд, ва маълумотҳои бостоншиносон нишон медиҳад, ки Чоч (Тошкент), назди Коканд (Даван), Навтака, ва кишлоқи майде дар Фарғона буданд, вале дар сарзамини Тоҷикистон имрӯза нест (Ингланд, 2002, саҳ. 44).



Дар Осорхонаи Миллии Бостонии Тоҷикистон чанд чиз нишон медиҳад, ки масеҳиён дар Бунҷикат зиёд буданд. Як чароғи лоие, ки чанд салибро нишон медиҳад, ва кузае монанди як ҳайвон, ки як тарафаш салиб дорад. Дар осорхонаи чанд қабри сангии Бунҷикат дар намоиш аст ва ду тои он ба мисли салиб аст. Дар ҷой дигар сангҳои қабристонро нишон медиҳанд, ки якеаш салиб дорад лекин дигараш надорад ва аз куҷо пайдо шудани онҳо маълум нест ва дар миёни ҷавоҳирот як ҳалқаи қабуд, ки мухри салибӣ дорад.

Дар Осорхонаи Рудакии Панҷакент як зарфи тарбутдон, ки лабаш бо салиб нақшунигор шудааст ва гумон аст, ки ин зарфро масеҳиён истифода мекарданд. Дар Осорхонаи Миллии Бостонии Тоҷикистон нишонаҳои сари қабрии салибдор аз Бунҷикат аз асрҳои 6–8 мавҷуд мебошад ва кӯзаи калони салибдор аз Панҷикент аз асрҳои 5–8 ба намоиш гузошта шудааст.



**Қутти салибдор дар Осорхонаи Панҷикент**

Ин бозёфтҳои бостоншиносон ба он гувоҳӣ медиҳанд, ки мардуми тоҷик онҳоро мерос гузоштаанд ва ин маълумот ба он аст, ки Худо

дар вақти пеш тоҷиконро дӯст дошта интихоб кардааст.

## КАМШУДАНИ МАСЕҲИЁН

Мутаасифона қобили тааҷуб аст, ки камшудани Калисои Шарқ ҳам ба вақти охири асри тиллоии Ислом рост меояд. Дар асри 14 ақидаҳои озодӣ ва маркази илмӣ, қариб нест шуданд ва ҷамияти маданӣ баъд аз омадани Муғулҳо ҷамияти бадавӣ буд.[84]

Сабабҳое, ки барои чӣ масеҳиён кам шуданд:

1. Асри 11 патриарх аз ҳисоби Хилофат буд. Дар он вақт озодии интихоби роҳбарон набуда назорати хилофат сахттар буд.
2. Дар асри 11 ҳамаи халқҳо ба ҳисоби туркҳо, арабҳо ва тоҷикҳо ҷудо шуданд. Дар он вақт зардуштиён, яҳудиён ва масеҳиён маҳаллаҳои худашон ҷудо-ҷудо шуданд. Пеш аз ин рафту омад бисёр буд вале баъд аз ин масеҳиён дар маҳаллаи худашон бо худ монданд (Фрай, 1996, саҳ. 216).
3. Дар калисоҳои Католикӣ таълимоти монанди «ҷиҳод»ро қабул мекарданд, чунки Попи Лео IV (847–855) эълон мекард, ки касе ки дар ҷиҳоди масеҳӣ мемурад, гуноҳҳояш бахшида мешавад ва Попи Ҷон VIII (872–882) эълон кард, ки каси дар ҷанги масеҳӣ мурадагӣ, ба биҳишт меравад (Канер, 2002, саҳ. 73). Ин таълимотҳои Китоби Муқаддас нест ва дар вақти ҷанги Ҷингизхон сар шуд, Калисои Шарқ ба тарафи сиёсат рафтанд ва ин амал омили парешонӣ ва таҳрифи башорати Исои Масеҳ шуданд.
4. Соли 1220 Масеҳиён аз дасти давлати ислом азоб мекашиданд ва ба ин мақсад бисёриҳо ба тарафи Муғулҳо гурехтанд. Вақте, ки Муғулҳо заиф шуданд, Муғулҳо бо Ислом муттаҳид шуданд он вақт масеҳиён ба ҳисоби душман шуданд. Соли 1287 несториён бо давлати Муғулҳо кушиш карданд, ки Ерусалимро аз дасти Ислом гиранд. Патриархи турк, Ябаллуҳа Як (1247–1317) ускуфи худро ба давлатҳои Аврупо фиристод то онҳо бо ҳамдигар ҷанг кунанд (Дикенс, 2002, саҳ. 15). Дар он вақт дини Масеҳӣ 25 митрон ва 200 роҳбарони ҷамоатҳо доштанд. Муғулҳо баъди ҷанг бо давлати ислом (соли 1291), ба тарафи онҳо гузаштанд ва масеҳиён дар ин ҳолат танҳо монда буданд.

   Баъд аз ин таъқибот сар шуда калисоҳо несту набуд мешуданд ва роҳбарони онҳо шаҳид мешуданд ва патриархи Калисои Шарқ дар азоб монда зиндонӣ гардид (Ябаллуҳа III) (Дикенс, 2002, саҳ. 15,16).

[84] www.wikipedia.com — Islamic Golden Age.

5. Қариб тамоми халқ дар Марв ва Нишопур аз дасти муғулҳо несту нобуд шуд[85] (2002, саҳ. 14) ва дар ин давра маданияту ҷамъият дигаргун гашт. Дар ҷанги Ҷингизхон (1162–1227) ва Темур Ланг (1335–1405 зиндагиаш) бисёр халқ мурда шаҳрҳо биёбон шуданд. Бобоҷон Ғафоров азобу беодоби Темурро нақл мекунад (Ғафуров, 1998, саҳ. 646 то 650). Аз он вақт сар карда масеҳиён кам шуданд ва осиёи миёна дигаргун шуд. Ҷингизхон бисёр шаҳру деҳаҳоеро несту набуд кард, ки онҳо маркази дини Масеҳӣ буданд: Самарқанд, Марв, Балх, Ҳирот, ва Нишопурро (2002, саҳ. 11).
6. «Андози талхӣ» ё «ҷизя» бояд диҳанд баъзе вақт ду бор зиёд ба гардани масеҳиён монда шуд, барои ин фишор бисёриҳо динашонро партофтанд.
7. Шоҳи Аббас, дар соли 1629 қоидае монд, ки каси масеҳие, ки исломро қабул мекунад то чор насл молашонро гирифта метавонанд.

## МАЪЛУМОТҲОИ ҲОЗИРА

Баъд аз асри 13 Калисои Шарқ фақат дар баъзе ҷойҳои Эрон, Ироқ ва Ҳиндустон боқи мондаанду бас. Ҳозир дар Эрон 300,000 Масеҳӣ

[85] Ғафуров, 1998, саҳ. 607, мегуяд, ки дар соли 1222 аксарияти аҳолии Марв кушта шуданд.



ва 73 калисоҳо қайд шудагӣ.[86] Китоби Муқаддас дар забони Тоҷикӣ ва Форсӣ ҳаст ва имодорон дар ҳамаи шаҳрҳо вуҷуд доранд. Дар асри 20 Поп Ҷон Павел эълон кард, ки Калисои Шарқ номи "Калисои Шаҳидон"-ро гирад, чунки бисёриҳо дар асрҳои 12–14 шаҳид шуданд.

## НАҚШАИ ХУДО ОЯНДА ДАР ФИКРИ ТОҶИКОН МЕБОШАД

Ин маълум аст ки Худо то ҳозир талабгори Тоҷикон мебошад. Имондорони тоҷик дар ҳамаи шаҳрҳои Тоҷикистон зиндагӣ мекунанд. Оянда чӣ мешавад? Худо медонад вале Ӯ ҳам пешгӯй ба мо додааст:

Як Ваҳии Исои Масеҳ аст, ки тимсоли тоҷикон аст: ***«Ва Ӯ*** (Исои Масеҳ) ***дар дасти рости Худо ҳафт ситора дошт... Сирри ҳафт ситорае ки дар дасти рости Ман дидӣ, ва ҳафт чароғдони тилло чунин аст: ҳафт ситора фариштагони ҳафт калисо ҳастанд, ва ҳафт чароғдон ҳафт калисо мебошанд»*** (Инҷил, Ваҳй 1:16, 20). Ин аҷибот аст ки имрӯз байрақи Тоҷикистон ҳафт ситора дорад ва ин моро ишора ба он мекунад, ки чӣ хел мо чанд чиз маънидор аст ва ҳам ин ки Худо ҷӯёи тоҷикон мебошад.[87]

[86] www.wikipedia.com — Christianity in Iran.
[87] Дар таърихи тоҷикон бо рақами ҳафт чанд маънӣ вуҷудият

Дар рӯзи осмонӣ ҳамаи имондорон дар пеши тахти Худо ҷамъ мешаванд ва аз ҳамаи қавмҳо барои парастиши Худо ҷамъ мешаванд ва дар ҳамин фурсати ғанимат Худованд чӯёни тоҷикон бошад — омин!

***«Баъд аз ин ман назар андохтам, ва инак, даре бар осмон кушода шуд... ва назар андохтам, ва инак, дар миёнаи тахт ва он чор ҳайвон ва дар миёнаи он пирон Баррае, ки мисли забҳшуда, истодааст ва ҳафт шоҳ ва ҳафт чашм дорад, ки онҳо ҳафт рӯҳи Худо ҳастанд, ки ба тамоми замин фиристода шудаанд. Ва Ӯ омада, китобро аз дасти рости Нишинандаи тахт гирифт. Ва ҳангоме ки Ӯ китобро гирифт, он чор ҳайвон ва бисту чор пир пеши Барра афтоданд, дар ҳолате ки ҳар яке барбатҳо ва косаҳои тиллои пур аз бухур дошт, ки онҳо дуоҳои муқаддасон ҳастанд; ва суруди наве хонда, мегӯянд:***

‹Ту сазовори он ҳастӣ,
ки китобро воз кунӣ
ва мӯҳрҳоро аз он бардорӣ;
Зеро ки Ту забҳ шудӣ
ва бо Хуни Худ моро барои Худо
аз ҳар сибт ва забон ва қавм ва қабила харидӣ,
ва моро подшоҳон ва коҳинони Худои мо гардондӣ;
ва мо бар замин салтанат хоҳем ронд.›»

*Инҷил, Ваҳй 4:1; 5:6–10*

---

дорад, барои ҷамъбаси ин мавзӯъ ба http://www.cais-soas.com/CAIS/Culture/haft.htm нигоҳ кунед.



# ИЛОВАҲО

## ҶАДВАЛИ ПОДШОҲОНИ ҲАХОМАНИШИҲО[88]

| **Номи Тоҷикии. Подшоҳони Ҳахоманиши** | **Номи Подшоҳони Ҳахоманиши дар Китоби Муқаддас** | **Солҳои ҳукмронӣ. Пеш аз милод** | **Бобҳои Китоби Муқаддас ки номи ин подшоҳон дарҷ шудааст** |
|---|---|---|---|
| Куруши Кабир *(Куруши ду)* | Куруш | 559–530 | Дониёл 1, Эзро 1, Ишаъё 44 ва 45 |
| Дорои Як | Дорёвеш | 522–486 | Эзро 4–6, Ҳаҷҷаи 1, Закарё 1 |
| Хишоёршоҳ | Аҳашверӯш | 486–465 | Китоби Эстер |
| Ардашери Як | Артаҳшастои Як | 464–423 | Эзро 4–8, Наҳемё 2 ва 13 |

---

[88] Барои ҷадвали пурра ба www.dardidil.com нигоҳ кунед.

СИНОДҲОИ АСОСИИ КАЛИСОИ ШАРҚ
(Аз www.nestorian.org)

*Соли 410* — Синоди аввал Католикосро тасдиқ кард нуфузи ӯ баробари Католикосҳои Ирусалим, Антиёхия, Искандрия ва Рум буд. Митрополитро дар панҷ ҷой мустақил ва дар байни арабҳо роҳбарро таъин кард. Митрон 5 ҷой ва 38 усқуф ё роҳбарро ҳисоб буд.

*Соли 420* — Синод. Баъзе таълимотҳоро дар Мактаби Форсӣ ба забони Форсии нав тарҷума кард.

*Соли 424* — Митрон 6 ҷой ва 54 усқуфи калисо ташкил шуда. Эълония дар бораи бародарии. имондори Ғарбу Калисаи Шарқро қабул карданд.

*Соли 484* — Шурои Калисои Форс дар Гундишопур таълимоти эътирофи имонро қабул карда ба роҳбарони калисоҳо иҷозати издивоҷ доданд (бисёрҳо мехостанд, ки роҳбар монанди монк бошад).

*Соли 486* — тасдиқи таълимоти Калисои Шарқ дар бораи ягонигии Худо ва таъбиати Исои Масеҳ.

*Соли 497* — тасдиқи иҷозати издивоҷ.

*Соли 612* — фарқияти Калисои Шарқ ва Ғарбро эълон карданд.

*Соли 650* — Як патриарх (ҷой Католики марказӣ), Митрон 9 ҷой ва 96 роҳбари калисо таъин шуд. Ҷамъ: 106 ҷой асосӣ дар Калисои Шарқ. (Moffett, 255)



ДАР ИНҶО КАЛИМАҲО ВА ЭЗОҲИ ОНҲО, КИ ДАР КАЛИСОИ ШАРҚ ИСТИФОДА МЕКАРДАНД:

**Усқуф** — роҳбари рӯҳонии ба як ҷамоат таиншуда ва бо забони юнонӣ: «эпискон»

**Митрон ё Митрополит** — назораткунанда аз 6 то 12 ҷамоатҳоро

**Монастир** — ҷои истироҳат, китобхона ва табобати рӯҳониён.

**Католикос** — роҳбари калони ҳамаи Калисоҳои Шарқ, ва дертар:

**Патриарх** — роҳбари калонӣ ҳамаи Калисоҳои Шарқ

**Синод** — шӯрои олии Калисоҳо (аввалаш соли 410 ва охираш 1318)

**Мар** — Ҳазрат бо забони Сурӣ

**Насрониён** — номи масеҳиён бо забони Суриягӣ

**Несториён** — номи асосии Масеҳиёни Калисои Шарқ аз назари Ғарб.

**Тасоён** — Масеҳиён «Худо тарс» бо забони суғдӣ, ки шоирҳои форсу тоҷик мисли Носири Хусрав истофода кардааст.

## КАЛИСОИ ШАРҚ ДАР ДАВРАИ ПОРТИЁН (ТО 224 МИЛОДӢ)[89]

| **Макон** | **Ноҳия** | **Кай сар шуд** | **Исботи бостоншиносӣ** |
|---|---|---|---|
| Эдесса | Байнанаҳрайн | Асри 1 | Тангаи салибӣ, навиштаҳои масеҳӣ |
| Шаҳрҳо | Хазар/ Каспий, Эрон | Соли 120 милодӣ | «Таълимоти Ҳавввориён» |
| Харқ | Ҷазираи баҳри Қулзум | 150 милодӣ | Ҷой бостоншиносӣ |
| Балх | Бактра, Кушониён | Асри 2 | Бардаисан |
| Тахти Сангин | Бактра, Тоҷикистон | Асри 2 | Салиби бостонӣ |
| Термизи Қадим | Бактра, Узбекистон | Асри 2 | Иморати бостонӣ |

[89] Соли 280 Калисои Шарқ аз Мар Папа ташкил шуд.



## КАЛИСОИ ШАРҚ ДАР ДАВРАИ СОСОНИЁН (СОЛИ 224–651 МИЛОДӢ)

| **Макон** | **Ноҳия/ Кишвар** | **Кай саршуд** | **Исботи бостоншиносӣ** |
|---|---|---|---|
| Гундишопур | Аҳваз, Эрон | 225 милодӣ | «Таълимоти Ҳавввориён» |
| Мурғоб | Хазар, Эрон | 225 милодӣф | «Таълимоти Ҳавввориён» |
| Басра | Ироқ | 225 | «Таълимоти Ҳавввориён |
| Арбел | Ироқ | 225 | «Таълимоти Ҳавввориён» |
| Қатар | Қатар | 225 | «Таълимоти Ҳавввориён» |
| Мосул | Ироқ | 290 | Ҳисоби Митрон |
| Нисибин | Мардин, Туркия | 290 | Ҳисоби Митрон |
| Шаҳрзӯр | Киркуки Ироқ | 325 | Ҳисоби Митрон |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Марв | Туркманистон | 334 | Таъини ускуф |
| Самарқанд (Афросиёб) | Ӯзбикистон | Асри 4 | Таърих |
| Нишорпур | Эрон | 424 | Синод[90] |
| Ҳирот | Афғонистон | 424 | Синод |
| Исфаҳон | Эрон | 424 | Синод |
| Рай | Эрон | 424 | Синод |
| Бардаъа | Ғарби Хазар | 429 | Синод |
| Ҳуркания | Хазар, Эрон | 429 | Синод |
| Тӯс | Назди Машҳад, Эрон | 487 | Синод |

[90] Соли 410 милодӣ синоди аввали Калисои Шарқ.



| | | | |
|---|---|---|---|
| Гургон | Эрон | 497 | Синод |
| Панҷикент, Бунҷикат | Тоҷикистон | Асри 5 | Салибҳои бостонӣ |
| Айвоҷ | Тоҷикистон | Асри 5 | Иморати бостонӣ |
| Ӯротеппа | Тоҷикистон | Асри 5 | Бостонӣ |
| Устаравшон | Тоҷикистон | Асри 5 | Бостонӣ, тангаи салибӣ |
| Хуҷанд | Тоҷикистон | Асри 5 | Бостонӣ |
| Марваррӯд | Туркманистон | 544 | Синод |
| Сиҷистон | Афғонистон | 544 | Синод |
| Заранҷ | Афғонистон | 544 | Синод |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Омул | Шимоли Теҳрон, Эрон | 554 | Синод |
| Абевард | Туркманистон | 554 | Синод |
| Гилон ё Ҷилон | Хазар, Эрон | 554 | Синод |
| Хурдистон | Назди Ҳирот | 585 | Синод |
| Боғдис | Шимоли Ҳирот | 585 | Синод |
| Эфталитҳо | Афғонистон | Асри 6 | Таърих |
| Вардана | Назди Бухоро | Асри 6 | Тангаи салибӣ |
| Ҳафтруд | Қазоқистон, Қиргизистон | Асри 6 | Бостонӣ |
| Қубодиён, Қалъаи Мир | Хатлон, Тоҷикистон | Асри 6 | Бостонӣ |



| | | | |
|---|---|---|---|
| Қизилқалъа | Хатлон, Тоҷикистон | Асри 6 | Бостонӣ |
| Тахти Кубод | Хатлон, Тоҷикистон | Асри 6 | Бостонӣ |
| Ҳарфиёт қалъаи Мир | Хатлон, Тоҷикистон | Асри 6 | Бостонӣ |
| Кофир Қала | Хатлон, Тоҷикистон | Асри 6 | Бостонӣ |
| Кайқубодшоҳ | Шаҳритус, Тоҷикистон | Асри 6 | Бостонӣ |
| Ҳулван | Ғарби Эрон | 628 | Синод — ҳисоби митрон шуд. |
| Ҳиндустон | | 628 | Синод |

КАЛИСОИ ШАРҚ ДАР ДАВРАИ ИСЛОМ (БАЪДИ СОЛИ 651 МИЛОДӢ)

| **Макон** | **Ноҳия/ Кишвар** | **Кай саршуд** | **Исботи бостон-шиносӣ** |
|---|---|---|---|
| Бухоро | Узбеки-стон | Пеш аз асри 8 | Синод |
| Нукус/Хива | Узбеки-стон | Пеш аз асри 8 | Салиби масеҳӣ, таърих |
| Оқ-Бешим | Қирги-зистон | Пеш аз асри 8 | Токмак қабристон |
| Нара, Ҷапон | Ҷапон | Пеш аз асри 8 | Салибҳо, таърих |
| Туббат | Хитой | 781 | Ҳисоби Митрон |
| Ҷо Анган | Хитой | 781 | Санги масеҳӣ |
| Тароз | Қазо-қистон | Асри 8 | Таърих |



| | | | |
|---|---|---|---|
| Ургут, Вазгирд, Балхаш | Назди Самар-қанд | Асри 8 | Таърих, бостонӣ |
| Даван | Коканд, Фарғона | Асри 8 | Бостонӣ |
| Қишлокҳои Фарғона | Фарғона | Асри 8 | Бостонӣ |
| Чоч | Тошкент | Асри 10 | Таърих |
| Қошғар | Хитой | 1180 | Ҳисоби Митрон |

*Ҷадвал аз www.oxuscom.com ва http://www.nestorian.org/location_of_nestorian_bishops.html — ро табдил шудааст ва таҳқиқи шахсӣ. Ҳам аз маълумоти бостонии Тоҷикистон ва* *The Hidden History of Christianity in Asia* *by John C. England ва* «Следы христианского верований в истории Таджикистана», составитель Б. Ашуров, отв. редактор д.и.н. В.В. Дубовицкий, Оптима, Душанбе, 2007.

## АДАБИЁТ


1. Абраҳам, С. Е. *Мероси ммадании Ҳиндустон*, (англисӣ)// Abraham, C.E., *The Cultural Heritage of India*, — www.hamsa.org
2. Ашуров, Б. (сост.), (2007), Нишонаҳои масеҳият дар таърихи Тоҷикистон (русӣ)// *Следы христианского вероаний в истории Таджикистана,* Оптима: Душанбе.
3. Абдураҳмон, Барот. (2006), *Куруши Кабир —шоҳаншоҳи тамаддуновар*, Душанбе.
4. Аъзамов, Хурсанд, Шариф, Достӣ (2002), *Аз Таърихи пайдоиш ва паҳншавии Масеҳият дар Осиёи Миёна*, Чашмасор: Душанбе.
5. Алисон, Д., Дейвис, В. (2004) *Тафсири иҷили Матто*, (англисӣ)// Allison, Dale C. and Davies, William D (2004) *A Critical and Exegetical Commentary of the Gospel according to Saint Matthew*, by.; Continuum International Publishing Group.
6. Бартолд, В.В. (1992), *Туркистон дар замони истилои мугулҳо,* (англисӣ)// Barthold, W. *Turkistan down to the Mongol Invasion* Munshiram Manoharlal Publishers: New Delhi.
7. Бовман,Ҷ. (1974), *Калисои Сосониён дар Харга*, (англисӣ) // Bowman, J. (1974), *The Sasanian Church in the Khargh Island.*
8. Ван Бик, Гус, (1960) *Лодан ва Мур,* (англисӣ)// Van Beek, Gus W.(1960), *Frankincense and Myrrh*, The Biblical Archaeologist, 23 (3): 70–95.
9. Вилкинсон, Б. (1983) *Аз китоби муқадас*, (англисӣ)// Wilkinson, Bruce and Boa, Kenneth, (1983) *Talk Thru the Bible,* Thomas Nelson Publishers.
10. Вотерфилд, Р. (1973) *Масеҳиён дар Эрон, (англисӣ)*// Waterfield R., *Christians in Persia*, London.
11. Виткомб, Ҷ.С. (1963) *Доро Амири Модай,* (англисӣ)// Whitcomb, John C. (1963) *Darius the Mede,* The Presbyterians and Reformed Publishing Company.
12. Гренет, Ф, *Маданияти то исломии Сугдиён*, (англисӣ)// *Grenet, Frantz, The Pre-Islamic Civilization of the Sogdians*,The Silk Road Newsletter; www.silk-road.com.
13. Груссет, Р. (1999), *Империяи водиҳо,* (англисӣ) Grousset, Rene, (1999),*The Empire of the Steppes: A History of Central Asia*,translated by Naomi Walford; Rutgers University Press.
14. Дикенс, М. (2001), *Несторияниэм дар Осиёи Миёна* (англисӣ)// Dickens, Mark. (2001), *Nestorian Christianity in Central Asia*, http://www.oxuscom.com/Nestorian_Christianity_in_CA.pdf.

15. Дикенс, М. (1999) Калисои Шарқ (англисӣ)// Dickens, Mark (1999) *The Church of the East*.
16. *Дӯ*стхоҳ, Ҷалил. (2001) *Авесто гузориш ва пажӯҳиш*, Душанбе.
17. Дҳарманда, С. (2007) *Лодан* ва Мур, (англисӣ)// Dharmananda, Subhuti, *Myrrh and Frankincense,* Director Institute for Traditional Medicine. www.itmonline.org.
18. Зиёев, Т.Н. (2005), *Таърихи Умумӣ: Таърихи Дунёи Қадим*, Сарпараст: Душанбе.
19. Зиёев, Т.Н., Шарифов, П.Я. (2005), *Таърихи асрҳои миёна*, Сарпараст: Душанбе.
20. Инҷили Шариф (форсӣ), (1981), Теҳрон.
21. Ингланд, Ҷ. С. (2002) *Таърихи нуҳуфтаи масеҳият дар Осиё,* (англисӣ)// England, John C. (2002) *The Hidden History of Christianity in Asia,"The churches of the East before the year 1500"* ISPCK, Delhi and CCA Hong Kong.
22. *Китоби Муқаддас.* (1999), Институти Тарҷумаи Китоби Муқаддас, Стокголм.
23. Китоби Муқадас(форсӣ) — тарҷумаи тафсирӣ (1995), Англия.
24. Кривазек, П. (2002) *Дар ҷустуҷуи Зардушт*, (англисӣ)// Kriwaszek, Paul, (2002*), In search of Zarathustra*, Vintage Books: New York.
25. Канер, М., Канер., А., *Кушодани Ислом*, (англисӣ) // Caner, Ergun Mehmet and Caner, Emir Fethi, *Unveiling Islam*, Kregel Publications



26. Коменно, М. А. *Л. Несторияниэм дар Осиёи Миёна дар асри 1*, (англисӣ)// Comneno, Maria Adelaide Lala, *Nestorianism in Central Asia in the First Millenium: Archaeological Evidence*; www.jaar.org/edocs.
27. *Ливӣ*, Р. (2005), *Пешгӯиҳои Таврот дар бораи Раҳонанда*, Чашмасор: Душанбе.
28. *Латорете*, К. С., Таърихи паҳншавии масеҳият, (англисӣ)// Latourette, K.S. A *History of the Expansion of Christianity.*
29. Ммингана, А., (1925) Таърихи қадими паҳншавии масеҳият, (англисӣ)// Mingana, A., *Early Spread of Christianity*; Bulletin of John Ryland's Library Vol. 9. Pg. 341.
30. Моффет, С.Ҳ. (1998) *Таърихи Масеҳият дар Осиё аз ибтидо то соли 1500, ҷ. 1* (англисӣ)// Moffett, Samuel Hugh (1998) *A History of Christianity in Asia Volumne 1 — Beginnings to 1500*, Orbis Books: New York.
31. Неъматов, Нӯъмон. (1989), *Давлати Сомониён*, Ирфон: Душанбе.
32. Пакизагӣ, З. Б., Таърихи масеҳиён дар Эрон, (1992) (англисӣ)// Pakizegi Zarin Behravesh, (1992), *History of the Christians in Iran*, Sooner Printing: Oklahoma City.
33. Умарзода, Иброҳим. (2006), *Таърихи Тамаддуни Ориён*, Душанбе.
34. Филипс, Т. В. (1998) *Шарқи дарёи* Фурот, (англисӣ)// Phillips, T. V., *East of the Euphrates: Early Chris-*

*tianity in Asia, by CSS and ISPCK*, India. www.religion-on-line.org

35. Фрай, Р. Н. (1996) *Асри ти логини Форс*, (англисӣ)// Frye, Richard N. (1996), *The Golden Age of Persia* Barnes & Noble Books: New York.

36. Хоҷаев, С. (2002), *Таърихи Халқи Тоҷик*, Сарпараст: Душанбе.

37. Қуръон, (1371) Тарҷумаи Абдулмуҳаммади Оятӣ, Воҳиди Эҳёи Ҳунарҳои Исломӣ, Теҳрон.

38. Шарофзода, Раҳимҷон. (2006), *Турон*, Ирфон: Душанбе.

39. Шукуров, М.Ш. (1969), *Фарҳанги Забони Тоҷикӣ*, ҷилд 1,2; Советская Энциклопедия: Москва.

40. Яъқубов, Юсуфшоҳ. (2002), *Таърихи Қадими Халқи Тоҷик*, Атамура: Алмато.

41. Ғафуров, Бобоҷон. (1998), *Тоҷикон*, ҷилд 1,2; Ирфон: Душанбе.

42. Ҳатзингер, А., Форсиён дар китоби муқадас, (англисӣ)// Huntzinger, Allyn Persians in the Bible, www.farsinet.com/persiansinbible.

43. Ҳерзфелд, Э, (1935), *Таърихи бостонии Эрон*, (англисӣ)// Herzfeld, Ernst., (1935), *The Archaeological History of Iran, The British Museum*, Published for the British Academy by H. Milford, Oxford University Press.

44. Ҷосефус, (1987) Таърих, (англисӣ)// Works of Josephus translated (1987) by William Whiston, Hendrickson Publishers.

45. Ҷонс, А. Ф. (1972), *Грматикаи забони Арамӣ китоби муқадас*, (англисӣ)// Johns, Alger F. *A short grammar of Biblical Aramaic*, St.Andrews University Press.